*Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | №123-124 (4863-4864) | ЧОРШАНБЕ, 16 ОКТЯБРИ СОЛИ 2024 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад





## БАДАХШОН ОБОДУ ПЕШРАФТА ВА ЗИНДАГИИ СОКИНОН БЕҲТАР ШУДААСТ

**Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо роҳбарон ва фаъолони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон**

**14 октябри соли 2024, шаҳри Хоруғ**

**Ҳамватанони азиз!**
**Ҳозирини гиромӣ!**

Мулоқоти имрӯзаи мо дар даврае баргузор мегардад, ки мардуми шарифи Тоҷикистон дар арафаи омодагӣ ба таҷлили яке аз санаҳои воқеан таърихӣ - 30-солагии қабули нахустин Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол қарор доранд.

Бо қаноатмандӣ иброз медорам, ки Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон бо дастгириву ғамхории доимии Ҳукумати мамлакат сол ба сол ободу пешрафта ва сатҳу сифати зиндагии сокинони он мунтазам беҳтар гардида истодааст.

Дар ҷараёни сафари кории худ ба як қатор шаҳру ноҳияҳои вилоят мо даҳҳо иншооту биноҳои навбунёдро, ки натиҷаи ғамхориҳои давлату Ҳукумати мамлакат ва заҳмати аҳлонаи сокинони вилоят буда, боиси боз ҳам ободу зебо шудани шаҳру ноҳияҳо ва деҳоти онҳо гардидаанд, ифтитоҳ намудем.

Дар солҳои соҳибистиқлолӣ барои амалӣ намудани ҳадафу нақшаҳои созанда ба вилоят аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳои маблағгузорӣ беш аз 24 миллиард сомонӣ равона гардидааст.

Хусусан, барои дастгирии буҷети маҳаллӣ ҷиҳати сари вақт пардохт намудани маошу нафақа ва ҳалли дигар масъалаҳои мубрами аҳолии вилоят аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ беш аз 2,5 миллиард сомонӣ маблағгузорӣ карда шудааст. Дар ин давра ба соҳаи сохтмони вилоят аз ҳамаи сарчашмаҳо 6,5 миллиард сомонӣ маблағ равона гардида, бунёду навсозии зиёда аз ду ҳазор иншооти иҷтимоиву иқтисодӣ амалӣ гардидааст. Танҳо дар ҳашт моҳи соли равон сармоягузорӣ ба сармояи асосӣ 600 миллион сомониро ташкил додааст.

Дар даврони соҳибистиқлолӣ ҷиҳати бунёди манзилҳои истиқоматӣ ва беҳтар намудани шароити зиндагӣ ба зиёда аз 37 ҳазор оилаи вилоят 3765 гектар замин ҳамчун қитъаи замини наздиҳавлигӣ барои бунёди хонаи истиқоматӣ ҷудо карда дода шудааст, ки нисбат ба заминҳои наздиҳавлигии то соли 1991 додашуда беш аз се баробар зиёд мебошад. Яъне, бо назардошти он ки ҳоло дар вилоят ҳамагӣ 37400 оила ба қайд гирифта шудааст, ҳамаи оилаҳо пурра бо замини наздиҳавлигӣ таъмин гардидаанд. Дар муддати 75 соли замони гузашта ба сокинони вилоят ҳамагӣ 1200 гектар замин тақсим карда шуда буд.

Аҳолии вилоят аз 172 ҳазори соли 1991 ба беш аз 230 ҳазор дар соли 2023 расидааст, яъне қариб 60 ҳазор нафар зиёд шудааст.

То имрӯз дар масоҳати беш аз 1 миллион метри мураббаъ хонаҳои истиқоматӣ сохта ба истифода дода шудаанд. Фонди умумии манзил дар ин давра аз 1,6 миллион метри мураббаъ ба 3,6 миллион метри мураббаъ расидааст.

Аз ҷониби низоми бонкии кишвар ба соҳибкорон ва аҳолии вилоят беш аз 2,2 миллиард сомонӣ қарз дода шудааст, ки ду миллиард сомонии он қарзҳои хурд мебошанд.

Танҳо дар панҷ соли охир қарзҳои ба сокинони вилоят додашуда беш аз 880 миллион сомониро ташкил додаанд.

Дар натиҷаи тадбирҳои андешидаи Ҳукумати мамлакат маҷмӯи маҳсулоти дар вилоят тавлидшуда соли 2024-ум ба 1,9 миллиард сомонӣ расонида мешавад, ки нисбат ба соли 2000-ум 58 баробар зиёд аст.

Даромади пулии аҳолӣ дар вилоят соли 2023 ба 1,5 миллиард сомонӣ баробар шуд, ки нисбат ба соли 2022-юм 21,3 фоиз ва дар муқоиса бо соли 1995-ум 200 баробар зиёд мебошад. Дар назар аст, ки ин нишондиҳанда дар соли 2024 ба 1,7 миллиард сомонӣ баробар мегардад. Ҳамзамон бо ин, ҳаҷми бақияи пасандозҳои аҳолии вилоят дар солҳои соҳибистиқлолӣ аз 16,5 ҳазор сомонӣ ба 442 миллион сомонӣ расидааст. Танҳо дар панҷ соли охир ҳаҷми бақияи пасандозҳо 144 миллион сомонӣ зиёд гардидааст.

Нишондиҳандаҳои зикршуда гувоҳи равшани торафт баланд гардидани дороиҳо ва сатҳи некуаҳволии сокинони вилоят мебошанд.

Агар то соли 1991 дар вилоят ҳамагӣ 3,3 ҳазор воситаи нақлиёт, аз ҷумла 1,6 ҳазор воситаи нақлиёти боркаш ва дигар техника, ба қайд гирифта шуда бошад, пас дар соли 2024 нишондиҳандаҳои мазкур мутаносибан ба зиёда аз 15 ҳазор ва 2,9 ҳазор расидааст. Яъне, дар маҷмӯъ, воситаҳои нақлиёт қариб панҷ баробар ва мошинҳои боркаш ва дигар техника ду баробар зиёд шудааст.

Ҳукумати мамлакат барои таъмин намудани рушди иҷтимоиву иқтисодии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон минбаъд низ ҳамаи имконияту воситаҳои мавҷударо сафарбар намуда, ҷиҳати боз ҳам баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии сокинони он тадбирҳои заруриро амалӣ мегардонад.

**Ҳамватанони азиз!**

Бо назардошти он ки масъалаи роҳҳои бехатари нақлиётӣ яке аз мушкилиҳои асосии мардуми вилоят дар даврҳои гузашта ба ҳисоб мерафт, Ҳукумати мамлакат ҳанӯз аз солҳои нахустини соҳибистиқлолӣ барои бартараф намудани он тамоми тадбирҳои заруриро амалӣ гардонид ва ин равандро имрӯзҳо босуръат идома дода истодааст.

**(Давомаш дар саҳ. 7)**

## ИФТИТОҲИ ИНШООТИ ҶАШНИИ БАДАХШОН

**12-уми октябри соли 2024 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо мақсади шиносоӣ бо вазъи зиндагии мардум, ҷараёни корҳои ободонию созандагӣ, ифтитоҳи як қатор иншооти муҳим, суҳбату мулоқот бо сокинон ва иштирок дар тантанаҳои идона бахшида ба 33-юмин солгарди Истиқлоли давлатӣ ба Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ташриф оварданд.**

Сафари кории Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз ноҳияи Рӯшон оғоз гардид.




Дар фурудгоҳи муваққатии ноҳияи Рӯшон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, дигар шахсони расмӣ ва сокинони сарбаланду меҳмоннавози ноҳияи Рӯшон бо самимияти хоса, руҳияи идона ва меҳри беандоза истиқбол гирифтанд.

Барои истиқболи меҳмони олиқадр аҳли санъат ва ҳунар барномаи рангину фарҳангиро дар сатҳи баланд пешниҳод намуданд.

Дар ноҳияи Рӯшон барои дар сатҳи баланд истиқбол гирифтани Ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ тадбирҳои зиёди ободонӣ амалӣ гардида, раванди созандагиҳо вусъати тоза касб мекунанд.

Имрӯз симои ноҳия бо қомат афрохтани иншооту биноҳои муосир куллан тағйир ёфтааст ва қудуми файзбори Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба вусъати корҳои ободонӣ заминаи бештар мегузорад.

**12-уми октябри соли равон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нахуст дар маркази ноҳияи Рӯшон дар вазъияти тантанавӣ майдони Нишони давлатиро ифтитоҳ намуданд.**



Майдони Нишони давлатӣ дар маркази ноҳия дар масоҳати 600 метри мураббаъ дар асоси лоиҳаи ҷолиб, дар паҳлуи Парчами давлатӣ ҳамчун нишони эҳтирому арҷгузорӣ ба рамзҳои муқаддаси миллӣ бунёд шудааст. Баландии сутунпояи Нишони давлатӣ 20 метр буда, майдони назди он бо тахтасангҳои хоро ороиш ёфтааст.

Ба Сарвари давлат иттилоъ доданд, ки корҳои сохтмонӣ дар майдони Нишони давлатӣ моҳи июл оғоз ёфта, бо саҳми соҳибкорони бо нангу номуси ноҳияи Рӯшон ва сокинони маҳаллӣ дар муҳлати муайянгардида ва бо сифати баланд ба анҷом расонида шуд.

Бо мақсади ободу зебо ва назаррабо гардидани майдони Нишони давлатӣ даромадгоҳ ва роҳравҳо сафолпӯш карда шуда, гулҳои рангоранг, дарахтони ороишию ҳамешасабз шинонида шудааст. Чароғонии ин мавзеъ ва насби суҳбаткадаҳо имкон медиҳад, ки сокинону меҳмонони ноҳия рӯзона ва шабона сайругашт намоянд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба корҳои анҷомёфта баҳои баланд дода, масъулонро ба вусъат бахшидани корҳои созандагиву ободонӣ ҳидоят намуданд.

**12-уми октябри соли 2024 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар идомаи сафари корӣ дар ноҳияи Рӯшон аз гармхонаи ҶДММ «Сабзавоти кӯҳистон» боздид намуданд.**

ҶДММ «Сабзавоти кӯҳистон» дар асоси дастуру супоришҳои Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо мақсади таъсиси ҷойҳои кории нав ва фаровонии бозорҳои истеъмолӣ бо маҳсулоти тару тоза аз ҷониби соҳибкор Ҳамдам Давлатмамадов бунёд гардидааст.

Зимни шиносоӣ ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ доданд, ки гармхона дар масоҳати 1,5 гектар замин бунёд шуда, дар он намудҳои зиёди сабзавот, аз ҷумла помидор, қаламфури булғорӣ, бодиринг, боимҷон, кабудиҳо, гулкарам ва полезиҳо, кишту парвариш карда мешавад.

Бо таъсис ва ба фаъолият оғоз намудани ҶДММ «Сабзавоти кӯҳистон» ҳашт нафар сокини маҳаллӣ, ки дар самти кишоварзӣ таҷрибаи ғанӣ доранд, бо кори доимӣ ва 24 нафар бо кори мавсимӣ таъмин гардидаанд.

Масъулин бо истифодаи дурусти агротехникаи парвариши зироатҳо ва кишти такрорӣ ният доранд, ки ҳар сол аз 65 то 120 тонна маҳсулот ба даст оварда, дар таъмини бозори истеъмолии вилоят саҳм гузоранд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иқдоми соҳибкорро намунаи ибрат гуфта, аз ҷумла таъкид доштанд, ки вусъати бунёди гармхонаҳо дар шароити кӯҳистон метавонад қадами устувор дар самти ноил шудан ба таъмини амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолӣ ба сабзавоти тару тоза дар ҳама фасли сол бошад.

**(Давомаш дар саҳ. 2)**

## «ШАРИКӢ БА ХОТИРИ СУЛҲУ ШУКУФОӢ ВА ЭЪТИМОДИ ТАРАФАЙН»

**Бо ҳамин ном 14-уми октябри соли 2024 дар шаҳри Ашхободи Туркманистон ҷаласаи дуюми раисони парлумонҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Ҷумҳурии Корея баргузор гардид.**




Раиси Маҷлиси намояндагон Маҳмадтоир Зокирзода ҷониби Туркманистонро бо баргузории бомуваффақияти Ҳамоиши байналмилалӣ ба муносибати 300-солагии шоир ва мутафаккири туркман Махдумқулӣ Фироқӣ бо номи «Робитаи замонҳо ва тамаддунҳо - асоси сулҳу тараққӣ» табрик намуд.

- Боварӣ дорам, ки идомаи муколамаи мо дар доираи формати «Осиёи Марказӣ ва Ҷумҳурии Корея» минбаъд низ ба талошҳои муштарак ҷиҳати муайян намудани самтҳои ояндадори ҳамкории бисёрҷониба ва ба даст овардани натиҷаҳои амалӣ мусоидат хоҳад кард, - афзуд Маҳмадтоир Зокирзода. - Терроризми байналмилалӣ, экстремизм, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, киберҷиноят ва ҷиноятҳои фаромарзӣ ба кишварҳои мо таҳдиди ҷиддӣ доранд. Кишвари мо ин зуҳуротро дар ҳама шакл ҳамаҷониба маҳкум мекунад. Зимни суханронӣ дар иҷлосияи 79-уми Ассамблеяи СММ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вобаста ба вазъи кунунии ҷаҳон таъкид намуданд: «Имрӯз ҷаҳон дар шароити хеле осебпазир ва душвор қарор дорад. Равандҳои зиддиятноки геополитикӣ, авҷгирии «ҷанги сард», низоъҳои мусаллаҳона, оқибатҳои тағйирёбии иқлим ва дигар хатарҳо ва таҳдидҳои ҷаҳонӣ, бешубҳа, оқибатҳои манфии дарозмуддат хоҳанд дошт. Дар ин замина, муттаҳидсозии талошҳои муштараки ҷомеаи байналмилалӣ барои ҳифзи амният ва субот, таъмини рушди устувор беш аз ҳарвақта зарур аст. Аён аст, ки имконияти таъмини сулҳи пойдор, ҳаёти осоиштаи инсоният ва пешрафти кишварҳо, пеш аз ҳама, дар асоси ҳамдигарфаҳмӣ ва ҳамкории созанда ба вуҷуд меояд. Мо бояд барои расидан ба ин ҳадафҳо ва хотима додан ба ҳама ҷангҳо ва низоъҳо, ноил шудан ба ҳадафҳои осоишта муттаҳид шавем. Ҳоло вақти он расидааст, ки барои тақвияти нақши калидии Созмони Милали Муттаҳид дар ҳалли низоъҳо ва барқарор кардани сулҳу субот дар сайёра чораҳои муассир андешем».

Дар робита ба ин, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пешниҳод карданд, ки бо қатъномаи махсуси Созмони Милали Муттаҳид «Даҳсолаи таҳкими сулҳ ба хотири наслҳои оянда» қабул карда шавад.

- Мо итминон дорем, ки бо ҳамкорӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ метавонем ба раванди таъмини сулҳ, субот ва рушди устувор дар саросари ҷаҳон такони ҷиддӣ бахшем. Изҳори умед менамоям, ки қарорҳои дар ҷаласаи имрӯза қабулшуда боз як қадами муҳим дар роҳи рушди минбаъда ва таҳкими робитаҳои парлумонӣ байни кишварҳои мо хоҳад буд, - гуфт дар интиҳо Раиси Маҷлиси намояндагон Маҳмадтоир Зокирзода.



## МУЛОҚОТИ МАҲМАДТОИР ЗОКИРЗОДА БО ДУНЁГУЗЕЛ ГУЛМАНОВА

**14-уми октябри соли 2024 дар доираи сафар ба шаҳри Ашхобод Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода бо Раиси Парлумони Туркманистон Дунёгузел Гулманова мулоқот намуд.**

Дар мулоқот таъкид шуд, ки ҷонибҳо ҳамеша ба таҳкими робитаҳои мутақобилан судманд манфиатдоранд. Гурӯҳи байнипарлумонии дӯстӣ ва ҳамкорӣ бо Маҷлиси Туркманистон яке аз аввалин гурӯҳҳое буд, ки пас аз ба даст овардани Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон таъсис дода шуд.

- Мо, инчунин, ба идомаи кори гурӯҳи дӯстӣ оид ба ҳамоҳангсозии қонунгузорӣ, бахусус дар заминаи равандҳои ҳамгироӣ ва мувофиқан истифодаи пурраи имкониятҳо барои ҳамкорӣ, изҳори манфиатдорӣ менамоем. Байни кишварҳои мо ҳуҷҷатҳои муҳим ба имзо расидаанд, ки имкон медиҳанд ҳамкориҳои мутақобилан судманд дар соҳаҳои сиёсӣ, тиҷоратию иқтисодӣ, фарҳангӣ, гуманитарӣ ва дигар соҳаҳо бомуваффақият рушд намоянд, - гуфт М. Зокирзода.

Дар мулоқот, ҳамчунин, таъкид шуд, ки вазъи кунунии муносибатҳои Тоҷикистон ва Туркманистон тамоюли мунтазами рушдкунанда дорад. Дар онҳо ҷараёни амалисозии кӯшишҳои кишварҳо баҳри ҳамкории бисёрҷониба дар асоси иқтидорҳо ва талаботи ҳар ду кишвар ба мушоҳида мерасад.

**Муҳаммадато СУЛТОНОВ,**
**мудири шуъбаи матбуоти Дастгоҳи МНМО ҶТ**





# РӮШОН БА ШАРОФАТИ СОҲИБИСТИҚЛОЛӢ СОЛ БА СОЛ РУШДУ ТАРАҚҚӢ МЕКУНАД

**Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо роҳбарону фаъолон ва сокинони ноҳияи Рӯшон**

**12 октябри соли 2024, ноҳияи Рӯшон**

**Ҳамватанони азиз!**
**Ҳозирини гиромӣ!**

Қабл аз ҳама, ба кулли мардуми сарбаланди ноҳияи Рӯшон барои дастгирӣ аз сиёсати давлату Ҳукумати мамлакат, заҳмати содиқона ба хотири пешрафти Ватан ва истиқболи гарму самимӣ изҳори сипос менамоям.

Боиси ифтихор ва хушнудист, ки ба шарофати Истиқлоли давлатӣ Ватани азизамон пайваста ободу зебо гардида, ноҳияҳои дурдасти кӯҳистон, аз ҷумла ноҳияи Рӯшон, сол ба сол рушду тараққӣ карда истодаанд.

Ман ҳангоми сафарҳои корӣ ба шаҳру ноҳияҳои кишвар аз натиҷаҳои заҳмати ободгаронаву созандаи мардуми ватандӯстамон ҳамеша ифтихор мекунам, зеро мебинам, ки хурду бузурги мамлакат ба шарофати неъмати бебаҳои ҳастии хеш, яъне истиқлолу озодӣ барои пешрафти Тоҷикистони азизамон саъю талош мекунанд.

Аз ҷумла, дар ноҳияи Рӯшон барои истиқболи сазовори Ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ сохтмону навсозии 165 иншоот ба нақша гирифта шудааст.

То имрӯз, аллакай, 111 иншоот, аз ҷумла шаш корхонаи саноатӣ, панҷ иншооти соҳаи маориф, се иншооти соҳаи тандурустӣ ва 97 иншооти дигар бунёду таҷдид ва ба истифода дода шудааст, ки беш аз 67 фоизи нақшаро ташкил медиҳад.

Қобили зикр аст, ки танҳо дар соли 2023 ва ҳашт моҳи соли 2024 бо ташаббус ва саҳмгузории соҳибкорон ва шахсони саховатпеша дар ҳудуди ноҳия беш аз 50 километр роҳҳои маҳаллӣ аз таъмир бароварда шудаанд.

Имрӯз мо дар маркази ноҳия майдони Нишони давлатиро ҳамчун рамзи арҷгузорӣ ба муқаддасоти миллӣ ифтитоҳ намудем. Инчунин, дар маркази ноҳия биной маркази рушди кӯдак барои 120 ҷой ва дар деҳаи Баррӯшон биной муассисаи томактабӣ барои 120 кӯдак ба истифода дода шуд. Барои фарогирии 240 нафар кӯдакон шароити замонавӣ муҳайё кардан иқдоми хуб ва қобили таҳсин мебошад.

Корхонаҳои коркарди меваи хушк, истеҳсоли обҳои ташнашикан, консерва ва гармхонаи муосир, ки имрӯз ба фаъолият оғоз карданд, барои таъсиси даҳҳо ҷойи нави корӣ ва таъмин намудани бозори дохилӣ бо маҳсулоти истеҳсоли худӣ саҳми арзишманд мегузоранд. Илова бар ин, мо имрӯз бо лоиҳаҳои бунёди бинои панҷошёнаи истиқоматӣ бо 24 ҳуҷра барои хизматчиёни давлатӣ ва як корхонаи истеҳсолӣ шинос шудем.

Бо истифода аз фурсат ман ба ҳамаи соҳибкорону сармоягузорон, шахсони саховатпеша ва сокинони ноҳия, ки дар корҳои ободониву бунёдкорӣ саҳми ватандӯстона гузошта истодаанд, миннатдорӣ баён менамоям, зеро иқдому ташаббусҳои онҳо симои марказ ва деҳоти ноҳияро хеле дигаргун намуда, боиси боз ҳам беҳтар шудани шароити зиндагии сокинон мегарданд.

Ҳукумати мамлакат, дар навбати худ, бо мақсади таъмин намудани рушди бомароми ноҳияҳои дурдасти кӯҳистон, аз ҷумла ноҳияи Рӯшон, тамоми захираву имкониятҳоро сафарбар карда, дар ин раванд лоиҳаҳои бузурги сармоягузории давлатиро амалӣ намуда истодааст.

Шоҳроҳи байналмилалии Қалъаихумб - Ванҷ - сарҳади Рӯшон аз ҷумлаи чунин лоиҳаҳо мебошад, ки имрӯзҳо татбиқи он босуръат идома дорад. Яъне, соли оянда мо ин шоҳроҳро то сарҳади ноҳияи Рӯшон ифтитоҳ намуда, барои ба кишвари транзитӣ табдил додани Тоҷикистони маҳбубамон лоиҳаҳои минбаъдаро амалӣ месозем. Ҳамчунин, роҳҳои Рӯшон то деҳаи Варшези ноҳияи Шуғнон (235 километр), аз Варшез то гузаргоҳи Кулма - Қарасу (300 километр) лоиҳаҳои муҳиме мебошанд, ки Ҳукумати мамлакат ҳоло ҷиҳати дарёфти сарчашмаҳои маблағгузорӣ барои корҳои лоиҳакашии онҳо корбарӣ карда истодааст.

Арзиши лоиҳаи бунёду навсозии роҳи Қалъаихумб - Ванҷ - сарҳади Рӯшон 2,5 миллиард сомонӣ ва ду лоиҳаи дигари зикршуда, яъне Рӯшон - деҳаи Варшези ноҳияи Шуғнон ва Варшез - гузаргоҳи Кулма - Қарасу 8,3 миллиард сомониро ташкил медиҳад.

Илова бар ин, аз ҷониби Ҳукумати мамлакат барои таъмин намудани рушди иҷтимоиву иқтисодии ноҳия дар давоми 33 соли соҳибистиқлолии кишвар беш аз 1,1 миллиард сомонӣ равона карда шудааст. Дар ин давра, танҳо барои пӯшонидани хароҷоти буҷети ноҳия ва маблағгузории соҳаҳои мухталифи иҷтимоиву иқтисодии он аз буҷети ҷумҳуриявӣ 511 миллион сомонӣ ҷудо гардидааст. Ҳамзамон бо ин, ҳоло амалисозии «Барномаи рушди иҷтимоиву иқтисодии ноҳияи Рӯшон барои солҳои 2021-2025» идома дорад, ки дар он 60 лоиҳа ба маблағи умумии 103 миллион сомонӣ пешбинӣ шудааст. Ин лоиҳаҳо барои боз ҳам беҳтар гардидани шароити инфрасохтори ноҳия, бунёди иншооти истеҳсоливу хизматрасонӣ ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ равона шудаанд, вале то имрӯз ҳамагӣ 21 лоиҳа ё 35 фоизи барномаи зикршуда татбиқ гардидааст, ки андешидани тадбирҳои иловагиро аз ҷониби роҳбарияти вилоят, ноҳия ва вазорату идораҳои марбута тақозо менамояд.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Масъалаи рушди бахши хусусӣ зери таваҷҷуҳи доимии Ҳукумати мамлакат қарор дорад, зеро саҳми он дар татбиқи ҳадафҳои стратегии кишвар хеле муҳим мебошад.

Субъектҳои соҳибкорӣ дар пешрафти соҳаҳои саноат, кишоварзӣ ва корҳои ободониву бунёдкорӣ, хусусан, дар доираи омодагӣ ба Ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ нақши назаррас доранд.

Қобили зикр аст, ки соҳибкорони ноҳия дар доираи ҳадафи саноатикунонии босуръати кишвар ҷиҳати ташкили корхонаву коргоҳҳои истеҳсолӣ кӯшиш намуда, танҳо дар ҳашт моҳи соли 2024-ум нуҳ корхонаи нави саноатӣ таъсис додаанд ва ҳоло шумораи умумии корхонаҳо ба 16 расидааст. Бояд гуфт, ки соли 2022 дар ноҳия ҳамагӣ чор корхона фаъолият мекард. Дар ду даҳсолаи охир ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатии ноҳия ду баробар ва номгӯи он аз 6 ба 18 афзудааст.

Танҳо дар моҳҳои январ – августи соли 2024 дар ноҳия ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 20 фоиз афзудааст. Ин нишондиҳандаҳо, албатта, хуб мебошанд.

Вале дар ноҳия захираву имкониятҳои истифоданашуда, хусусан, дар соҳаҳои коркарди маъдан, истеҳсоли сангҳои ороишиву сохтмонӣ, коркарди ниҳоии маҳсулоти кишоварзӣ ва дар ин замина афзоиш додани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти гуногун ва рушди ҳунарҳои мардумӣ хеле зиёд мебошанд.

Хотиррасон менамоям, ки тибқи нақшаи корҳои созандагӣ то Ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ дар ҳудуди ноҳия бояд на кам аз даҳ корхонаву коргоҳи нави истеҳсолӣ бунёд карда шавад. Бинобар ин, роҳбарияти вилоят ва ноҳия, намояндаи Ҳукумати мамлакат вазифадоранд, ки якҷо бо Вазорати саноат ва технологияҳои нав ва Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ ҷиҳати истифодаи самараноки захираҳои мавҷуда барои рушди саноат тадбирҳои иловагӣ андешанд.

Тайи 33 соли соҳибистиқлолӣ дар ноҳияи Рӯшон дар доираи лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ 25 иншооти энергетикӣ ба маблағи 121 миллион сомонӣ бунёду таҷдид ва ба истифода дода шудааст.

Ҳоло сохтмони хати интиқоли барқи дузанҷираи 35 ва 110-киловолтаи «Бунӣ - Рӯшон» дар ҳудуди вилоят ва сохтмони зеристгоҳи «Ҷангал» дар наздикии деҳаи Вомари ноҳияи Рӯшон идома дорад, ки дар вақтҳои наздиктарин ба анҷом расонида мешавад ва имконияти интиқоли муназзами неруи барқ ба ноҳия бамаротиб баланд мегардад. Инчунин, корҳои лоиҳакашӣ барои сохтмони 42 километр хати интиқоли барқи 110-киловолта аз маркази ноҳия то зеристгоҳи «Вознавд» ба анҷом расидаанд ва бунёду ба истифода додани он то охири соли 2025 ба нақша гирифта шудааст.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Рушди соҳаи кишоварзӣ ва дар ҳама фаслҳои сол бо маҳсулоти озуқаворӣ таъмин намудани бозорҳои дохилӣ аҳамияти стратегӣ дошта, аз ҳар яки мо истифодаи самаранок ва оқилонаи имкониятҳоро дар ин самт тақозо менамояд.

Ҳукумати мамлакат ҷиҳати фароҳам сохтани шароити мусоид барои рушди соҳа ва зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ пайваста чораҷӯӣ карда истодааст.

Бо дастгириҳои Ҳукумат ва дар натиҷаи заҳмати пурмаҳсули кишоварзон дар даврони соҳибистиқлолӣ соҳаи кишоварзӣ дар ноҳияи Рӯшон мунтазам рушд ёфта, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот дар соли 2023 ба 108 миллион сомонӣ расонида шудааст, ки нисбат ба соли 2000-ум даҳ баробар зиёд мебошад.

Истеҳсоли ғалладонагиҳо дар муқоиса бо солҳои аввали соҳибистиқлолӣ 3,3 баробар, картошка - 5,2, сабзавот - 6,7, мева - 6,6, истеҳсоли гӯшт - 1,5, шир - 2 ва тухм 119 баробар зиёд гардидааст.

Дар якуним соли охир 46 гектар заминҳои бекорхобида ба гардиши кишоварзӣ ворид карда шуда, 10 ҳазор бех дарахти павлония шинонда шудааст ва илова бар ин, дар майдони зиёда аз ду гектар гармхона бунёд гардидааст.

Дар даврони соҳибистиқлолӣ соҳаи чорводории ноҳия низ рушд ёфта, тибқи маълумоти оморӣ дар соли 2024 дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидории ноҳия нисбат ба соли 1991 саршумори чорвои калон 48 фоиз, аз ҷумла чорвои ширдеҳ 1,5 баробар, қутос 1,6 баробар, чорвои майда 53 фоиз ва паранда 12 баробар зиёд шудааст.

Дар баробари ин, хотиррасон месозам, ки иқлими ноҳияи Рӯшон барои рушди соҳаи растанипарварӣ мусоид буда, метавонад дар таъмини бозори дохилӣ бо маҳсулоти аз лиҳози экологӣ тоза ва бо ҷойи кор таъмин намудани аҳолӣ нақши муҳим гузорад.

Бинобар ин, зарур аст, ки ҷиҳати беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳо ва истифодаи оқилонаи ҳар як ваҷаб замин, аз ҷумла заминҳои президентӣ ва наздиҳавлигӣ ва дар ин замина зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ тадбирҳои зарурӣ андешида шаванд.

**Ҳамватанони азиз!**

Дар ноҳияи Рӯшон тайи даврони соҳибистиқлолӣ 29 бинои муассисаи таълимӣ ва синфхонаҳои иловагӣ бо 3700 ҷойи нишаст сохта ба истифода дода шудаанд.

Мехоҳам бо қаноатмандӣ иброз намоям, ки дохилшавии хатмкардагони мактабҳои ноҳия ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар соли таҳсили 2023 – 2024-ум 91,5 фоизро ташкил додааст.

Соли ҷорӣ тибқи Квотаи президентӣ аз ноҳия 16 нафар, аз ҷумла 8 нафар духтарон ба донишгоҳу донишкадаҳои кишвар дохил шудаанд.

Умуман, дар зарфи солҳои Истиқлоли давлатӣ аз ноҳияи Рӯшон тавассути Квотаи президентӣ 460 нафар соҳиби ихтисос гардида, ҳоло дар соҳаҳои гуногун фаъолият карда истодаанд.

Дар баробари пешравиҳои зикршуда, дар муассисаҳои таълимии ноҳия як қатор мушкилоти ҳалталаб, аз ҷумла норасоии лавозимоти озмоишгоҳӣ, кабинетҳои фаннӣ, таъмин набудани баъзе мактабҳо бо гармӣ ва дар ҳолати садамавӣ қарор доштани нуҳ бинои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мавҷуданд, ки андешидани тадбирҳои иловагиро талаб менамоянд.

Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия дар ҳамкорӣ бо Вазорати маориф ва илм бояд ҷиҳати беҳтар кардани шароити таълиму тарбия ва боз ҳам баланд бардоштани сатҳу сифати таълим чораҷӯӣ намоянд. Ҳамчунин, зарур аст, ки дар самти беҳтар кардани шароити муассисаҳои тиббӣ, таъмин намудани онҳо бо кадрҳои баландихтисос ва баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасонии тиббӣ ба аҳолӣ тадбирҳои зарурӣ андешида шаванд.

**Ҳамдиёрони азиз!**

Тавре ки мушоҳида мегардад, ноҳияи Рӯшон дар натиҷаи амалӣ гардидани тадбирҳои андешидаи Ҳукумати мамлакат ва албатта, заҳмати софдилонаи мардум хеле ободу зебо ва пешрафта гардида, сатҳу сифати зиндагии сокинони он торафт беҳтар шуда истодааст.

Барои идома додани ин раванд, яъне боз ҳам беҳтар гардонидани шароити зиндагии ҳар як оила, мо бояд бештар заҳмат кашем, захираву имкониятҳои мавҷударо самаранок истифода барем, коргоҳу корхонаҳои истеҳсолӣ бунёд намоем ва ҳар чӣ бештар маҳсулот истеҳсол кунем. Дар ин раванд, зарур аст, ки ба масъалаи муҳайё кардани ҷойҳои нави корӣ, аз ҷумла тавассути рушд додани ҳунармандиву косибӣ, дӯзандагиву бофандагӣ ва дигар ҳунарҳои мардумӣ эътибори ҷиддӣ зоҳир карда шавад.

Мо бояд суннатҳои неки миллӣ ва хусусан, сарфаю сариштакориро риоя намуда, фарзандонамонро дар руҳияи ватандӯстӣ, ифтихори миллӣ ва худшиносиву худогоҳӣ тарбия кунем. Илова бар ин, ҳар яки мо бо назардошти вазъи нооромӣ ҷаҳони имрӯза ҳамеша ҳушёру зирак ва барои ҳимояи манфиатҳои миллату давлатамон омода бошем.

Бовар дорам, ки мардуми ватандӯсту матинироди ноҳияи Рӯшон дар ҷодаи ҳифзи дастовардҳои таърихии халқамон, ҳимояи манфиатҳои давлати соҳибистиқлоламон ва миллати куҳанбунёдамон, ободии Ватани маҳбубамон - Тоҷикистон минбаъд низ бо ҳисси баланди миллӣ ва ватандӯстиву ватанпарастӣ кору фаъолият мекунанд ва бо заҳмати содиқонаву софдилонаи худ ин гӯшаи сарзамини аҷдодиамонро боз ҳам ободу пешрафта мегардонанд.

Дар интиҳо ба кулли мардуми меҳмоннавозу сарбаланди ноҳия ва ҳамаи шумо - ҳозирини арҷманд саломатӣ, хонаи обод ва барори кор мехоҳам.

**Ҳамеша хушбахту пирӯз бошед, ҳамдиёрони азиз!**

# ИФТИТОҲИ ИНШООТИ ҶАШНИИ БАДАХШОН

(Идома аз саҳ. 1)

Пас аз шиносоӣ аз ҳолати нашъунамои сабзавот ва иқтидори гармхона Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз намоиши маҳсулоти кишоварзӣ дидан намуданд.

Дар намоишгоҳ анвои гуногуни маҳсулоти кишоварзӣ, аз ҷумла меваю сабзавот ва полезию донагиҳо, ки маҳсули заҳмати хоҷагидорони ноҳия мебошанд, мавҷуд буд.



Тибқи маълумот, масоҳати заминҳои кишоварзӣ дар ноҳияи Рӯшон зиёда аз 1600 гектарро ташкил намуда, хоҷагидорон бо истифода аз техникаҳои муосири соҳавӣ ва дуруст ба роҳ мондани қоидаҳои агротехникӣ ҳамасола ба дастовардҳои назаррас ноил мегарданд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои дастгирии давлатии хоҷагиҳои деҳқонии ноҳия як қатор техника ва мошинолоти соҳавӣ тақдим намуда, барои ба гардиши кишоварзӣ ворид намудани заминҳои бекорхобида, истифодаи оқилонаи замин, рӯёнидани аз ду то се ҳосил ва саҳм гузоштан дар татбиқи ҳадафи стратегии кишвар - таъмини амнияти озуқаворӣ ба масъулин дастуру супоришҳои мушаххас доданд.



**12-уми октябри соли 2024 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба фаъолияти Корхонаи ҶДММ «Неъматҳои Рӯшон» оғоз бахшиданд.**

ҶДММ «Неъматҳои Рӯшон» дар доираи дастуру ҳидоятҳои Роҳбари давлат барои рушди истеҳсолоти ватанӣ, таъсиси ҷойҳои кории нав ва таъмини зиндагии шоистаи шаҳрвандон аз ҷониби соҳибкори ватандӯст Ниёзбегим Абдулова таъсис ёфт.

Корхона аз рӯи самти фаъолият дар ноҳия аввалин буда, иқтидори истеҳсолии он дар як сол 1200 тонна меваи хушк ва 500 ҳазор қуттии шартии консерваи меваю сабзавотро ташкил медиҳад.

Зимни шиносоӣ ба Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ доданд, ки иншооти нави саноатӣ дорои чор хати истеҳсолӣ буда, дар он 12 номгӯи маҳсулоти аз лиҳози экологӣ тоза бо риояи стандартҳои ватанию ҷаҳонӣ бароварда мешавад.

Бо бунёд ва ба фаъолият оғоз намудани ҶДММ «Неъматҳои Рӯшон» 25 сокини маҳаллӣ, аз ҷумла 15 зан, бо кор ва маоши хуб таъмин шуда, шумораи умумии коргарон дарояндаи наздик ба 100 нафар расонида мешавад.

Ашёи хом, яъне меваю сабзавот аз хоҷагиҳои деҳқонии ноҳия харидорӣ шуда, дар шаш сардхона нигоҳдорӣ мешаванд. Сардхонаҳо, ки дар маҷмӯъ, иқтидори ғунҷоиши 1000 тонна маҳсулотро доранд, ба таъмини фаъолияти муназзами корхона дар ҳама фасли сол мусоидат менамоянд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иқдоми соҳибкорро барои дар шароити кӯҳистон бунёд намудани чунин корхонаи саноатӣ намунаи ибрат гуфта, аз ҷумла иброз доштанд, ки ин тадбир метавонад ба истифодаи оқилонаи замин, гирифтани ҳосили зиёд ва беҳтар шудани сатҳи зиндагии шаҳрвандон мусоидат намояд.



Ҳамзамон, Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз намоиши маҳсулоти корхона дидан намуда, ба масъулин барои зиёд намудани номгӯи маҳсулот ва ғановати бозори истеъмолӣ маслиҳатҳои муфид доданд.

Сипас, ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон лоиҳаи бунёди маркази савдо ва хизматрасонӣ, ки дар шафати ҶДММ «Неъматҳои Рӯшон» сохта мешавад, муаррифӣ гардид.

Иншоот бо тарҳи замонавӣ бунёд шуда, дорои ошхона, маркази фурӯши армуғонҳо, меҳмонхона ва дигар иншооти ёрирасон мебошад.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати иҷрои босифати корҳои сохтмонӣ ва дар муҳлати муайян бунёд намудани иншоот ба масъулин дастурҳои мушаххас доданд.

**12-уми октябри соли 2024 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ноҳияи Рӯшон бо лоиҳаи ангоравии бинои панҷошёнаи истиқоматӣ барои хизматчиёни давлатӣ, ки дар маркази ноҳия сохта мешавад, шинос шуданд.**

Зимни муаррифии лоиҳа масъулон ба Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ доданд, ки бинои мазкур аз панҷ ошёна иборат буда, дар масоҳати 0,22 гектар сохта хоҳад шуд.

Ҳангоми таҳияи лоиҳа 24 хонаи истиқоматии як, ду ва сеҳуҷрагӣ ба нақша гирифта шудааст. Мактабу боғчаи бачагон, дармонгоҳу марказҳои савдою хизматрасонӣ дар наздиктарин масофа ҷойгир мебошанд.

Фармоишгари иншоот Муассисаи давлатии «Дирексияи сохтмонии иншооти ҳукуматӣ»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, ҳоло корҳои оҳанубетонӣ дар таҳхонаи иншоот бомаром идома дорад.

Дар сохтмони иншоот 28 нафар сокини маҳаллӣ ба кор таъмин гардида, бо гузариш ба ошёнаҳои якум ва дуюм иловатан 20 нафари дигар ба кор ҷалб карда мешаванд.

Тавре таъкид гардид, таъмини хизматчиёни давлатӣ ва аъзои оилаи онҳо бо манзили истиқоматӣ доимо дар маркази таваҷҷуҳи Пешвои миллат қарор дорад.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни шиносоӣ бо лоиҳаи бино ба масъулон маслиҳатҳои муфид дода, зимни иҷрои корҳо истифодаи масолеҳи босифати сохтмонӣ, санъати меъмории миллӣ ва риояи талаботи муосири шаҳрсозиро ҳатмӣ арзёбӣ намуданд.

Сипас, ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон лоиҳаи корхонаи «Сендвич Панел» муаррифӣ карда шуд. Оянда дар корхонаи мазкур бо насби технологияи нав истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ, аз ҷумла ангарҳои гуногунандоза, ба роҳ монда мешавад.

Корхонаи муосири истеҳсолӣ аз ҷониби соҳибкорони ватандӯст ба хотири таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва истеҳсоли маҳсулоти хушсифати ивазкунандаи воридот сохта мешавад.

Ба Сарвари давлат иттилоъ доданд, ки маҳсулоти истеҳсолшуда дар корхона асосан барои соҳаи моҳипарварӣ, махсусан ҳавзҳои муосири парвариши гулмоҳӣ, пешбинӣ гардидааст.

Дар асоси фармоиш, ҳамзамон, истеҳсоли ангарҳои гуногунандоза барои бомпӯшнамоии иншооти ёрирасон низ ба роҳ монда мешавад. Барои бунёди корхона аллакай 3,5 гектар замин ҷудо шуда, тахту ҳамворкунии зери иншоот амалӣ гардидааст ва корҳои сохтмонӣ бояд оғоз шаванд. Технологияи навтарин барои корхона аз Ҷумҳурии Мардумии Чин ворид ва насб карда мешавад.

Ба Пешвои миллат иттилоъ доданд, ки агар барои бунёди як ҳавзи парвариши гулмоҳӣ тавассути оҳану бетон то 100 ҳазор сомонӣ хароҷот шавад, арзиши ҳамин андоза ҳавзи металлӣ ба 40 ҳазор сомонӣ баробар мегардад.

Ноҳияи Рӯшон барои парвариши гулмоҳӣ басо созгор аст. Барои парвариши ин навъи моҳӣ соҳибкорон аллакай 12 гектар заминро дар соҳили рӯди деҳаи Хуф ба нақша гирифтаанд. Дар ин мавзеъ оянда тавассути ангарҳои металлӣ ҳавзҳои муосири моҳипарварӣ бунёд гардида, имкони истеҳсоли 1000 тонна гулмоҳӣ ва таъмини наздик ба 50 нафар сокини маҳаллӣ бо ҷойҳои нави корӣ муҳайё мегардад.

Баъди шиносоӣ бо лоиҳаи корхонаи «Сендвич Панел» Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба соҳибкорони ватандӯст барои бунёди чунин корхонаи муосир, дастгирии ташаббусҳои созандаи Ҳукумати кишвар ва ташкили ҷойҳои нави корӣ изҳори сипос намуданд.

Бояд ёдовар шуд, ки дар ноҳияи Рӯшон дар доираи сазовор истиқбол гирифтани Ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ 165 иншоот ба нақша гирифта шуда, 115-тои он аллакай мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтааст ва дар 50 иншооти дигар корҳои сохмонӣ идома дорад.

**12-уми октябри соли равон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар тарабхонаи «Сафина» бо 100 нафар ятимон ва маъюбони ноҳияҳои Ванҷ, Дарвоз, Шуғнон ва Рӯшон суҳбати самимӣ оростанд.**

Тибқи иттилои масъулин ҳоло дар ноҳияи Рӯшон қариб 240 ятим, аз ҷумла 7 нафар ятими кулл ва наздики 100 нафар шахси маъюб, ба қайд гирифта шудаанд, ки ҳамаи онҳо таҳти таваҷҷуҳу ғамхорӣ ва парастории Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор доранд. Ҳоло дар ноҳия барои ба таълиму тарбия фаро гирифтани онҳо як мактаб-интернати ҷумҳуриявӣ ва як мактаб-интернати наздимактабӣ фаъолият менамояд.

Бо давра ба давра таҳким бахшидани муассисаҳои таълимӣ барои кӯдакони ятиму бепарасторе, ки бо амри тақдир аз падар ё модар маҳрум мондаанд, сатҳу сифати нигоҳубини онҳо дар муассисаҳои таълимӣ бамаротиб беҳтару хубтар мешавад ва ин раванд оянда низ идома меёбад.

Хурсандиовар аст, ки дар пайравӣ ба иқдому ташаббусҳои инсондӯстонаи Пешвои миллат дар тамоми шаҳру ноҳияҳо аз тарафи шахсони алоҳида ба ятимону бепарасторон, маъюбон ва оилаҳои ниёзманд пайваста кумак расонида мешавад.

Ятимону маъюбон суҳбату вохӯрии имрӯзаро бесаброна интизор буданд, зеро ба андешаи онҳо суханҳои инсондӯстонаи Пешвои миллат барояшон умеди тоза мебахшад.

(Давомаш дар саҳ. 3)





# СОКИНОНИ ВАТАНДӮСТИ РОШТҚАЛЪА ДАР ҶОДАИ ОБОДИИ САРЗАМИНИ АҶДОДӢ БО ҚАДАМҲОИ УСТУВОР ПЕШ МЕРАВАНД

**Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо роҳбарон ва фаъолони ноҳияи Роштқалъа**

**12 октябри соли 2024, ноҳияи Роштқалъа**

**Ҳамватанони азиз!**
**Ҳозирини гиромӣ!**

Дар ибтидо ба мардуми сарбаланди ноҳияи Роштқалъа ва ҳамаи шумо - ҳозирини муҳтарам барои пазироии гарму самимӣ изҳори сипос менамоям.

Дар ҷараёни ҳар як сафари корӣ хуб мушоҳида мегардад, ки сокинони ватандӯсту заҳматкарини ноҳия бо шукргузорӣ аз неъмати озодиву соҳибихтиёрӣ дар ҷодаи ободии диёри худ ва сарзамини аҷдодӣ бо қадамҳои устувор пеш рафта истодаанд.

Мо зимни сафари кории имрӯза низ шоҳиди рушду ободии ин гӯшаи Тоҷикистони азизамон гардидем.

Дар ноҳия имрӯз мо биноҳои нави муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 26-и деҳоти Роштқалъа ва якчанд иншооти дигарро ифтитоҳ намудем. Ҳамчунин, бо ҷараёни корҳо дар сохтмони Нерӯгоҳи барқи обии «Себзор» шинос шуда, хатҳои интиқоли барқи баландшиддати 110-киловолтаи «Хоруғ - Қозидеҳ» ва 35-киловолтаи «Сурхсангов - Ванҷ», инчунин, пули мошингузари нерӯгоҳро мавриди истифода қарор додем.

Танҳо дар ду соли охир ҷиҳати татбиқи лоиҳаи сохтмони Нерӯгоҳи барқи обии «Себзор» беш аз 205 миллион сомонӣ равона гардида, бунёди он то охири соли 2025 ба анҷом расонида мешавад.

Хотирнишон менамоям, ки баробари ба фаъолият оғоз кардани ин нерӯгоҳ таъминоти барқ дар ноҳия, инчунин, дар қаламрави вилоят беҳтар гардида, содироти он ба деҳоти наздисарҳадии давлати ҳамсояи Афғонистон меафзояд.

Бо истифода аз фурсат ман ба ҳамаи муҳандисону мутахассисон ва бунёдгарони ин иншооти муҳими энергетикӣ барои заҳмати шабонарӯзӣ сипосу миннатдорӣ баён менамоям.

Аз ҷониби Ҳукумати мамлакат барои таъмин намудани рушди иҷтимоиву иқтисодии ноҳияи Роштқалъа ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии сокинони он дар муддати 33 соли соҳибистиқлолӣ беш аз 1,5 миллиард сомонӣ равона карда шудааст.

Ғайр аз ин, то имрӯз дар ҳудуди ноҳия даҳ лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи 62 миллион сомонӣ амалӣ гардида, ҳоло иҷрои корҳо дар доираи чор лоиҳаи дигар ба маблағи зиёда аз 740 миллион сомонӣ идома дорад.

Дар доираи лоиҳаҳои амалигардида сохтмон ва муҷаҳҳазгардонии мактабҳо, дастрас гардонидани баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои тиббӣ, нигоҳдории роҳҳо, бо барқ таъмин намудани деҳаҳо, дастгирии гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ ва хоҷагиҳои кишоварзӣ, инчунин, пешгирӣ кардани офатҳои табиӣ анҷом дода шудааст.

Тибқи таҳлилҳо иқдомоти то имрӯз амалигардида ба хеле беҳтар гардидани шароити зиндагии аҳолии ноҳия мусоидат намудаанд. Илова бар ин, бо мақсади ҳалли мушкилоту масъалаҳои иҷтимоӣ ва баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии сокинон «Барномаи рушди иҷтимоиву иқтисодии ноҳияи Роштқалъа барои солҳои 2021-2025» амалӣ гардида истодааст, ки дар он иҷрои 92 лоиҳа ба маблағи умумии 222 миллион сомонӣ пешбинӣ шудааст. Дар доираи барномаи мазкур то имрӯз 21 лоиҳа татбиқ шудааст, яъне иҷрои он ҳамагӣ 23 фоиз таъмин гардидааст.

Бо назардошти он ки то ба анҷом расидани муҳлати барнома як соли дигар боқӣ мондааст, роҳбарияти вилоят ва ноҳия ҳамкориро бо вазорату идораҳо ва бахши хусусӣ густариш дода, ҷиҳати иҷрои барнома аз тамоми захираву имкониятҳои мавҷуда самаранок истифода намоянд.

**Ҳамватанони азиз!**

Ман дар сафарҳои худ ба шаҳру ноҳияҳои кишвар ҳамеша таъкид менамоям, ки ҳодисаву равандҳои дар ҷаҳони имрӯза, аз ҷумла гармшавии иқлим ва пайомадҳои ногувори он - камобиву хушксолии пай дар пай ва офатҳои табиӣ ба таъмин намудани аҳолии сайёра бо маводи ғизоӣ таъсири манфӣ расонида истодаанд. Бинобар ин, рушди соҳаи кишоварзӣ ва дар ҳама фаслҳои сол бо маҳсулот таъмин намудани бозори истеъмолии кишвар аҳамияти торафт бештар пайдо карда, аз ҳар яки мо истифодаи самараноку оқилонаи имкониятҳои мавҷуда, аз ҷумла обу заминро тақозо менамояд.

Ноҳияи Роштқалъа барои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, аз ҷумла картошка, ғалладонагиҳо, лӯбиёгиҳо, меваю сабзавот ва чорводорӣ шароиту имкониятҳои мусоид дорад.

Аз таҳлилҳо бармеояд, ки дар ноҳия ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ сол ба сол зиёд мегардад ва аз ин ҳисоб хоҷагиҳои кишоварзӣ ва аҳолӣ даромади хуб мегиранд.

Дар даврони соҳибистиқлолӣ дар ноҳия афзоиши истеҳсоли гӯшт 1,6 баробар, ғалладонагиҳо - 2, картошка - 3,4, сабзавот - 2,8, мева - 67 ва истеҳсоли шир 2,3 баробарро ташкил кардааст. Ин, албатта, қобили таҳсин аст.

Роҳбарону мутахассисон, хоҷагиҳои деҳқонӣ ва тамоми сокинони ноҳияро зарур аст, ки раванди афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулотро минбаъд низ идома дода, аз шароити беҳтарине, ки дар ноҳия вуҷуд дорад, аз ҷумла обу замин, самараноку оқилона истифода баранд.

Дар ноҳияи Роштқалъа ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ низ мунтазам афзоиш ёфта, аз 2,6 миллион сомонии соли 2000-ум ба 4,4 миллион сомонӣ дар соли 2023 расидааст, яъне қариб ду баробар зиёд шудааст.

Дар ҳафт моҳи соли 2024 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатии ноҳия нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 27 фоиз зиёд гардидааст, вале бо вуҷуди супоришҳои додашуда дар ин давра либоси мактабӣ умуман истеҳсол нашудааст.

Ҳоло дар ноҳия нуҳ корхонаи саноатӣ фаъолият дошта, соли ҷорӣ панҷ корхонаи нав таъсис дода шудааст.

Хотиррасон менамоям, ки тибқи нақша то Ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ дар ҳудуди ноҳия иловатан на кам аз чор корхонаву коргоҳи истеҳсолӣ бояд бунёд карда шавад.

Дар ноҳия барои рушди соҳаҳои коркарди маъдан, истеҳсоли сангҳои ороишиву сохтмонӣ, коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, ҳунарҳои мардумӣ ва бо ҳамин роҳ таъсис додани садҳо ҷойи нави корӣ барои сокинон захираву имкониятҳои зиёд мавҷуданд ва роҳбарону масъулон бояд барои истифодаи ҳар чӣ бештару самараноки онҳо тадбирҳои заруриро роҳандозӣ намоянд.

Бо ин мақсад ба Бонки миллӣ, КВД БА ҶТ «Амонатбонк», «Саноатсодиротбонк» ва дигар ташкилотҳои қарзӣ зарур аст, ки ҷиҳати беҳтар намудани дастрасии соҳибкорон ва аҳолӣ ба воситаҳои молиявии нисбатан арзон чораҳои мушаххас андешанд.

Зимни сафари кории соли гузаштаи мо дар ноҳияи Роштқалъа бинои шуъбаи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ ба истифода дода шуда буд.

Дар ошёнаи якуми он маркази таълими калонсолон ҷойгир буда, ҷиҳати ба касбомӯзиву забономӯзӣ фаро гирифтани шаҳрвандони бекор ҳамаи шароити зарурӣ муҳайё карда шудааст. Илова бар ин, дар назди марказ якчанд синфхона барои омӯхтани касбҳои қаннодиву ошпазӣ, дӯзандагӣ, технологияи коммуникатсионӣ, таъмиргари таҷҳизоти сантехникӣ ва асбобҳои барқӣ ташкил гардидааст, ки дар нуҳ моҳи соли равон 361 нафар сокинони маҳаллӣ, аз ҷумла 206 нафар занону духтаронро ба касбомӯзӣ фаро гирифтааст.

Дар робита ба ин, хотиррасон месозам, ки бо назардошти мавҷудияти сангҳои қиматбаҳову ороишӣ дар ҳудуди ноҳия тавассути ба роҳ мондани коркарди онҳо ва рушди косибиву ҳунармандӣ садҳо нафар шаҳрвандонро бо ҷойи кор таъмин кардан мумкин аст.

**Ҳамватанони азиз!**

Дар давраи соҳибистиқлолии кишвар дар ноҳияи Роштқалъа 12 бинои нав ва биноҳои иловагӣ дар назди муассисаҳои таълимӣ барои зиёда аз 2 ҳазор хонанда сохта ба истифода дода шудаанд.

Имрӯз мо бинои нави муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 26-ро барои 1280 хонанда, ки аз ҷониби Муассисаи давлатии «Дирексияи сохтмони иншооти ҳукуматӣ»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бунёд гардидааст, мавриди истифодабарӣ қарор додем.

Ҳукумати кишвар бо мақсади дастгирии аҳолии ноҳияҳои дурдаст ва бо мутахассисони маҳаллӣ таъмин намудани соҳаҳои мухталифи онҳо ҷиҳати фарогирии сокинони ин ноҳияҳо ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ пайваста чораҳои зарурӣ меандешад.

Аз ҷумла, дар даврони соҳибистиқлолӣ 561 нафар хатмкардаи мактабҳои ноҳияи Роштқалъа тибқи Квотаи президентӣ ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар қабул гардидаанд. Ҳоло дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ тибқи Квотаи президентӣ аз ноҳия 173 нафар таҳсил карда истодаанд ва соли ҷорӣ боз 15 нафар хатмкардагон тибқи квота ба ин муассисаҳо дохил шудаанд.

Имрӯзҳо танҳо дар муассисаҳои таҳсилоти олии тиббии кишвар 45 нафар фарзандони боистеъдоди мардуми ноҳияи Роштқалъа таҳсил карда истодаанд, ки 44 нафари онҳо бо Квотаи президентӣ қабул гардидаанд.

Бо вуҷуди натиҷаҳои назаррас, дар соҳаи маорифи ноҳия ҳанӯз як қатор масъалаҳои ҳалталаб, аз ҷумла нарасидани таҷҳизоту маводи зарурӣ барои кабинетҳои фаннӣ, иҷро нагардидани барномаи таъмин намудани муассисаҳои таълимӣ бо кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимӣ ҷой доранд, ки бояд ҳар чӣ зудтар бартараф карда шаванд. Инчунин, 11 муассисаи таълимӣ дар ҳолати садамавӣ қарор дорад, ки роҳбарияти Вазорати маориф ва илм ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят ва ноҳия бояд барои ҳалли ин масъала низ чораҳои мушаххас андешанд.

Ҳамчунин, роҳбарияти ноҳия ва масъулини соҳаи тандурустиро зарур аст, ки ба масъалаи истифодаи мақсадноки маблағҳои ҷудогардида, таҷҳизоти тиббӣ ва боз ҳам беҳтар намудани заминаи моддиву техникии муассисаҳо таваҷҷуҳи бештар зоҳир намуда, дастрасии хизматрасониҳои тиббиро ба сокинони ноҳия таъмин намоянд.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Ба ифтихори Ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ дар ноҳияи Роштқалъа бунёду таҷдиди 206 иншооти гуногун ба маблағи умумии қариб як миллиард сомонӣ ба нақша гирифта шудааст. То имрӯз 97 иншоот ба маблағи 131 миллион сомонӣ сохта ба истифода дода шудааст, ки 47 фоизи нақшаро ташкил медиҳад.

Бовар дорам, ки роҳбарият, соҳибкорон ва аҳолии ватандӯсти ноҳия якҷо бо вазорату идораҳои дахлдор дар муҳлатҳои муайянгардида ва бо сифати баланд ба истифода додани иншооти боқимондаро таъмин менамоянд.

Бори дигар таъкид менамоям, ки вазифаи роҳбарону фаъолони ноҳия, раисони ҷамоату маҳаллаҳо, аҳли зиё ва падару модарон аз он иборат аст, ки минбаъд низ мардум ва хусусан ҷавононро ба таҳкими сулҳу субот, ваҳдати миллӣ, риояи қонуну тартиботи ҳуқуқӣ, яъне волоияти қонун, корҳои созандагиву ободкорӣ ва сарфаю сариштакорӣ роҳнамоиву сафарбар созанд. Дар ин раванд зарур аст, ки ба масъалаи кумаку дастгирии ятимону маъюбон ва оилаҳои камбизоат, инчунин, дар руҳияи худшиносиву ватандӯстӣ, омӯхтани илму дониш ва касбу ҳунар тарбия кардани фарзандон эътибори ҷиддӣ дода шавад.

Бо эътимоди комил иброз медорам, ки мардуми бонангу номуси ноҳияи Роштқалъа анъанаҳои неки аҷдодиамонро идома бахшида, бо сарҷамъиву муттаҳидӣ минбаъд низ барои пешрафту ободии Ватани маҳбуби худ - Тоҷикистони соҳибистиқлол саҳми арзишманд мегузоранд ва ба дастовардҳои боз ҳам бештари иҷтимоиву иқтисодӣ ноил мегарданд.

Дар татбиқи ҳадафу нақшаҳои неку созанда ба сокинони ватандӯсту сарбаланди ноҳияи Роштқалъа барори кор ва муваффақият орзу менамоям.

**Ҳамеша саломату сарбаланд бошед, ҳамдиёрони азиз!**

**(Идома аз саҳ. 2)**

# ИФТИТОҲИ ИНШООТИ ҶАШНИИ БАДАХШОН

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни вохӯрӣ бо ятимону маъюбон иштироки онҳоро дар озмунҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ муҳим маънидод намуда, ба масъулон дар самти таъмини иштироки фаъолонаашон дар ҳама озмунҳо ва дар руҳияи ватандӯстӣ ба воя расидан дастуру маслиҳатҳо доданд.

Сарвари давлат ба ятимону маъюбон либос, ширинӣ ва дигар туҳфаҳои арзишманд тақдим карданд, ки ин боиси шодию нишоти онҳо гардид.

**12-уми октябри соли 2024 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маркази ноҳияи Рӯшон бо бардоштани парда аз рӯи лавҳаи рамзӣ бинои хуштарҳу муосири маркази инкишофи кӯдакони «Шайдо»-ро ифтитоҳ намуданд.**



Дар ин рӯз хурсандии сокинони ноҳия ва беш аз 120 нафар кӯдакон ҳадду канор надошт, зеро маҳз бо иштироки Сарвари давлат барояшон бинои зебову замонавии сеошёнаи маркази инкишофи кӯдакон ба фаъолият шурӯъ намуд.

Маркази таълимии томактабӣ аз тарафи соҳибкори ватанӣ Назархудо Достамбуев дар муддати ду сол бунёд гардида, баҳри татбиқи «Стратегияи миллии фарогирии кӯдакони синну соли томактабӣ то соли 2030» мусоидат хоҳад кард. Дар ин марказ кӯдакони аз 4 то 6-сола ба таълиму тарбияи томактабӣ фаро гирифта мешаванд, ки барои дар руҳияи ватандӯстиву хештаншиносӣ тарбия намудани онҳо мураббияҳои соҳибтаҷрибаву забондон ҷалб шудаанд. Таълиму тарбия дар ин ҷо бо забони давлатӣ ба роҳ монда шуда, ба кӯдакон, ҳамчунин, забонҳои русиву англисӣ омӯзонида мешавад.

Ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ доданд, ки ошхона барои зиёда аз 100 нафар, чор синфхонаи таълимӣ, толори кушоду барҳавои варзишу мусиқӣ дар ошёнаи сеюм ва майдончаи бозии кӯдакон дар саҳни бино аз имкониятҳои дигари муассисаи мазкур ба шумор меравад.

Дар ошёнаи сеюми бинои навбунёд ҷиҳати ба таълиму тарбия фаро гирифтани кӯдакони имконияташон маҳдуд шароити созгор фароҳам оварда шудааст. Марказ, ҳамчунин, дороӣ ҳуҷраҳои корӣ барои кормандон ва маъмурияти муассиса, ҳамшираи шафқат ва равоншинос мебошад, ки ба талаботи замон мувофиқ аст.

Сокинони хуштолеи ноҳияи Рӯшон ба Сарвари давлат ҷиҳати таваҷҷуҳи доимияшон ба соҳибкорон ва дар мавзеи кӯҳӣ фароҳам овардани чунин шароити муосири таълиму тарбияи кӯдакон изҳори сипосу миннатдории самимӣ намуданд.

Зимни шиносоӣ бо имкониятҳои ин марказ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба соҳибкори ватанӣ барои бунёди чунин як иншооти муосири соҳаи маориф изҳори сипос намуда, зиёд кардани шумораи чунин марказҳои инкишофи кӯдаконро дар шаҳру ноҳияҳои вилоят муҳиму саривақтӣ арзёбӣ карданд.

**12-уми октябри соли равон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бинои нави «Кӯдакистони 2»-и деҳоти Барӯшони ноҳияи Рӯшонро тариқи маҷозӣ ифтитоҳ карданд.**

Муассисаи томактабӣ дуошёна буда, барои 150 нафар кӯдак дар асоси дастуру супоришҳои Пешвои миллат бо ҷалби шарикони рушд сохта шудааст.

Иншооти мазкур аз панҷ ҳуҷра барои таълиму тарбия ва панҷ ҳуҷраи дигар барои хоби кӯдакон, ҳуҷраи кории маъмурият ва табибон, ошхона бо 150 ҷойи нишаст ва толор барои машғулиятҳо иборат мебошад.

Барои истироҳату фароғати кӯдакон дар саҳни бино майдончаи бозии тобистона бо таҷҳизоти зарурӣ сохта шудааст. Бо мавриди истифода қарор гирифтани ин муассисаи томактабӣ 30 ҷойи нави корӣ фароҳам гардидааст.

Ҳангоми шиносоӣ бо шароити таълиму тарбия дар кӯдакистони навтаъсис Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бунёди чунин муассисаҳоро дар деҳот намунаи дастгирии сиёсати маорифпарваронаи Ҳукумати кишвар арзёбӣ карданд.

Тарбияи томактабӣ дар рушди малакаи зеҳнии кӯдакон нақши муҳим мебозад ва бо таъсиси чунин кӯдакистонҳои хуштарҳу муосир онҳо аз таълиму тарбия дур намонда, ҳамчун фарзандони солимфикр ба муассисаи таълимӣ хуб омода мешаванд.

Ҳама синфхонаҳои муассиса дар фасли сармо тариқи низоми гармидиҳии мустақил, ки бо неруи барқ ва панелҳои офтобӣ фаъолият менамояд, гарм нигоҳ дошта мешавад.

Ба фаъолият оғоз намудани кӯдакистони мазкур орзуи деринаи сокинони деҳоти Барӯшони ноҳияи Рӯшон ба шумор меравад, зеро дар ин деҳот талаботи кӯдакон ба боғча хело зиёд аст.

Сарвари давлат зимни суҳбат бо кормандони соҳаи маориф ва илм онҳоро вазифадор намуданд, ки барои баланд бардоштани сатҳу сифати таълиму тарбияи дӯстрӯякон масъулияти баланд эҳсос намоянд.

**12-уми октябри соли 2024 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бинои нави маъмурии Ҷамоати деҳоти Рӯшони ноҳияи Рӯшонро ба истифода доданд.**

Бино аз ду ошёна ва таҳхона иборат буда, дорои нуҳ ҳуҷраи корӣ мебошад, ки ҳар яки онҳо бо мизу курсӣ, компютер ва дигар дастгоҳу таҷҳизоти лозимӣ муҷаҳҳаз карда шудааст.

Толори маҷлис бо 40 ҷойи нишаст дар ошёнаи дуюм ҷойгир буда, дар он барои ташкилу баргузор кардани ҷамъомадҳои гуногун шароити мусоид фароҳам мебошад.

Бинои маъмурии деҳоти Рӯшон дар заминаи собиқ бинои ҷамоат, ки бо мурури замон таъмирталаб гардида буд, дар масоҳати умумии 6 садяк замин бо сифати баланд сохта шудааст. Ҳоло шумораи кормандони ҷамоат беш аз даҳ нафарро ташкил менамояд, ки аксари онҳо ҷавононанд.

Ба Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ дода шуд, ки минбаъд бо истифода аз шароиту имкониятҳои фароҳамгардида дар бинои ҷамоат ба сокинони панҷ деҳа, ки дар умум, беш аз 6 ҳазору 620 нафарро дар бар мегиранд, хизматрасонии босифат расонида мешавад.

Лозим ба таъкид аст, ки асоси рушди ноҳияи Рӯшон ба даврони соҳибистиқлолии кишвар рост меояд ва дар зарфи 33 соли соҳибистиқлолӣ, махсусан чанд соли охир, бо бунёди иншооти гуногуни маишӣ сатҳу сифати зиндагии мардум бамаротиб беҳтару хабтар гардидааст.

Кормандони Ҷамоати деҳоти Рӯшон ҷавобан ба ғамхориву дастгириҳои пайвастаи Пешвои миллат минбаъд низ дар татбиқи ҳадафҳои стратегии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, баланд бардоштани сатҳи маърифати аҳолӣ, ҳисси ватандӯстии ҷавонон ва рушди бахшҳои гуногуни иқтисоди миллии ҷумҳурӣ саҳми арзишманд мегузоранд.



**12-уми октябри соли равон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ноҳияи Рӯшон бо роҳбарону фаъолон ва сокинон мулоқот намуданд.**

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нахуст ба кулли мардуми сарбаланди ноҳияи Рӯшон барои истиқболи гарму самимӣ изҳори сипос карданд.

Президенти кишвар рушду пешрафти ноҳияро дар даврони соҳибистиқлолӣ таҳлил намуда, изҳор доштанд, ки ба шарофати Истиқлоли давлатӣ ноҳияи Рӯшон пайваста ободу зебо гардида истодааст.

Сарвари давлат ба заҳмати ободгаронаву созандаи мардуми ноҳия, ки барои пешрафти Тоҷикистони азизамон саъю талош мекунанд, баҳои баланд доданд.

Таъкид шуд, ки дар ноҳияи Рӯшон барои истиқболи сазовори Ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ сохтмону навсозии 165 иншоот ба нақша гирифта шуда, то имрӯз, аллакай, 111 иншоот бунёд гардида, 50 км. роҳҳои маҳаллӣ навсозӣ шудааст.

Дар ин кор Роҳбари давлат саҳми соҳибкорон ва шахсони саховатпешаи ноҳияро махсус таъкид намуда, ба ҳамаи онҳо арзи сипос намуданд.

Гуфта шуд, ки аз ҷониби Ҳукумати кишвар барои таъмин намудани рушди иҷтимоиву иқтисодии ноҳия дар давоми 33 соли соҳибистиқлолии кишвар беш аз 1,1 миллиард сомонӣ равона карда шудааст. Ҳамзамон бо ин, ҳоло амалисозии «Барномаи рушди иҷтимоиву иқтисодии ноҳияи Рӯшон барои солҳои 2021-2025» идома дорад, ки дар он 60 лоиҳа ба маблағи умумии 103 миллион сомонӣ пешбинӣ шудааст.

Бо назардошти имкониятҳои соҳаи саноат дар ноҳия Сарвари давлат роҳбарияти вилоят, ноҳия ва дигар масъулони ҷумҳуриро вазифадор карданд, ки барои истифодаи самараноки захираҳои мавҷуда дар самти рушди ин бахши муҳим тадбирҳои иловагӣ андешанд.

Зимни суханронӣ Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҳамчунин, соҳаҳои муҳими иқтисодиву иҷтимоии ноҳия, аз ҷумла кишоварзӣ, нақлиёт, энергетика, маориф ва тандурустиро таҳлил намуданд. Сарвари давлат таваҷҷуҳи масъулони вилоят ва ноҳияҳои онро ба ислоҳи камбудиҳои дар ин соҳаҳо ҷойдошта ҷалб сохтанд.

Дар фароварди суханронӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба кулли мардуми меҳмоннавозу сарбаланди ноҳияи Рӯшон дар роҳи расидан ба ҳадафҳои созанда барору комёбиҳо орзу намуданд.

Дар ҷамъбасти нишаст Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба роҳбарони сохторҳои ҳифзи ҳуқуқу тартибот муроҷиат намуда, таъкид доштанд, ки бо мардум муомилаи хуб дошта бошанд. Аз ҷумла, изҳор доштанд, ки «вазифаи мо хизмат ба мардум аст».

**12-уми октябри соли 2024 дар идомаи сафари корӣ ба шаҳру ноҳияҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ноҳияи Роштқалъа ташриф оварданд.**

Меҳмони олиқадрро дар фурудгоҳи муваққатӣ сокинон ва аҳли фарҳанги ноҳия гарму самимӣ истиқбол гирифтанд.

Дар маркази ноҳия нахуст Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бинои нави Ҷамоати деҳоти Роштқалъаро мавриди баҳрабардорӣ қарор дода, бо шароити муҳайёшуда шинос гардиданд.

Бинои ҷамоат аз ду ошёна ва таҳхона иборат буда, дорои 19 ҳуҷраи корӣ ва маҷлисгоҳ бо 58 ҷойи нишаст мебошад. Масоҳати умумии бино 755 метри мураббаъро ташкил дода, бо маблағи 4 миллиону 728 ҳазор сомонӣ бунёд гардидааст.

Иншооти навбунёд бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи корҳои созандагӣ ба истиқболи Ҷашни 35 - солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон сохта шуда, дорои шароити мусоиди корӣ мебошад.

Асной шиносоӣ Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба сифати корҳои анҷомёфта баҳои баланд дода, масъулинро ба хизмати софдилона ва татбиқи ҳамаҷонибаи сиёсати пешгирифтаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳидоят намуданд.

Корҳои сохтмонӣ дар бинои нави Ҷамоати деҳоти Роштқалъа моҳи сентябри соли 2020 оғоз гарида, аз ҷониби ширкатҳои маҳаллӣ бо сифати баланд ва ҷавобгӯи талаботи замон сохта шудааст. Дар иншоот системаи ягонаи гармидиҳӣ мавҷуд буда, дар фасли зимистон ҳуҷраҳои корӣ бо гармӣ таъмин карда мешавад. Бо мавриди истифода қарор гирифтани бинои нави ҷамоат сатҳи хизматрасонӣ ба сокинон боз ҳам беҳтар мегардад.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суҳбат бо масъулин истифодаи самараноки шароити муҳайёгардидаро таъкид намуда, иброз доштанд, ки бояд иҷрои ҳамаҷонибаи қонунҳои амалкунанда дар меҳвари фаъолияти кормандон қарор дошта бошад ва хизматрасонӣ ба аҳолӣ дар сатҳи маҳал боз ҳам хубтар карда шавад.

**12-уми октябри соли равон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар деҳоти Роштқалъа бинои нави кумитаи иҷроияи Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон дар ноҳияи Роштқалъаро мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.**

Бинои нав аз ду ошёна иборат буда, дорои ҳафт ҳуҷраи корӣ, китобхона ва маҷлисгоҳ бо 50 ҷойи нишаст мебошад ва дар он барои кормандон шароити хуб фароҳам оварда шудааст.

Дар китобхонаи он китобҳои тозанашр, хоса асарҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва дигар адабиёти илмиву бадеӣ, маҳфуз буда, дар толори хониш кормандон ва аъзои ҳизб метавонанд ба мутолиа машғул шаванд.

Зимни ифтитоҳи иншооти нав Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба сифати корҳои сохтмонӣ баҳои баланд дода, сохтмони чунин бинои хуштарҳу замонавиро дар доираи корҳои ободонӣ бахшида ба Ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои кормандону аъзои ҳизб туҳфаи арзанда арзёбӣ намуданд.

Сохтмони бинои мазкур моҳи июли соли 2023 оғоз гардида, барои иҷрои корҳо 1 миллиону 450 ҳазор сомонӣ харҷ шудааст.

Барои дастгириву таваҷҷуҳи доимӣ ва бунёди иншооти муосир бо имконоти замонавӣ кормандону аъзои кумитаи иҷроияи Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон дар ноҳияи Роштқалъа ба Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон изҳори сипосу миннатдорӣ намуданд.

**(Давомаш дар саҳ. 4)**

# ИНШООТИ НАВБУНЁД НАТИҶАИ ҒАМХОРИИ ҲУКУМАТ ВА САМАРАИ ЗАҲМАТИ СОКИНОН АСТ

**Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо роҳбарон ва фаъолони ноҳияи Ишкошим**

**13 октябри соли 2024, ноҳияи Ишкошим**



**Ҳамватанони азиз!**

Ба кулли сокинони ватандӯсту матинироддаи ноҳияи Ишкошим ва ба ҳамаи шумо - ҳозирини арҷманд барои истиқболи самимӣ сипосу миннатдорӣ баён менамоям.

Ҳадафи сафари кории мо ба шаҳру ноҳияҳои вилоят, аз ҷумла ноҳияи Ишкошим, аз наздик шинос шудан бо вазъи воқеии рушди иҷтимоиву иқтисодии шаҳру ноҳияҳо, раванди корҳои ободониву созандагӣ ва шароити зиндагии мардум мебошад. Ҳамчунин, мо то омадан ба ноҳияи Ишкошим тасмим доштем бо вазъи зиндагии сокинони аз офати табиӣ зарардидаи деҳаи Зугванди деҳоти Зонг бевосита шинос шавем ва ба онҳо хонаҳои истиқоматии навбунёдро супорем.

Мо дар рӯзи аввали ин ҳодиса супориш додем, ки аҳолии зарардидаро бо маводи ниёзи аввал, аз ҷумла хӯрокворӣ, ҷойи зисти муваққатӣ ва масолеҳи сохтмон таъмин намуда, дар кӯтоҳтарин муҳлат барои онҳо хонаҳои наву замонавӣ бунёд карда шаванд.

Имрӯз оилаҳои зарардида соҳиби манзили истиқоматии нав бо тамоми шароити зиндагӣ ва асбобу лавозимоти зарурии рӯзгор, инчунин, майдончаи варзиш гардиданд. Илова бар ин, имрӯз як қатор иншооти навбунёди дигар, аз ҷумла варзишгоҳи муосир бо 4000 ҷойи нишаст ба истифода дода шуданд, ки натиҷаи ғамхориҳои Ҳукумати мамлакат ва самараи заҳмати сокинони ноҳия мебошанд.

Дар сафари имрӯзаи худ баръало мушоҳида намудам, ки сокинони ноҳияи Ишкошим, аз ҷумла соҳибкорони бонангу номус ба шукронаи фазои орому осудаи кишвар ва бо ҳисси баланди ватандӯстӣ барои ободу зебо гардонидани диёри худ саъю талоши зиёд карда истодаанд.

Сафари қаблии мо ба ноҳия 27 июни соли 2016 сурат гирифта буд. Дида мешавад, ки дар муддати беш аз ҳашт соли гузашта ноҳия хеле обод ва шароити зиндагии мардум боз ҳам беҳтар гардидааст. Бинобар ин, ба мардуми заҳматдӯст ва соҳибкорони ватандӯсти ноҳия, ки дар ободиву пешрафти ин гӯшаи зебои Тоҷикистон саҳм гузошта истодаанд, миннатдории самимӣ баён менамоям.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Пешбурди сиёсати рушди шаҳру ноҳияҳои дурдасти кӯҳистон яке аз афзалиятҳои асосии давлат ба ҳисоб рафта, ҷиҳати татбиқи он аз ҷониби Ҳукумати мамлакат ҳамаи чораҳои зарурӣ амалӣ шуда истодаанд. Дар заминаи ин сиёсат барои ободонӣ ва рушди ноҳияи Ишкошим дар замони соҳибистиқлолӣ беш аз як миллиард сомонӣ равона гардидааст. Дар ин давра, дар ҳудуди ноҳия даҳ лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи 62 миллион сомонӣ татбиқ гардида, ҳоло барои боз ҳам баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии сокинон ва ободу пешрафта гардонидани он панҷ лоиҳаи дигар ба маблағи 106 миллион сомонӣ амалӣ шуда истодааст.

Лоиҳаҳои зикршуда ба бунёду муҷаҳҳазгардонии мактабҳо, беҳтарсозии хизматрасониҳои тиббӣ, мустаҳкам намудани инфрасохтор ҷиҳати таъмини устувории зидди офатҳои табиӣ, мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим, таъминоти барқ дар деҳот, нигоҳдории роҳҳои мошингард ва рушди соҳаи кишоварзӣ равона гардидаанд.

Ҳамчунин, дар доираи нақшаи ободониву бунёдкорӣ ба ифтихори Ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ дар ноҳияи Ишкошим бунёду таҷдиди 110 иншооти таъиноти гуногун ба нақша гирифта шуда, то имрӯз 55 иншоот ба истифода дода шудааст, ки 50 фоизи нақшаро ташкил медиҳад. Бовар дорам, ки бунёду навсозии иншооти боқимонда дар муҳлатҳои муайянгардида ва бо сифати баланд ба анҷом расонида мешавад.

**Ҳамватанони азиз!**

Ман ҳангоми сафар ба шаҳру ноҳияҳои кишвар ҳамеша таъкид менамоям, ки таҳти таъсири вазъияти ҷаҳони имрӯза, хусусан, гармшавии бесобиқаи иқлим ва оқибатҳои ногувори он - камобиву хушксолӣ ва офатҳои табиӣ масъалаи бо озуқаворӣ таъмин намудани аҳолӣ барои бисёр кишварҳои сайёра ҳоло ба мушкилоти ҷиддӣ табдил ёфтааст. Дар чунин шароит зарур аст, ки захираву имкониятҳои кишоварзии ҳамаи шаҳру ноҳияҳои мамлакат, аз ҷумла ноҳияи Ишкошим пурра ва самаранок истифода карда шаванд.

Мо бояд ҳар чӣ бештар маҳсулот истеҳсол кунем, бозори истеъмолии дохилӣ, яъне мардумамонро бо маҳсулоти ғизоии истеҳсоли худӣ таъмин намоем ва нагузорем, ки дар вазъи пешгӯинашавандаи бозорҳои ҷаҳонии молу маҳсулот сокинони кишварамон ба танқисӣ рӯ ба рӯ гарданд.

Ноҳияи Ишкошим бо табиати зебову нотакрор, заминҳои ҳосилхез ва мардуми заҳматқаринаш дар таъмини амнияти озуқавории мамлакат ва ғанӣ гардонидани бозори истеъмолӣ бо меваю сабзавоти хушсифату аз лиҳози экологӣ тоза саҳми арзишманд дорад.

Дар даврони Истиқлоли давлатӣ соҳаи кишоварзӣ дар ноҳия сол ба сол рушд ёфта, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ аз 9 миллион сомонии соли 2000-ум ба 104 миллион сомонӣ дар соли 2023 расидааст, яъне қариб 12 баробар зиёд шудааст. Зарур аст, ки роҳбарияти ноҳия, мутахассисон, хоҷагиҳои деҳқонӣ ва тамоми сокинони ноҳия раванди афзоиши истеҳсоли маҳсулотро минбаъд низ вусъат дода, ҳар як ваҷаб заминро самаранок истифода баранд.

Шумо дар саргаҳи об қарор доред ва бояд аз ин имконияти мусоиди табиӣ ҳар чӣ бештар истифода карда, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзиро зиёд намоед.

Ноҳияи Ишкошим барои амалӣ намудани ҳадафи чоруми стратегӣ - саноатикунонии босуръати кишвар дорои имкониятҳои бузург, аз қабили захираҳои меҳнатӣ, маҳсулоти кишоварзӣ ва дигар ашёи хоми маҳаллӣ мебошад.

Бунёд намудани корхонаву коргоҳҳои нави саноатӣ ва дар онҳо ба роҳ мондани коркарди пурраи ашёи хоми маҳаллӣ ба таъсиси ҷойҳои нави корӣ, афзоиши истеҳсоли маҳсулоти ивазкунандаи воридот ва ба содирот нигаронидашуда, яъне рушди минбаъдаи ноҳия мусоидат менамояд.

Тибқи маълумоти оморӣ, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар ноҳияи Ишкошим соли 2023 ба 5,4 миллион сомонӣ баробар гардидааст, ки нисбат ба соли 2000-ум якуним баробар зиёд мебошад.

Дар ҳашт моҳи соли ҷорӣ корхонаҳои саноатии ноҳия афзоиши истеҳсоли маҳсулотро нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 12 фоиз таъмин кардаанд.

Имрӯз мо корхонаи коркарди ангати Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Гулчеҳра - 80»-ро ба истифода дода, бо намоиши маҳсулоти он шинос шудем, вале бояд гуфт, ки ҳоло дар ноҳия ҳамагӣ даҳ коргоҳу корхона фаъолият дорад, ки ин шумора ҳанӯз нокифоя аст ва ба ҳадафи саноатикунонии босуръати кишвар ҷавобгӯ нест, зеро ноҳияи Ишкошим дорои захираҳои бойи табиӣ, аз ҷумла гиёҳҳо ва обҳои шифобахши маъданӣ, сангҳои қиматбаҳову ороишӣ, мармар, талк, литий ва дигар канданиҳои фоиданок мебошад, аммо то имрӯз коркард ва истеҳсоли маҳсулот аз онҳо ба роҳ монда нашудааст, ки андешидани тадбирҳои мушаххасро тақозо менамояд.

Зарур аст, ки дар ин самт аз ҷониби Ҳукумати мамлакат, Вазорати саноат ва технологияҳои нав, Саридораи геология ва дигар сохторҳои марбута тадбирҳои мушаххас андешида шаванд.

Аз ҷониби Ҳукумати мамлакат бо мақсади ҷалби сармояи хориҷӣ, бунёди корхонаҳои саноатӣ ва ташкили ҷойҳои корӣ дар ноҳия Минтақаи озоди иқтисодии «Ишкошим» таъсис дода шудааст.

Бо вуҷуди он ки минтақаи мазкур ҳанӯз соли 2010 таъсис дода шудааст, то ба ҳол ҷалби сармояи хориҷӣ ва таъсиси корхонаҳои саноатӣ дар ҳудуди он ба таври зарурӣ ба роҳ монда нашудааст.

Вазоратҳои рушди иқтисод ва савдо, саноат ва технологияҳои нав якҷо бо Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ бояд барои ҷалби сармояи дохиливу хориҷӣ ва бунёди корхонаҳои саноатии истихроҷ, коркард ва истеҳсоли маҳсулоти тайёр аз ашёи хоми маҳаллӣ, хусусан, захираҳои табиии ноҳияи Ишкошим чораҳои таъхирнопазир андешанд. Ҳамчунин, Вазорати рушди иқтисод ва савдо якҷо бо роҳбарияти вилоят ва ноҳия сабабҳои ба таври зарурӣ фаъолият накардани Минтақаи озоди иқтисодии «Ишкошим»-ро ҳамаҷониба таҳлил карда, барои бартараф сохтани камбудиҳои дар ин самт ҷойдошта пешниҳодҳои мушаххас манзур намоянд.

Тайи 33 соли соҳибистиқлолӣ дар ноҳияи Ишкошим дар доираи лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ ба маблағи 105 миллион сомонӣ шаш иншооти энергетикӣ бунёду таҷдид гардида, мавриди истифодабарӣ қарор дода шудааст.

Мо дирӯз дар ноҳияи Роштқалъа хати интиқоли барқи баландшиддати 110-киловолтаи «Хоруғ - Қозидеҳ»-ро, ки аз ҷумлаи корҳои ба муносибати 35-солагии Истиқлоли давлатӣ ба нақша гирифташуда мебошад, ба истифода додем ва бо ҷараёни корҳои бунёди Неругоҳи барқи обии «Себзор» шинос шудем.

Лоиҳаҳои мазкур ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии таъминоти сокинони ноҳияи Ишкошим бо неруи барқ ва устувории низоми интиқоли он дар шабакаҳои барқи вилоят аҳамияти хеле калон доранд.

Бунёди роҳҳо ва инфрасохтори муосири нақлиётӣ барои таъсиси корхонаҳои истеҳсолӣ, иншооти хизматрасонӣ, ҷойҳои нави корӣ, ҷалби бештари сайёҳони хориҷиву дохилӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии сокинони ноҳияи Ишкошим заминаи мусоид фароҳам месозад.

Дар даҳ соли охир барои таъмиру нигоҳдории роҳҳои мошингарди ҳудуди ноҳия аз буҷети ҷумҳуриявӣ маблағҳои зарурӣ ҷудо карда шудаанд. Вобаста ба ин, хотирнишон менамоям, ки бо истифода аз табиати зебову нотакрор, обҳои мусаффо, мавҷудияти чашмаҳои шифобахши Гармчашма, Авҷ, Бибӣ Фотимаи Заҳро, Ширгин, Зонг, ҳайвоноти нодир ва дигар имкониятҳои мусоиди ноҳия таъмин намудани рушди сайёҳии экологӣ, табобатӣ ва шикор аз ҷумлаи масъалаҳои муҳим ба ҳисоб меравад.

Кумитаи рушди сайёҳӣ ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия бояд ҷиҳати истифодаи самараноки имкониятҳои сайёҳии ноҳия татбиқи «Барномаи рушди сайёҳии ноҳияи Ишкошим барои солҳои 2024-2026»-ро ҷоннок намуда, дар заминаи он лоиҳаҳоеро таҳия ва роҳандозӣ намоянд, ки ба пешрафти соҳаи сайёҳӣ такони ҷиддӣ бахшида тавонанд.

**Ҳамватанони азиз!**

Тайи солҳои соҳибистиқлолӣ дар ноҳияи Ишкошим 18 муассисаи таҳсилоти умумӣ ва бинову синфхонаҳои иловагӣ барои 2220 ҷойи нишаст сохта, ба истифода дода шуда, ҳоло сохтмони ҳафт бинои таълимии дигар барои 1100 ҷойи нишаст идома дорад.

Мо имрӯз ду муассисаи таълимиро бо 930 ҷойи нишаст ва бо беҳтарин шароит барои омӯзиши илму дониш ба истифода додем.

Дар даврони соҳибистиқлолӣ 2130 нафар фарзандони мардуми ноҳияи Ишкошим, аз ҷумла қариб 1100 нафар духтарон муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро хатм кардаанд.

Аз соли 1997, яъне соли ҷорӣ гардидани Квотаи президентӣ то имрӯз 509 нафар ҷавонони ноҳия, аз ҷумла 314 нафар духтарон бо истифода аз ин имконият соҳиби маълумоти олӣ гардидаанд.

Соли 2024 тибқи Квотаи президентӣ ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар аз ноҳия 19 нафар ба таҳсил фаро гирифта шудаанд. Ҳоло аз ноҳияи Ишкошим танҳо дар Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон 36 нафар, аз ҷумла 26 нафар тибқи Квотаи президентӣ ва дар факултети тиббии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон панҷ нафар донишҷӯ таҳсил доранд. Ҳамзамон бо ин, дар Коллеҷи тиббии шаҳри Хоруғ 82 нафар ва дар дигар коллеҷҳо 117 нафар донишҷӯ аз ноҳия таҳсил карда истодаанд.

Умуман, бояд гуфт, ки тайи даврони соҳибистиқлолӣ 1017 нафар ҷавонони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон муассисаҳои таҳсилоти олии тиббии кишварро хатм карда, ҳоло дар муассисаҳои тиббии вилоят ва шаҳру ноҳияҳои гуногуни Тоҷикистон, инчунин, дар давлатҳои дигар фаъолият доранд, ки садҳо нафари онҳо фарзандони мардуми ноҳияи Ишкошим мебошанд.

Аҳсан ба падару модароне, ки чунин фарзандони боистеъдоду қобилиятнокро ба камол расонидаанд!

Дар баробари ин, таъкид менамоям, ки дар соҳаи маорифи ноҳия як қатор мушкилоти ҳалталаб, аз ҷумла иҷрои пасти «Барномаи таъмини муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бо кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимӣ барои солҳои 2021-2025» (ҳамагӣ 20 фоиз), дар ҳолати таъмирталаб қарор доштани ҳафт муассиса ва дар ҳолати садамавӣ қарор доштани 11 муассисаи таълимӣ ҷой доранд.

Вазорати маориф ва илм, роҳбарияти вилоят ва ноҳия вазифадоранд, ки барои бартараф намудани мушкилоти зикргардида чораҳои амалӣ андешанд.

**Ҳамватанони азиз!**

Бо истифода аз фурсат мехоҳам таъкид намоям, ки вазифаи аввалиндараҷаи роҳбарону масъулин, соҳибкорон, фаъолони ҷомеа, аҳли маориф, зиёиён ва падару модарон дар шароити бисёр мураккабу печидаи ҷаҳони муосир нисбат ба ҳар вақти дигар талошу кӯшиш кардан ба хотири баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии ҳар як оила мебошад.

Яъне, мо бояд нисбат ба ҳар вақти дигар бештар заҳмат кашем, ҳар чӣ бештар маҳсулот истеҳсол кунем, коргоҳу корхонаҳои истеҳсолӣ, хусусан, дар самти коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ва ашёи хоми маҳаллӣ таъсис диҳем ва барои ҳамдиёрони худ ҷойҳои нави корӣ муҳайё намоем. Инчунин, мо вазифадорем, ки ба хотири ояндаи орому осудаи ҷомеа фарзандонамонро тарбияи дуруст диҳем, ба онҳо барои азхудкунии илму дониш ва касбу ҳунар шароиту имконият муҳайё кунем.

Мо бояд ҳисси баланди миллӣ дошта бошем, Ватанамонро сидқан ва мисли ҷони худ дӯст дорем, ҳамеша сарҷамъу муттаҳид ва дастгиру ғамхори якдигар бошем.

Бовар дорам, ки мардуми сарбаланду ватандӯсти ноҳияи Ишкошим, яъне сокинони яке аз гӯшаҳои бостонии сарзамини тоҷикон минбаъд низ бо иттиҳоду сарҷамъӣ ва бо шукронаи соҳибватаниву соҳибдавлатӣ ба хотири пешрафти кишвари соҳибистиқлоламон саҳми босазо мегузоранд ва дар ояндаи наздик диёри худро боз ҳам обод месозанд.

Ба хурду бузурги ноҳия ва ба ҳамаи шумо - ҳозирини арҷманд хушбахтиву хушрӯзӣ, хонаи обод ва барори кор мехоҳам.

**Ҳамеша саломату сарбаланд бошед, ҳамдиёрони азиз!**

# ИФТИТОҲИ ИНШООТИ ҶАШНИИ БАДАХШОН

(Идома аз саҳ. 3)

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон масъулинро барои иҷрои боз ҳам босифати нақшаву барномаҳои ҳизб, саҳмгузорӣ дар рушди маҳал, пешбурди фаъолияти самараноку созанда, татбиқи барномаҳои давлатӣ ва хизмати содиқона ба нафъи давлату миллат ҳидоят карданд.

**12-уми октябри соли равон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маркази ноҳияи Роштқалъа бо бардоштани парда аз рӯи лавҳаи рамзӣ муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 26-ро, ки аз чор ошёна иборат мебошад, мавриди истифода қарор доданд.**

Иншооти тозабунёди соҳаи маориф дар ин ноҳияи дурдаст дорои шароити муосири илмомӯзӣ буда, барои 1280 хонанда дар ду баст пешбинӣ шудааст.

Аснои шиносоӣ ба Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ доданд, ки мактаб дар масоҳати 2134 метри мураббаъ сохта шуда, дар он 31 синфхонаи таълимӣ, маҷлисгоҳ бо 300 ҷой нишаст, толори варзиш, ошхона ва китобхона мавҷуд аст.

Ифтитоҳи мактаби нав ва таъмини шароити хуби таҳсил идомаи иқдому ташаббусҳоиояндасози Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти фаро гирифтани хонандагон ба низоми муосири таълим буда, оянда барои тарбияи ҷавонони донишманду худшинос мусоидат мекунад.

Корҳои сохтмонӣ дар иншооти мазкур моҳи ноябри соли 2021 аз ҷониби Муассисаи давлатии «Дирексияи сохтмони иншооти ҳукуматӣ»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз гардида, он дар муҳлати беш аз ду сол бо ҷалби 150 нафар коргарону мутахассисони маҳаллӣ бо сифати баланд ба анҷом расонида шуд. Дар мактаб ҳашт синфхонаи фаннӣ мавҷуд буда, бо таҷҳизоти зарурӣ таъмин мебошанд.



Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суҳбат бо омӯзгорону хонандагони муассисаи таълимии навбунёд таъкид намуданд, ки Ҳукумати кишвар барои рушди соҳаи маориф тамоми тадбирҳоро амалӣ менамояд.

Аз ин рӯ, хонандагонро лозим аст, ки аз ин имконот самаранок истифода намуда, дониш омӯзанд, илму техникаи муосир ва забонҳои хориҷиро аз худ намоянд.

Барои таъмини гармӣ дар бино иншооти алоҳида бунёд шудааст, ки бо ангишт фаъолият менамояд ва тавассути он ба тамоми синфхонаҳои таълимӣ дар фасли тирамоҳу зимистон гармӣ дода мешавад.

Дар марказ ва деҳоти ноҳия ба ифтихори Ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ ба рушди инфрасохтори соҳаи маориф ва беҳсозии сифати таълиму тарбия таваҷҷуҳи зиёд зоҳир гардида, ҳоло корҳои лоиҳакашӣ ва сохтмонӣ дар чор муассисаи таълимӣ идома дорад.

Аз рӯи маълумот ҳоло дар 41 муассисаи таълимии ноҳияи Роштқалъа зиёда аз 4 ҳазор хонанда ба таҳсил фаро гирифта шудаанд.

**12-уми октябри соли 2024 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пас аз ифтитоҳи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии № 26 бо лоиҳаи бинои қасри фарҳанг ва кӯдакистон дар маркази ноҳияи Роштқалъа шинос шуданд.**

Дар доираи вусъати корҳои ободониву созандагӣ ба истиқболи Ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маркази ноҳияи Роштқалъа бинои дуошёнаи қасри фарҳанг ва кӯдакистон барои 200 нафар бунёд мегардад.

Зимни шиносоӣ ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ доданд, ки аз рӯи лоиҳа бинои қасри фарҳанги ноҳияи Роштқалъа дар масоҳати 2245 метри мураббаъ, ба таври муосир ва бо назардошти унсурҳои хоси миллӣ бунёд шуда, дар ин замина шароити хуби корӣ барои кормандони бахши фарҳанг муҳайё мегардад.

Дар иншооти соҳаи фарҳанг бунёди толор бо 515 ҷойи нишаст, ҳуҷраҳои корӣ ва дигар инфрасохтори зарурӣ пешбинӣ шуда, дар оянда барои гузаронидани чорабиниҳои фарҳангӣ шароити мусоид фароҳам оварда мешавад.

Биноҳои қасри фарҳанг ва кӯдакистон аз ҷониби Муассисаи давлатии «Дирексияи сохтмони иншооти ҳукуматӣ»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҷалби коргарону мутахассисони маҳаллӣ бунёд мегардад.

Тибқи лоиҳа бинои душоёнаи кӯдакистон дар масоҳати умумии 2200 метри мураббаъ сохта шуда, дар он синфхонаҳои барҳавои муҷаҳҳаз бо лавозимоту аёниятҳои таълимӣ, ҳуҷраҳои хоб, ошхона, майдонча барои бозӣ ва фароғати кӯдакон, фаввора ва дигар иншооти ёрирасон бунёд мегардад ва оянда барои насли навраси ин ноҳияи дурдаст шароити хуби таълим фароҳам оварда мешавад.

Ҳамчунин, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар идомаи сафари корӣ дар ноҳияи Роштқалъа хатҳои интиқоли барқи баландшиддати Хоруғ - Қозидеҳ, Сурхсангов - Ванҷ ва пули мошингузари деҳаи Даштакро ба таври онлайнӣ мавриди истифода қарор дода, бо лоиҳаҳои нави иншооти энергетикӣ, ки дар ноҳияҳои Шуғнон, Ишкошим ва Рӯшон амалӣ мегарданд, шинос шуданд.

Хати интиқоли барқи баландшиддати 110 кВ Хоруғ - Қозидеҳ ва хати интиқоли барқи баландшиддати 35 кВ Сурхсангов - Ванҷ бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷалби шарикони рушд бунёд гардида, дарозии умумии он 84,5 километрро ташкил медиҳад.

Бо роҳандозии ин тадбир, сатҳи садаманокӣ дар низоми ягонаи энергетикии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон бамаротиб коҳиш ёфта, сифати барқтаъминкунӣ ба аҳолии деҳаҳои дурдасти ноҳияҳои Ванҷ, Шуғнон ва Ишкошим беҳтар мегардад.

Пеш аз ин ба ноҳияҳои вилоят интиқоли барқ тавассути хатҳои 10 кВ сурат мегирифт, ки нокифоя буд. Бо андешидани тадбирҳои зарурӣ хати интиқоли барқи 10 кВ ба 35 кВ ва 110 кВ иваз карда шуд ва ба ин восита иқтидори интиқол ва сифати таъминоти аҳолӣ хеле беҳтар шуд.

Ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ доданд, ки ҳоло дар доираи лоиҳаи электрофикатсияи деҳоти Тоҷикистон сохтмони 13 неругоҳи хурди обӣ дар ҳудуди ноҳияҳои Рӯшон, Ванҷ ва Дарвоз идома дошта, дар 22 деҳаи ноҳияи Мурғоб панелҳои офтобӣ насб карда мешаванд.

Ғайр аз ин, бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷалби шарикони рушд лоиҳаҳои нав, аз ҷумла лоиҳаи сохтмони неругоҳи обии «Чартем» бо иқтидори 14 МВт дар ноҳияи Шуғнон, лоиҳаи сохтмони хати интиқоли барқи 110 кВ дар ноҳияи Рӯшон ва лоиҳаи сохтмони зеристгоҳи 110 кВ дар ноҳияи Ишкошим, амалӣ мегарданд.

Пули мошингузар дар деҳаи Даштаки ноҳияи Роштқалъа дар доираи сохтмони Неругоҳи барқи обии «Себзор» бо ҷалби шарикони рушд бо сифати баланд бунёд шуда, ду деҳаро ба ҳам мепайвандад. Корҳои сохтмонӣ дар иншооти мазкур моҳи майи соли 2023 оғоз гардида, он дар муҳлати беш аз як сол бо сифати баланду ҷавобгӯи талабот мавриди истифода қарор дода шуд. Дарозии пули навсохт 34 метр ва паҳноияш 6 метр буда, иқтидори борбардории он 40 тоннаро ташкил медиҳад.

Пеш аз ин сокинони деҳаҳои Барҷангал ва Даштак аз ин пули мошингузар, ки вайрону валангор гардида буд, бо мушкилиҳои зиёд истифода мебурданд.

Бунёди пули мошингузар на танҳо мушкилоти рафтуомади сокинонро бамаротиб осон менамояд, балки ба вусъати корҳои сохтмонӣ дар Неругоҳи барқи обии «Себзор» низ мусоидат мекунад.

Ба Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҳамзамон, раванди корҳои иҷрошуда дар сохтмони Неругоҳи барқи обии «Себзор» муаррифӣ карда шуд.

Ҳоло бо ҷалби беш аз 500 нафар коргарону мутахассисони ватанӣ корҳои сохтмонӣ дар сарбанди неругоҳ, дарвозаҳои обпарто, иншооти обтозакунӣ, толори мошинҳо ва дигар қитъаҳои иншоот идома дорад.

Неругоҳ бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷалби шарикони рушд бунёд гардида, пас аз пурра мавриди истифода қарор гирифтани се агрегат он бо иқтидори лоиҳавии 11 МВт фаъолият хоҳад кард.

Бо бунёди Неругоҳи барқи обии «Себзор» иқтидори умумии Ширкати «Помир энерҷӣ» 25 фоиз баланд гардида, эътимоднокӣ ва сатҳи таъминоти барқ ба 220 ҳазор нафар аҳолии шаҳру ноҳияҳои вилоят беҳтару хубтар хоҳад шуд.

Дар доираи барномаҳои иҷтимоии лоиҳаи сохтмони Неругоҳи барқи обии «Себзор» то имрӯз дар шаҳру ноҳияҳои вилоят иншооти таъиноти гуногун сохта ба истифода дода шуда, мумфаршнамоӣ ва чароғонкунии 4 километр роҳи мошингард, инчунин, бунёди як мактаби замонавӣ дар ноҳияи Роштқалъа ба нақша гирифта шудааст.

Баъди ба кор даровардани ҳамаи агрегатҳо дар неругоҳ 20 нафар мутахассиси маҳаллӣ бо кори доимӣ таъмин мегардад.

**12-уми октябри соли равон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар доираи сафари корӣ дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар ноҳияи Роштқалъа бо роҳбарон ва фаъолони ноҳия мулоқоти самимӣ доир намуданд.**

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз заҳмати содиқонаи мардуми ноҳияи Роштқалъа баҳри пешрафти Тоҷикистони азиз ва саҳмгузорӣ дар шукуфоии сарзамини аҷдодӣ изҳори қаноатмандӣ карданд.

Таъкид гардид, ки аз ҷониби Ҳукумати кишвар барои таъмин намудани рушди иҷтимоиву иқтисодии ноҳияи Роштқалъа ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии сокинони он дар муддати 33 соли соҳибистиқлолӣ беш аз 1,5 миллиард сомонӣ равона карда шудааст. Ғайр аз ин, то имрӯз дар ҳудуди ноҳия даҳ лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи 62 миллион сомонӣ амалӣ гардидааст.

Президенти кишвар таъкид намуданд, ки ҳамаи талошҳои Ҳукумат дар доираи лоиҳаҳои амалигардида ба самти сохтмону муҷаҳҳазгардонии мактабҳо, дастрас гардонидану баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои тиббӣ, нигоҳдории роҳҳо, бо барқ таъмин намудани деҳаҳо, дастгирии гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ ва хоҷагиҳои кишоварзӣ, инчунин, пешгирӣ кардани офатҳои табиӣ равона шудааст.

Аз ҷумла, зикр карда шуд, ки «Барномаи рушди иҷтимоиву иқтисодии ноҳияи Роштқалъа барои солҳои 2021-2025» бо мақсади ҳалли мушкилоту масъалаҳои иҷтимоӣ ва баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии сокинон амалӣ гардида истодааст.

Сарвари давлат дар робита ва вазъи мураккаби сиёсӣ ва иқтисодӣ дар ҷаҳон таваҷҷуҳи иштирокдорони мулоқотро ба истифодаи самараноку оқилонаи имкониятҳои мавҷуда, аз ҷумла обу замин, ҷалб намуданд. Зарур шуморида шуд, ки роҳбарону мутахассисон, хоҷагиҳои деҳқонӣ ва тамоми сокинони ноҳия раванди афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулотро минбаъд низ идома дода, аз шароити беҳтарине, ки дар ноҳия вуҷуд дорад, аз ҷумла обу замин, самараноку оқилона истифода баранд.

Зимни таҳлили вазъи соҳаҳои маориф ва тандурустӣ дар ноҳия роҳбарияти вилоят ва масъулини ин бахшҳо барои ислоҳи камбудиҳо аз Сарвари давлат супоришҳои мушаххас гирифтанд.

Ба ифтихори Ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ дар ноҳияи Роштқалъа бунёду таҷдиди 206 иншооти гуногун ба маблағи умумии қариб як миллиард сомонӣ ба нақша гирифта шудааст.

Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо итминон изҳор доштанд, ки роҳбарият, соҳибкорон ва аҳолии ватандӯсти ноҳия якҷо бо вазорату идораҳои дахлдор дар муҳлатҳои муайянгардида ва бо сифати баланд ба истифода додани иншооти боқимондаро таъмин месозанд.

Дар интиҳои суханронӣ Пешвои миллат барои татбиқи ҳадафу нақшаҳои неку созанда ба сокинони ватандӯсту сарбаланди ноҳияи Роштқалъа барори кору сарфарозӣ орзу намуданд.

**12-уми октябри соли 2024 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар доираи сафари корӣ ба Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ба маркази вилоят - шаҳри Хоруғ ташриф оварданд.**

Роҳбарияти вилоят ва сокинони шаҳри Хоруғ Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар маркази Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон бо самимияти хос истиқбол гирифтанд.

Дар фурудгоҳ аҳли санъату ҳунар барномаи рангини фарҳангиро, ки тараннумгари истиқлолу озодӣ ва хизматҳои беназири Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати рушду пешрафти кишвар мебошанд, пешниҳод намуданд.

Ҳар як ташрифи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба шаҳру ноҳияҳои вилоят корҳои созандагию бунёдкориро вусъат бахшида, дар самти расидан ба зиндагии шоистаи мардуми кӯҳистон мусоидат мекунад.

Сокинони шаҳри Хоруғ аснои истиқболи меҳмони олиқадр Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон шодиву сурур ва эҳтироми худро нисбат ба Роҳбари давлат то кӯчаҳои марказӣ ва ду хиёбони асосӣ - Исмоили Сомонӣ ва Шириншоҳ Шоҳтемур нишон доданд.

**13-уми октябри соли 2024 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар доираи сафари корӣ ба шаҳру ноҳияҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ба ноҳияи Ишкошим ташриф оварданд.**

Меҳмони олиқадрро дар фурудгоҳи муваққатӣ сокинон ва аҳли фарҳангу ҳунар гарму самимӣ истиқбол гирифтанд.

Маврид ба ёдоварист, ки ба муносибати Ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Ишкошим 110 иншооти таъиноти гуногун ба нақша гирифта шуда буд. Аз ин шумора то имрӯз 55 иншоот мавриди истифода қарор гирифтааст, ки дар муҳайё намудани ҷойҳои нави корӣ, беҳтар гардидани хизматрасонӣ ба аҳолӣ ва баланд шудани сатҳу сифати зиндагии мардум нақши муҳим мегузоранд.

(Давомаш дар саҳ. 5)





# ДАР ЗАМОНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛӢ КУҲАНБУНЁДУ ТАМАДДУНСОЗ БУДАНАМОНРО ИСБОТ КАРДЕМ

**Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар варзишгоҳи шаҳри Хоруғ**

**13 октябри соли 2024, шаҳри Хоруғ**

**Ҳамватанони азиз!**

Мардуми ватандӯсту сарбаланди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон чанде пеш Ҷашни муқаддас бузурги миллӣ - 33-солагии Истиқлоли давлатии Тоҷикистони маҳбубамонро дар фазои сулҳу суботи комил ва бо дастовардҳои арзанда истиқбол гирифтанд.

Тайи чанд рӯзе, ки мо дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон қарор дорем, натиҷаву маҳсули заҳмати содиқонаву софдилонаи сокинони онро хуб мушоҳида намудем. Бинобар ин, ба кулли мардуми вилоят барои дастгирии сиёсати пешгирифтаи давлату Ҳукумати мамлакат, заҳмати созандаву ободгарона ва истиқболи самимӣ изҳори сипос менамоям.

Мехоҳам бо ифтихору қаноатмандӣ иброз намоям, ки ҷорабинии имрӯза низ самараи истиқлолу озодӣ, сулҳу оромӣ, суботи комили сиёсӣ ва ваҳдати миллии мардуми шарафманди Тоҷикистон мебошад. Истиқлолу озодӣ барои ҳар халқу миллат дастоварди бузургтарин ва неъмати муқаддастарин ба шумор меравад.

Ҳазорон маротиба шукр мегӯем, ки имрӯз мову шумо давлати соҳибистиқлоли худро дорем, соҳиби Ватани озоди худ ҳастем, ки он бо заҳмату талоши мардуми шарифи кишвар, аз ҷумла сокинони сарбаланди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, рӯз ба рӯз ободу зебо гардида истодааст.

Хотирнишон менамоям, ки Истиқлоли давлатӣ барои мо на танҳо як воқеияти сиёсӣ, балки масъулияти бузурги маънавӣ дар назди имрӯзу ояндаи давлат, миллат ва Ватан мебошад.

Мардуми Тоҷикистон, аз ҷумла сокинони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон хуб дар ёд доранд, ки кишвари мо дар давоми 33 соли соҳибистиқлолӣ ва хусусан, солҳои нахустини он масири бениҳоят вазнину душвор ва пур аз монеаву мушкилотро сипарӣ намуд, вале мардуми мо ин роҳи душвору сангинро ба хотири ҳифзи истиқлолу озодӣ, таҳкими сулҳу субот, ваҳдати миллӣ, пешрафту тараққиёти давлат ва ободии Ватан бо сабру таҳаммул ва заҳмати содиқона бо аҳлона тай карданд. Ҳамзамон бо ин, бо ифтихору сарфарозӣ изҳор медорам, ки таърихи беш аз даҳсолаи гузашта барои мо даврони болоравии бесобиқаи ҳисси миллӣ, ифтихори ватандорӣ, ташаккули худшиносиву худогоҳӣ ва ҳифзи манфиатҳои давлати миллӣ гардид.

Муҳимтар аз ҳама, дар ин давра мо ба дастоварди ниҳоят арзишманди таърихӣ - ваҳдати миллӣ, ки роҳро барои пешравию комёбиҳои беназири ин марҳалаи давлатдории навини тоҷикон ҳамвор сохт, ноил гардидем.

Яъне, дар ин давра мардуми мо миллати куҳанбунёду тамаддунсоз будани худро исбот карданд, қобилияту қудрати хешро барои анҷом додани корҳои бузург ва бартараф намудани мушкилоту монеаҳои сахту сангин нишон доданд.

Рушди имрӯзаи шаҳру ноҳияҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, пешрафту ободиҳои дар қаламрави он амалигардида ва бамаротиб беҳтар гардидани сатҳу сифати зиндагии сокинони вилоят мисоли равшани ин мебошад. Дар робита ба ин, як нуктаро хотирнишон месозам: дар даврони соҳибистиқлолӣ бо ташаббус ва дастгирии Ҳукумати мамлакат дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон корҳое ба анҷом расонида шуданд, ки дар замони гузашта иҷрои онҳоро умуман ғайриимкон медонистанд. Дар ин давра бисёр масъалаву мушкилоти ҳаёти сокинони вилоят бартараф гардида, симои шаҳру ноҳияҳо куллан дигаргун шуд ва чунонки имрӯз мебинем, маркази вилоят ва як қатор ноҳияҳои он ба шаҳри замонавӣ табдил ёфтааст.

Илова бар ин, аз ҷониби Ҳукумати мамлакат барои ҳалли мушкилоти асосии мардуми вилоят, яъне набудани роҳҳо то имрӯз якчанд лоиҳаи бузурги сармоягузории давлатӣ ба маблағи миллиардҳо сомонӣ амалӣ карда шуд. Дар натиҷа, дар ҳудуди вилоят садҳо километр роҳҳои мутобиқ ба меъёрҳои байналмилалӣ бунёд гардидаанд.

Имрӯз рафтуомади бехатару осони аҳолии вилоят ва ҳамлу нақли молу маҳсулот, аз ҷумла боркашонии байналмилалӣ ба роҳ монда шудааст, ки ин ҳама ба рушди вилоят ва боз ҳам беҳтар гардидани шароити зиндагии сокинони он мусоидат карда истодааст. Бинобар ин, мо бояд ба қадри истиқлолу озодӣ, сулҳу суботи комил ва ваҳдати миллӣ расем, ин неъматҳои муқаддасу бузурги ҳаётамонро эҳтиёт ва ҳифз намоем.

Хусусан, дар шароити бисёр мураккабу ҳассоси ҷаҳони имрӯза ҳар яки мо вазифадорем, ки дастовардҳои то имрӯз ноилгардидаамонро боз ҳам таҳким бахшем ва корҳои созандагиву ободониро вусъати бештар диҳем.

Ҳар яки мо вазифадорем, ки тамоми саъю талоши худро ба хотири расидан ба ҳадафҳои стратегии миллӣ, махсусан, саноатикунонии босуръати кишвар сафарбар созем, Ватани маҳбубамон - Тоҷикистони соҳибистиқлолро ободу зебо ва нерумандy пешрафта гардонем ва нуфузу обрӯи онро дар арсаи байналмилалӣ боз ҳам баланд бардорем.

Мо бояд ба ҳар зарра хоки ин диёри муқаддас содиқ бошем, худшиносу худогоҳ бошем ва масъулияти фарзандиву шаҳрвандии хешро дар назди давлат, миллат ва Ватани азизамон ҳаргиз фаромӯш насозем.

Ҳоло мардуми шарафманди Тоҷикистон, аз ҷумла сокинони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, дар давраи омодагӣ ба таҷлили санаи дар ҳақиқат таърихӣ - 30-солагии қабули аввалин Конститутсияи давлати соҳибистиқлоли худ қарор доранд.

Ба ифтихори ин ҷашни таърихӣ мо соли 2024-умро «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон кардем, ки ҳадаф аз ин иқдом баланд бардоштани фарҳангу маърифати ҳуқуқии мардум, тақвият бахшидан ба эҳтироми риояи қонуният, яъне волоияти қонун, таҳкими сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ дар кишварамон мебошад.

Бо эътимоди комил иброз медорам, ки мардуми бонангу номуси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ба хотири ободию пешрафти диёри худ ва Тоҷикистони маҳбубамон минбаъд низ саъю талош варзида, дар таҳкиму тақвияти иқтидори давлати соҳибистиқлоламон саҳми арзишманд мегузоранд.

Бо истифода аз фурсат хурду бузурги сокинони вилоятро ба ифтихори Ҷашни Меҳргон - яке аз суннатҳои бостонии миллати куҳанбунёдамон, ки имрӯз дар саросари кишвари азизамон таҷлил гардида истодааст, инчунин, 30-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон самимона табрик мегӯям.

Дар ҷодаи муқаддасу пурифтихори ватансозиву давлатсозӣ ба кулли мардуми шарифу сарбаланди Тоҷикистон, сокинони шарафманди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва ҳамаи шумо - ҳозирини арҷманд саломатӣ, саодати рӯзгор ва барори кор орзу менамоям.

**Ҳамеша тандурусту хонаобод бошед, ҳамдиёрони азиз!**

# ИФТИТОҲИ ИНШООТИ ҶАШНИИ БАДАХШОН

**(Идома аз саҳ. 4)**

**13-уми октябри соли равон сафари кории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз деҳаи Дашти ноҳияи Ишкошими Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон бо ифтитоҳи корхонаи коркарди ангати Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Гулчеҳра-80» оғоз гардид.**

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба фаъолияти корхонаи истеҳсолӣ шинос шуда, ба сифати корҳои сохтмонӣ баҳои баланд доданд.

Иттилоъ дода шуд, ки корхона бо харҷи 920 ҳазор сомонӣ бунёд ёфта, барои ноҳияи дурдасти Ишкошим аҳамияти муҳим дорад, зеро дар он дар баробари истеҳсоли маҳсулоти аз нигоҳи экологӣ тоза, ҳар мавсим бештар аз 100 нафар бо кор таъмин мегарданд.

Равғани ангат ба бемориҳои зиёд даво мебошад. Аз ин рӯ, дар корхона хати муосири технологӣ насб гардидааст, ки ашёи хомро бо сифати баланд коркард менамояд. Ашёи хом дар ин корхона меваи ангат буда, аз он 12 навъи маҳсулот истеҳсол карда мешавад.

Ба Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ дода шуд, ки иқтидори корхона дар як сол истеҳсоли 500 килограмм равғани ангат аст.

Маврид ба ёдоварист, ки ҳоло дар ҷумҳурӣ ду корхона ба ҳисоби миёна дар як сол 430 литр равғани ангат истеҳсол менамоянд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни шиносоӣ бо шароиту имконоти корхона барои боз ҳам беҳтар намудани сифат, зиёд кардани шумораи ҷойҳои корӣ ва бештар намудани номгӯи маҳсулоти аз равғани ангат истеҳсолшаванда ба масъулин ва соҳибкорон дастуру ҳидоятҳои судманд доданд.

**13-уми октябри соли 2024 дар доираи сафари корӣ ба ноҳияи Ишкошим Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар деҳаи Зугванди поёни деҳоти Зонг хонаҳои истиқоматии навбунёдро барои оилаҳои аз офати табиӣ зарардида мавриди истифода қарор доданд.**



Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маҳаллаи навбунёд аз хонаҳои истиқоматӣ дидан намуда, аз сифати корҳои сохтмонӣ изҳори қаноатмандӣ карданд. Биноҳои нави истиқоматӣ давоми бештар аз як моҳ бунёд гардида, бо тамоми ашёи рӯзгор таъмин шудаанд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо оилаҳои аз офати табиӣ зарардида суҳбати самимӣ анҷом дода, дар вазъияти тантанавӣ ба 13 оила калиди хонаҳои истиқоматиро супориданд.

Сокинон бо муҳаббату самимият ба Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон арзи сипосу миннатдорӣ намуданд, зеро онҳо пеш аз фарорасии зимистон соҳиби манзилҳои нави истиқоматӣ шуданд.

Ёдовар мешавем, ки бо мақсади бунёди хонаҳои нави истиқоматӣ дар деҳаи Зугванди поёни деҳоти Зонг бо супориши Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 4 гектар замин ҷудо гардида буд, то ки дар ин маҳал манзилҳои истиқоматӣ ва дигар инфрасохтори зарурӣ бунёд карда шавад.

Бо азму талоши созанда имрӯз дар ин ҷо маҳаллаи нав бунёд шудааст, ки хонаҳои истиқоматии он дорои 5 ҳуҷра, ошхона, долон, роҳрав ва дигар шароити зарурӣ мебошанд.

Роҳи маҳаллаи навбунёд дар масофаи 200 метр мумфарш ва чароғон карда шудааст. Ҳамчунин, ҳар як хонаи истиқоматӣ бо хати барқ ва об таъмин мебошад. Дар атрофи ҳар як хона дарахтони сояафкану ороишӣ ва гулҳои зебову рангоранги мавсимӣ шинонида шудааст, ки зиннатбахши маҳаллаи навбунёданд.

Бо супориши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯзҳои аввал барои вусъат бахшидани корҳои сохтмонӣ масолеҳи зарурӣ ба зарардидагон дастрас карда шуд, то ки хонаҳои истиқоматӣ дар муҳлати муайяншуда бунёд карда шаванд.

Бинокорон манзилҳои истиқоматиро бо масолеҳи босифат сохтаанд, то ки шароити зисти зарардидагон аз пештара дида беҳтару хубтар бошад. Рафти корҳои сохтмонӣ дар манзилҳои истиқоматӣ барои аҳолии зарардида аз рӯзҳои аввалин зери таваҷҷуҳи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дошт.

Масъулини вазорату идораҳои дахлдор ва мақомоти маҳаллӣ вазифадор гардида буданд, ки хонаҳои зисти шаҳрвандон дар муҳлати кӯтоҳ ва бо сифати баланд ба истифода дода шаванд. Инчунин, дар маҳаллаи навбунёд дар масоҳати 8 садяк замин майдончаи варзиши наву замонавӣ сохта шудааст, ки минбаъд сокинон, хусусан наврасону ҷавонон, ба намудҳои гуногуни варзиш машғул мешаванд. Дар майдончаи варзиш тамоми шароиту имкониятҳои зарурӣ муҳайё карда шудааст.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба сифати корҳои сохтмонӣ дар майдончаи варзиш баҳои баланд дода, бунёди ин иншоотро идомаи тадбирҳои созандагиву бунёдкоронаи Ҳукумати кишвар арзёбӣ намуданд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аснои суҳбат сокинони маҳаллаи навбунёдро барои соҳиб шудан ба хонаҳои нав табрик гуфта, иброз доштанд, ки мавзеи қитъаҳои замин ва хонаҳои пешинаатон аз нигоҳи бехатарӣ осебпазир аст, аз ин рӯ, барои бунёди боғ ва дигар ҳадафҳои маишӣ минбаъд онро метавонед истифода баред.

Сарвари давлат ба масъулони соҳа супориш доданд, ки ба ҳар як оилаи маҳаллаи навбунёд як сар чорвои калони ҷӯшо, даҳ сар моли майда ва сарулибоси зимистона дастрас намоянд.

**13-уми октябри соли равон дар идомаи сафари корӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бинои нави кумитаи иҷроияи Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон дар ноҳияи Ишкошимро мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.**

Пешвои миллат бо шароити бинои навбунёд шинос шуда, ба масъулин барои фаъолияти босамар, тарғиби ҳамаҷонибаи ҳадафу нақшаҳои созандаи ҳизб, ки ба ободониву шукуфоии бештари Тоҷикистон равона гардидаанд, дастуру маслиҳатҳо доданд.

Бинои кумитаи иҷроияи ҳизб дар маркази ноҳияи Ишкошим бунёд гардида, аз ду ошёна ва чор ҳуҷраи барҳавои корӣ иборат мебошад. Барои гузаронидани маҷлису вохӯриҳои хурд дар иншоот толори алоҳида мавҷуд аст. Инчунин, иншоот дорои китобхонаи замонавӣ бо махзани ғании китоб ва ҳуҷраи алоҳидаи бойгонӣ мебошад. Иншоот бо маблағгузории кумитаи иҷроияи марказии Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон бунёд гардидааст.

Намои берунаи иншоот низ бо сабку услуби муосири меъморӣ оро ёфта, ободониву сабзкорӣ дар атрофи бинои нав бо сифати баланд анҷом дода шудааст.

Иброз гардид, ки кумита бо ҳамаи созмонҳои ибтидоии худ, ки теъдодашон дар ноҳия ба 61 адад мерасад, имконияти фароҳамшударо барои тарғиби бештари барномаву нақшаҳои созандаи ҳизб ва талқини ғояҳои ватандорӣ ҳамаҷонибаву самаранок истифода хоҳанд бурд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба сифати корҳои анҷомёфта баҳои баланд доданд ва таъкид доштанд, ки ҳар корманд ва аъзои ҳизб вазифадоранд, ки дар рушду ободонии кишвар ва татбиқи нақшаву барномаҳои созандаи ҳизб ҳиссагузор бошанд.

**13-уми октябри соли 2024 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар доираи сафари корӣ ба ноҳияи Ишкошим бинои нави хуштарҳу замонавии раёсати молияро дар ноҳия ифтитоҳ намуданд.**

Иншооти мазкур бо дастуру супоришҳои Сарвари давлат дар доираи корҳои ободонӣ бахшида ба Ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифта, дар он шароити корӣ барои фаъолияти босамари кормандони соҳаи молияи ноҳия муҳайё гардидааст.

Бинои нави раёсати молия дар ноҳияи Ишкошим аз ду ошёна иборат буда, бо маблағи 3,4 миллион сомонӣ сохта шудааст.

Бино дорои ҳафт ҳуҷраи корӣ, китобхона, маҷлисгоҳ ва дигар иншооти ёрирасон мебошад. Ҳуҷраҳои он бо мизу курсӣ ва таҷҳизоти замонавӣ муҷаҳҳаз гардидааст.

Корҳои сохтмонӣ дар бинои нави раёсати молия дар ноҳияи Ишкошим моҳи сентябри соли 2023 оғоз гардида, аз ҷониби Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Фараҳноз» бо сифати баланди меъморӣ ба анҷом расонида шудааст.

Аснои шиносоӣ бо шароиту имконоти корӣ дар бинои нави раёсати молияи ноҳия Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба сифати корҳои сохтмонӣ баҳои баланд дода, кормандонро барои татбиқи босамари низоми молиявӣ, мақсаднок истифода бурдани маблағҳои буҷетӣ, роҳандозии дақиқу дурусти ҳисоботи молиявӣ, омӯзиши технологияи муосири низоми молиявӣ вазифадор намуданд.

Бино бо таҷҳизоти махсуси гармидиҳӣ таъмин мебошад. Дар атрофи бино корҳои ободонӣ анҷом дода шуда, гулу бутта ва дарахтони ҳамешасабзу ороишӣ атрофи онро зиннат бахшидаанд. Намои берунаи бино мувофиқ ба талаботи замони муосир оро ёфта, қомат афрохтани он ба ҳусни маркази ноҳия зебоӣ зам кардааст.

Ҳайати кормандони ин ниҳоди муҳими давлатӣ аз мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтани иншооти нав ба Ҳукумати кишвар, махсусан ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, сипосу миннатдорӣ баён намуданд.

**13-уми октябри соли 2024 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ноҳияи Ишкошим, инчунин, ба фаъолияти бинои наву замонавии муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №21 оғоз бахшида, бо шароити он аз наздик ошно гардиданд.**

Бинои нави муассиса барои 1240 хонанда дар ду баст пешбинӣ гардида, дорои имкониятҳои муосири таълимӣ мебошад. Мактаби нав 22 синфхонаи барҳавои таълимӣ дорад. Ғайр аз ин, шаш кабинети фаннӣ барои дарсҳои физика, химия ва биология ташкил гардида, дар синфхонаҳо дастгоҳу таҷҳизоти муосири таълимӣ насб гардидаанд. Синфхонаи технологияи иттилоотӣ бо 25 компютер ва тахтаи электронӣ таъмин мебошад.

Зимни боздид иттилоъ дода шуд, ки маҳорати дӯзандагиро духтарон дар синфхонаи алоҳидаи таълими меҳнат аз бар менамоянд. Барои писарон низ синфхонаи алоҳидаи таълимӣ бо дастгоҳҳои гуногун ташкил гардидааст. Ба хотири омӯзиши бозии шоҳмот ва гузаронидани мусобиқаҳои шоҳмотбозӣ дар муассиса синфхонаи алоҳида фаъол аст. Китобхонаи бинои нави муассиса бо махзани ғании адабиёти таълимӣ ва бадеӣ таъмин буда, толори хониш барои хонандагон ташкил ёфтааст.

Бинои нав, инчунин, дорои толори зебои маҷлис бо 150 ҷойи нишаст ва ошхона бо 50 ҷой мебошад. Толори варзиш низ бо 100 ҷойи нишаст бунёд ёфтааст, ки дар он имконоти зарурӣ барои гузаронидани дарс ва мусобиқаҳои варзишӣ фароҳам мебошад. Таъмини гармӣ дар бинои нав тариқи буғхонаи алоҳида ба роҳ монда шудааст.

Бино дар масоҳати ду гектар бунёд ёфта, аз чор ошёна иборат аст. Дар саҳни муассиса майдонҳои алоҳида барои бозиҳои футбол, волейбол ва майдони махсус барои обутоби бадан сохта шудааст. Корҳои ободониву сабзкорӣ дар саҳни таълимгоҳ бо сифати баланд сомон ёфтааст.

Бояд қайд кард, ки бинои қаблии муассиса бо сабаби фарсудаву куҳна гардиданаш имконияти қонеъсозии талаботи афзояндаро бо ҷойи нишаст надошт, аз ин рӯ, бо дастури Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бинои нав бо назардошти талаботи муосир сохта шуд. Бунёди ин мактаб масъалаи норасоии ҷойи нишастро дар маркази ноҳия пурра ҳал намуд.

Зимни боздид омӯзгорону хонандагон ба Сарвари давлат барои чунин тӯҳфаи бебаҳо ва дастгирии ҳамешагӣ изҳори миннатдорӣ намуданд.

Пас аз шиносоӣ ва суҳбати самимӣ бо мактабиён, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳамин ҷо ба таври маҷозӣ муассисаи таҳсилоти миёнаи умуми №13-ро, ки дар деҳоти Птупи ноҳияи Ишкошим бунёд гардидааст, мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.

Иттилоъ дода шуд, ки бинои ин муассиса дар яке аз деҳаҳои дурдасти ноҳия барои 240 хонанда дар як баст сохта шуда, аз ду ошёна иборат мебошад. Иншоот аз 14 синфхонаи таълимӣ ва ҳуҷраҳои алоҳидаи корӣ иборат аст. Дар бинои нав синфхонаи алоҳидаи технологияи иттилоотӣ ташкил гардида, 24 компютери наву замонавӣ ва тахтаи электронӣ насб гардидааст.

Қомат афрохтани иншоот самара аз татбиқи нақшаи чорабиниҳо бахшида ба Ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Ишкошими Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ба шумор меравад. Бинои таълимӣ аз ҷониби Муассисаи давлатии «Дирексияи сохтмони иншооти ҳукуматӣ»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бунёд ёфт ва ин иқдом ба мушкилоти чандсолаи омӯзгорону хонандагон, хоса дар сардиҳои зимистон, нуқта гузошт, зеро таълимгоҳ дар баробари синфхонаҳои муҷаҳҳаз, инчунин, бо шабакаи гармидиҳӣ, ки тариқи ангишт фаъолият менамояд, таъмин мебошад.

Барои тарғиби тарзи ҳаёти солим ва гузаронидани машғулиятҳои варзишӣ дар саҳни иншоот ду варзишгоҳи замонавӣ бо 140 нишастгоҳ сохта шудааст. Чунин шароит имконият медиҳад, ки дар ин майдончаҳо сабқатҳои гуногуни варзишӣ гузаронида шавад.

Атроф ва намои берунаи иншоот низ бо сифати баланд ва дар доираи талаботи муосири соҳавӣ оро дода шудааст. Омӯзгорону хонандагон мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтани бинои нави муассисаи таҳсилоти миёнаи умуми №13-ро дар деҳоти дурдасти Птуп намунаи ғамхорӣ ва таваҷҷуҳи Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нисбат ба соҳаи маориф ва таълиму тарбияи шоистаи насли наврас арзёбӣ карданд.

**13-уми октябри соли 2024 дар идомаи сафари корӣ дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон варзишгоҳи марказии ноҳияи Ишкошимро ифтитоҳ карданд.**

Маҷмааи калони варзиш бо майдони футбол ва дигар иншооти зарурии соҳа ба истиқболи Ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо харҷи 20 миллион сомонӣ дар майдони 3 гектар бунёд гардидааст ва дорои 4 ҳазор ҷойи



нишаст мебошад. Дар рафти иҷрои корҳои сохтмонӣ 60 фоизи кормандон аз ҳисоби сокинони маҳаллӣ таъмин карда шуданд.

Дар ошёнаҳои якум ва дуюми иншоот барои мураббиёну варзишгарон 30 ҳуҷраи либосивазкунӣ, нуқтаи санитарӣ, ҳуҷраҳои корӣ, анбори таҷҳизоти варзишӣ ва бунгоҳи тиббӣ сохта шудааст.

Дар маҷмааи варзиш барои баргузории мусобиқаҳои сатҳи ноҳиявӣ, вилоятӣ ва ҷумҳуриявӣ оид ба футбол ва машқу тамрини наврасону ҷавонон шароити мусоид фароҳам аст.

Аснои шиносоӣ ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ дода шуд, ки минбаъд бо баргузор кардани мусобиқаҳои сатҳи баланд ҷавонону наврасони ноҳия ба машқу тамрин машғул шуда, малакаи варзишии худро баланд мебардоранд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ифтитоҳи варзишгоҳи марказиро, пеш аз ҳама, барои рушди варзиш ва солимии ҷомеа дар ноҳия ва умуман, вилоят муҳим арзёбӣ карда, онро ба истиқболи 35-умин солгарди Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон тӯҳфаи арзанда номиданд.

**13-уми октябри соли равон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ноҳияи Ишкошим баъди ифтитоҳи як қатор иншооти таъиноти гуногун бо роҳбарон ва фаъолони ноҳия мулоқот намуданд.**

Пешвои миллат аз талошҳои сокинони ноҳияи Ишкошим, аз ҷумла соҳибкорони бонангу номус, дар самти ободу зебо гардонидани диёри худ изҳори сипос намуда, ба ғайрату садоқати онҳо баҳои баланд доданд.

Зикр гардид, ки дар замони соҳибистиқлолӣ барои ободонии ноҳия беш аз 1 миллиард сомонӣ равона гардидааст. Дар ин давра, дар ҳудуди ноҳия даҳ лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи 62 миллион сомонӣ татбиқ гардида, ҳоло барои боз ҳам баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии сокинон ва ободу пешрафта гардонидани он панҷ лоиҳаи дигар ба маблағи 106 миллион сомонӣ амалӣ шуда истодааст.

Сарвари давлат иброз доштанд, ки дар доираи нақшаи ободониву бунёдкорӣ ба ифтихори Ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ дар ноҳияи Ишкошим бунёду таҷдиди 110 иншооти таъиноти гуногун ба нақша гирифта шуда, то имрӯз 55 иншоот ба истифода дода шудааст.

Зимни таҳлили вазъи соҳаи кишоварзӣ таъкид шуд, ки дар даврони Истиқлоли давлатӣ соҳаи кишоварзӣ дар ноҳия сол ба сол рушд ёфта, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти он аз 9 миллион сомонии соли 2000-ум ба 104 миллион сомонӣ дар соли 2023 расид, яъне қариб 12 баробар зиёд шуд.

Роҳбарияти ноҳия, мутахассисон, хоҷагиҳои деҳқонӣ ва тамоми сокинони ноҳия вазифадор шуданд, ки раванди афзоиши истеҳсоли маҳсулотро минбаъд низ вусъат дода, ҳар як ваҷаб заминро самаранок истифода баранд.

Тибқи маълумоти оморӣ, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар ноҳияи Ишкошим соли 2023-юм ба 5,4 миллион сомонӣ баробар гардидааст, ки нисбат ба соли 2000-ум якуним баробар зиёд мебошад.

Вазорату идораҳои марбута аз Сарвари давлат супориш гирифтанд, ки барои ҷалби сармояи дохиливу хориҷӣ ва бунёди корхонаҳои саноатии истихроҷ, коркард ва истеҳсоли маҳсулоти тайёр аз ашёи хоми маҳаллӣ чораҳои таъхирнопазир андешанд.

Таъкид гардид, ки тайи 33 соли соҳибистиқлолӣ дар ноҳияи Ишкошим дар доираи лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ ба маблағи 105 миллион сомонӣ 6 иншооти энергетикӣ бунёду таҷдид гардида, мавриди истифодабарӣ қарор дода шудааст.

Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар назди мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия барои истифодаи самараноки имкониятҳои сайёҳии ноҳия ва татбиқи «Барномаи рушди сайёҳии ноҳияи Ишкошим барои солҳои 2024 - 2026» вазифаҳои мушаххас гузоштанд.

Зимни суханронӣ Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҳамчунин, вазъи соҳаҳои маориф ва тандурустиро таҳлил намуда, барои ислоҳи камбудиҳо ва ба илму ҳунаромӯзӣ фаро гирифтани насли наврас дастуру супоришҳо доданд.

Дар фароварди сухан Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо итминон изҳор доштанд, ки мардуми сарбаланду ватандӯсти ноҳияи Ишкошим минбаъд низ бо иттиҳоду сарҷамъӣ ва бо шукрона аз соҳибватаниву соҳибдавлатӣ дар пешрафти кишвари соҳибистиқлоламон саҳми босазо мегузоранд ва дар ояндаи наздик диёри худро боз ҳам обод месозанд.

**(Давомаш дар саҳ. 6)**

(Идома аз саҳ. 5)

# ИФТИТОҲИ ИНШООТИ ҶАШНИИ БАДАХШОН

**13-уми октябри соли 2024 дар идомаи сафари корӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Хоруғи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон корхонаи коркарди санги Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Помир Стоун» бо номи «Санги Бадахшон»-ро мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.**

Корхонаи мазкур бо харҷи 7 миллион сомонӣ сармояи дохилӣ бунёд ёфта, ҳангоми иҷрои корҳои сохтмонӣ зиёда аз 50 нафар бо кор таъмин буданд.

Барои коркарди санг дар корхона технологияи зарурӣ аз Ҷумҳурии Мардумии Чин насб шудааст. Аз рӯи лоиҳа иқтидори корхона дар як сол 20 ҳазор метри мураббаъ маҳсулоти санг мебошад.

Ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ дода шуд, ки ҳоло дар корхона зиёда аз 30 нафар бо кори доимӣ ва маоши хуб таъмин гардидаанд. Ҳамчунин, гуфта шуд, ки дарояндаи наздик тибқи нақша дар корхона шумораи коргарон то ба 100 нафар расонида мешавад.

Ашёи хоми корхона аз ҳисоби сарватҳои дохилӣ таъмин гардида, ин раванд барои муаррифии маҳсулоти истеҳсоли ватанӣ, омода намудани мутахассисон ва баланд бардоштани маҳорати касбии онҳо мусоидат хоҳад кард.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни боздид аз корхонаи мазкур изҳор доштанд, ки фаъолияти ин самт аз мутахассисону устоҳо диди завқи баландро тақозо мекунад. Аз ин рӯ, мутахассисон бояд пайваста донишу маҳорат ва малакаи худро сайқал диҳанд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҳамчунин, таъкид намуданд, ки ба сифати маҳсулот бояд диққати ҷиддӣ дода шавад.

Лозим ба ёдоварист, ки дар шароити имрӯза барои сохтмони иншооти таъиноти гуногун таваҷҷуҳ ба маҳсулот аз санг зиёд аст. Аз ин рӯ, бо дастгирии Ҳукумати кишвар шумораи чунин корхонаҳо зиёд мегардад. Дар ҳудуди вилоят ин аллакай сеюмин корхонаи коркарди санг ба шумор меравад. Дар миқёси ҷумҳурӣ шумораи чунин корхонаҳо ба 16 адад расидааст.

Зимни боздид аз корхонаи «Санги Бадахшон» Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба сифати маҳсулоти он диққати махсус доданд. Иттилоъ дода шуд, ки дар корхона санги хоро ва ё гранит, ки аз кӯҳҳои Бадахшон гирифта мешавад, мавриди коркард қарор мегирад. Сифати авваландараҷаи санги мазкур қабл аз коркард аз нигоҳи мутахассисон арзёбӣ мешавад. Аз ин хотир, коркарди он ва маҳсулот аз он ба стандартҳои ҷаҳонӣ мувофиқ карда шудааст. Ин аст, ки маҳсулоти санги хорои ин корхона аллакай дар бозори дохилӣ ҷойгоҳи намоён касб намудааст ва таваҷҷуҳ ба он аз хориҷи кишвар низ рӯз ба афзоиш дорад.

**13-уми октябри соли равон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Хоруғ бинои истиқоматии 10-ошёна бо пентхаусро дар хиёбони Шириншоҳ Шоҳтемур мавриди истифода қарор доданд.**

Бинои баландошёна дар асоси дастуру супоришҳои Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бунёд гардида, хишти нахустини он соли 2023 гузошта шуда буд. Иншоот аз се қисмат иборат буда, бо қомат афрохтани бинои баландошёна ба маркази маъмурии вилоят - шаҳри Хоруғ ҳусни дигар зам гардидааст.



Бинои баландошёна 154 хонаи истиқоматии барҳаво дошта, мутобиқ ба талаботи замон бунёд гардидааст ва дар он шароити сатҳи баланди зисту зиндагӣ фароҳам оварда шудааст.

Бинои истиқоматӣ бо маблағгузории Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳаҷми беш аз 75 миллион сомонӣ бунёд гардидааст. 56 хона ҳамчун туҳфа аз номи Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба сокинони шаҳри Хоруғ ва шаш манзили зист ба омӯзгорони Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи академик Моёншо Назаршоев тақдим карда шуд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба оилаҳо калиди хонаҳои нави истиқоматиро тақдим намуданд.

Хонаҳои истиқоматӣ бо ошхона ва дигар лавозимоти рӯзгор таъмин буда, туҳфаи Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба мардуми сарбаланди шаҳри Хоруғ мебошад.

Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз дохили ҳуҷраҳо дидан намуда, ба бинокорон барои бо сифати баланд ба итмом расонидани сохтмони хонаҳои истиқоматӣ баҳои баланд доданд. Инчунин, хонаҳои истиқоматӣ дар фасли зимистон бо системаи гармидиҳӣ тавассути қувваи барқ таъмин хоҳанд шуд.

Дар ҷараёни бунёди бинои баландошёна беш аз 300 нафар бинокорони маҳаллӣ ба кор ҷалб гардид. Соҳибони хуштолеи манзилҳои истиқоматӣ ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои дастгириву ғамхории пайваста изҳори сипос намуданд.

Дар ошёнаи якуми бино маркази тиҷоратии 24-соата фаъолият мекунад, ки дар ин ҷо барои истиқоматкунандагон маҳсулоти ниёзи рӯзгор пешниҳод карда мешавад. Ба Сарвари давлат иттилоъ дода шуд, ки дар марҳилаи аввал дар маркази тиҷоратӣ зиёда аз 20 нафар аз ҳисоби аҳолии шаҳри Хоруғ бо кори доимӣ таъмин гардида, оянда шумораи онҳо афзун хоҳад шуд.

Дар ошёнаи дуюми бинои навбунёд ҳуҷраҳои муосири хизматрасонӣ мавҷуданд, ки сокинон имкон доранд ҳамоишу чорабиниҳои гуногунро баргузор намоянд.

Ҳудуди бинои истиқоматӣ ба пиёдараҳо бо истифода аз сангҳои ороиши корхонаи навбунёди «Суман»-и шаҳри Хоруғ зинат дода шуда, ба як макони дилфиреби сайру сайёҳат табдил ёфтааст. Дар атрофи бино дарахтони ҳамешасабз ва гулҳои зебову рангоранг шинонида шуда, сутунҳои равшанидиҳандаи чароғон шабонгоҳ ба ин макон зебоии хос зам менамояд.

**13-уми октябри соли 2024 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар хиёбони Шириншоҳ Шоҳтемури шаҳри Хоруғ биноҳои 15-ошёнаи истиқоматиро ба истифода доданд.**

Бинои 15-ошёна дар шаҳри Хоруғ бо марказҳои хизматрасонӣ иборат аз 128 манзили истиқоматии як, ду ва сеҳуҷрагӣ иборат буда, дар он мутобиқ ба талаботи замони муосир барои зист шароит фароҳам оварда шудааст.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни супоридани калиди манзилҳои истиқоматӣ ободкориву созандагиҳоро дар шаҳри Хоруғ ба шарофати Истиқлоли давлатӣ арзёбӣ намуда, расидан ба қадри ин неъмати бебаҳоро амри зарурӣ маънидод карданд.

Дар ошёнаи якум ба таҳхонаи бино мағозаҳои хизматрасонӣ пешбинӣ гардидааст, ки дар он оянда то 30 нафар бо кор таъмин мешаванд.

Корҳои сохтмонӣ дар бинои баландошёнаи истиқоматӣ бо маблағгузории хизматрасонӣ аз ҷониби Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Помирсоз» дар асоси лоиҳаи муосири шаҳрсозӣ соли 2021 оғоз гардида, дар ин муддат шумораи бештари сокинони маҳаллӣ бо ҷойи кор таъмин шуданд.

Бунёди манзилҳои истиқоматӣ баландошёна дар маркази вилоят тибқи нақшаи генералии шаҳри Хоруғ сурат мегирад. Дар саҳни бино майдонча барои фароғати истиқоматкунандагон ташкил ва атрофи он чароғон кабудизор карда шудааст.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуданд, ки раванди созандагӣ ва бунёди биноҳои хушзеби замонавӣ дар оянда низ тибқи нақшаҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон идома меёбад.

**13-уми октябри соли равон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Хоруғ Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Панҷ»-ро ба истифода доданд.**

Дар корхонаи саноатӣ дар як рӯз то 2 тонна шир коркард ва ба 11 номгӯи маҳсулот, аз қабили сметана, қаймоқ, творог, ёғурт ва кефир, истеҳсол карда мешавад.

Дар корхонаи шир ҳоло наздики 30 нафар бо кор таъмин шудааст ва дарояндаи наздик бо боло рафтани иқтидори истеҳсолии корхона зиёда аз 100 ҷойи кори доимӣ ташкил карда мешавад.

Технология аз Россияву Чин ворид карда шуда, корхона имкон дорад, ки дар як сол то 700 тонна ширро коркард намояд.

Дар ноҳияҳои Рӯшон, Шуғнон, Роштқалъа ва шаҳри Хоруғ ҷой барои қабули шир аз чорвои аҳолӣ ташкил карда шуда, баъди санҷидани сифат он коркард карда мешавад. Таъсиси корхона дар баробари пешниҳоди маҳсулоти босифат ба бозор, ҳамзамон, тавассути истифодаи имкониятҳои шаҳру ноҳияҳои кӯҳистон ба рушди чорводорӣ ва аз ин ҳисоб ба даст овардани даромади иловагӣ барои аҳолӣ мусоидат мекунад. Дар анбори корхона мувофиқ ба талабот барои нигоҳдории 4 тонна маҳсулот шароит мавҷуд аст. Ҳамчунин, намудҳои гуногуни маҳсулоти дар корхона истеҳсолшаванда муаррифӣ карда шуд, ки натиҷаи татбиқи нақшаҳои Ҳукумати мамлакат ва афзоиши истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар шаҳри Хоруғ мебошад. Тибқи маълумот давоми ҳашт моҳи соли 2024 истеҳсоли маҳсулоти ширӣ дар вилоят 2,5 маротиба зиёд шудааст.

Иншооти нави истеҳсолӣ дар доираи татбиқи ҳадафи чоруми стратегӣ - саноатикунонии босуръати кишвар аз ҷониби соҳибкори маҳаллӣ Гулпарӣ Қурбонназарова сохта шудааст.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бунёди корхонаи нави саноатиро барои қонеъ гардонидани талаботи бозорҳои шаҳру ноҳияҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон бо маҳсулоти ширӣ, татбиқи ҳадафи чоруми стратегӣ, фарогирии сокинони маҳаллӣ бо кор ва рушди иқтисодии шаҳри Хоруғ муҳим арзёбӣ намуданд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таваҷҷуҳи коргарону мутахассисонро ба омӯзиши талаботи бозори истеъмолӣ, истеҳсоли маҳсулоти босифати рақобатпазир ва истифодаи пурраи имкониятҳои мавҷудаю таҳкими фаъолият ҷалб намуданд.

**13-уми октябри соли 2024 зимни сафари корӣ ба Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Хоруғ парки технологиро бо фарогирии якчанд корхонаҳои саноатӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.**

Парки технологии шаҳри Хоруғ дар масоҳати 1,6 гектар бунёд гардида, дар он корхонаҳои коркард ва бандубасти гӯшт, гиёҳҳои шифобахш, меваю сабзавоти хушк, коргоҳи хушкашӯӣ, истеҳсоли мебел ва ғайра мавҷуд мебошанд.



Иқдоми мазкур дар доираи ҳадафи чоруми миллӣ - саноатикунонии босуръати кишвар амалӣ гардидааст.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар парки технологӣ нахуст корхонаи коркарди меваю сабзавоти ҶДММ «Насим»-и шаҳри Хоруғро мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд. Корхона бо харҷи 2,1 миллион сомонӣ бунёд гардид, ки дар он истеҳсол ва бандубасти 12 намуд шириниҳои мевагӣ ба роҳ монда шудааст.

Ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ дода шуд, ки иқтидори солонаи корхона коркарди 25 тонна меваи хушкро ташкил медиҳад. Маҳсулоти он бештар аз тути хушк бо иловаи дигар намуди меваю сабзавоти хушк коркард ва омода карда мешавад. Ин шириниҳо аз ҷиҳати экологӣ тоза буда, бе иловаи қанд ва маводи кимиёӣ истеҳсол мегардад. Маҳсулоти корхона рақобатпазир буда, бо бандубасти зебо натанҳо ба бозорҳои дохилӣ пешниҳод мегардад, балки ба хориҷи кишвар низ содир карда мешавад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҳамчунин, корхонаи коркард ва бандубасти гиёҳҳои шифобахши ҶДММ «Авитсенна»-ро ба истифода доданд. Корхонаи мазкур дар масоҳати 160 метри мураббаъ бунёд гардида, иқтидори истеҳсолии он дар як сол 5 тонна мева ва гиёҳҳои шифобахшро ташкил медиҳад.

Ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ дода шуд, ки дар корхона 66 навъи дору истеҳсол карда мешавад ва қисмати зиёди он аз гиёҳҳои шифобахш омода мегардад.

Бо мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтани корхонаи коркард ва бандубасти гиёҳҳои шифобахш дар шаҳри Хоруғ 18 нафар бо ҷойи кор таъмин гардидаанд, ки 12 нафари онҳо занон мебошанд.

Зимни баистифодадиҳии парки технологии шаҳри Хоруғ ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон лоиҳаи корхонаи гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ муаррифӣ гардид. Сохтмони корхона моҳи марти соли 2024 оғоз шуда, масоҳати умумии он 2 600 метри мураббаъро ташкил медиҳад.

Иттилоъ дода шуд, ки технологияи корхона аз давлатҳои Олмон ва Австрия ворид мегардад.

Баробари ба фаъолият оғоз намудани ин корхона 50 нафар бо кор таъмин мешаванд. Ашёи хом барои маҳсулот гӯшти қутос аст, ки аз ноҳияи Мурғоб ва дигар хоҷагиҳои деҳқонии ноҳияҳои вилоят харидорӣ мешавад.

Ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ доданд, ки пас аз оғози фаъолият маҳсулоти тайёри корхона ба содирот низ равона мегардад.

Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҳамчунин, дар ин мавзеъ коргоҳи олами хушкашӯиро мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд. Коргоҳи олами хушкашӯии «Тозагӣ - гарави саломатӣ» нахустин иншооти хизматрасонии технологӣ барои шустани қолин, кӯрпа, парда ва либос дар шаҳри Хоруғ мебошад.

Ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ дода шуд, ки барои хизматрасонӣ дар коргоҳ шаш намуди технология аз Ҷумҳурии Мардумии Чин ворид карда шуд. Дар коргоҳи мазкур ҳашт нафар бо кор таъмин гардиданд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, инчунин, дар парки технологии шаҳри Хоруғ корхонаи истеҳсоли мебели нарми ҶДММ «Хонаобод»-ро мавриди баҳрабардорӣ қарор дода, дар гӯшаи намоишӣ бо маҳсулоти корхона шинос шуданд. Корҳои сохтмонӣ дар корхонаи мазкур моҳи январи соли 2024 оғоз гардида, дар муддати кӯтоҳ ба итмом расид.

Корхона аз ду сех иборат аст, ки дар онҳо 12 нафар сокини маҳаллӣ бо кор таъмин гардидаанд. Дастгоҳу таҷҳизоти корхонаи истеҳсоли мебели нарм аз Ҷумҳурии Мардумии Чин ворид гардидааст, ки бо истифода аз онҳо даҳ намуди маҳсулот истеҳсол карда мешавад.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба масъулон ва мутахассисон дастур доданд, ки ба сифати маҳсулот таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир карда шавад, то ки ин навъи маҳсулот дар баробари таъмини талаботи бозори дохилӣ ба хориҷи кишвар низ содир карда шавад.

Ҳамзамон, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ин мавзеъ корхонаи коркарди меваи тари ҶДММ «Бунёд»-ро мавриди истифода қарор доданд.

Корхонаи мазкур бо иқдоми соҳибкори ватандӯст Гулаҳмадшо Шоҳсафедов дар масоҳати 52 метри мураббаъ бунёд гардида, аз ҷумлаи иншооти ҷашнии 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Ба Пешвои миллат иттилоъ дода шуд, ки дар корхонаи мазкур коркарди меваҳои шаҳдбори кишвар, ба монанди шафтолу, ангур, себ, анор, зардолу, нок ва хуч, роҳандозӣ гардида, шарбатҳои гуногун истеҳсол карда мешавад. Дар корхона ҳашт нафар сокинони маҳаллӣ бо кор таъмин гардиданд.

Корхона бо шаш намуд дастгоҳи муосири шарбатбарорӣ муҷаҳҳаз гардонида шуда, сифати маҳсулот ба талаботи стандартҳои ҷаҳонӣ ҷавобгӯ мебошад.

Маврид ба ёдоварист, ки дар нуҳ моҳи соли 2024 дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 42 коргоҳи нави саноатӣ бо 230 ҷойи кори доимӣ ба фаъолият оғоз намудааст.

**13-уми октябри соли равон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Хоруғ бинои маъмурии кумитаҳои иҷроияи Ҳизби халқии**




**демократии Тоҷикистон дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва шаҳри Хоруғро мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.**

Иншооти хуштарҳу замонавӣ дар доираи тадбирҳои ободонӣ ба истиқболи Ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо риояи талаботи муосири меъморӣ ва нақшунигори миллӣ бунёд ёфта, дар он барои кормандону мутахассисон шароити хуби корӣ муҳайё карда шудааст. Иншоот дар масоҳати 770 метри мураббаъ бунёд гардида, аз се ошёна иборат мебошад.

Ошёнаи якуми бино аз китобхона бо фарогирии асарҳои Пешвои миллат ва китобҳои бадеӣ, шуъбаи таблиғот ва иттилоот, бойгонӣ ва утоқи қабули шаҳрвандон иборат буда, ошёнаи дуюм ва сеюмро утоқҳои корӣ, маъмурият ва маҷлисгоҳ бо назардошти 100 ҷойи нишаст ташкил медиҳад.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни шиносоӣ бо шароити фароҳамгардида дар иншооти навбунёд бо кормандону мутахассисони кумитаи иҷроияи Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон суҳбати самимӣ анҷом дода, масъулони соҳаро барои вусъат додани ободонию бунёдкориҳо, ҳифзи дастовардҳои соҳибистиқлолӣ, беҳсозии шароити зиндагии сокинон ва бо эҳсоси баланди масъулият амалӣ намудани ҳадафу барномаҳои ҳизб ҳидоят намуданд.

**13-уми октябри соли 2024 дар идомаи сафари корӣ ба Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бинои маркази хизматрасонии навбунёди «Шоми Хоруғ», ки аз ҷониби соҳибкорони ватанӣ Шукурбек Шукурбеков ва Бахтиёр Шукурбеков бунёд гардидааст, бо ятимони кулл суҳбат намуданд.**

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба 150 нафар ятими кулл, ки аз парастириву меҳрубонии волидайн маҳрум мондаанд, либоси мактабӣ, маводи канселярӣ, шириниҳо ва кумаки пулӣ тақдим намуданд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид карданд, ки ятимон таҳти таваҷҷуҳу дастгириҳои ҳамешагии Ҳукумат қарор дошта, барои онҳо шароиту имкониятҳои таҳсил ва кору зиндагии хубу шоиста то замони ба воя расиданашон фароҳам оварда мешавад.

**13-уми октябри соли равон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Хоруғ дар тантанаҳои 33-юмин солгарди Истиқлоли давлатӣ иштирок ва суханронӣ намуданд.**

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таҷлили бошукӯҳи истиқлоли Ватанро, ки аз ҷониби мардуми ватандӯсту сарбаланди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон чанде қабл ҷашн гирифта шуд, нишонаи возеҳи дастгирии сиёсати пешгирифтаи давлат арзёбӣ намуданд.

Чорабинии бошукӯҳи фарҳангии имрӯзаро низ Пешвои миллат самараи истиқлолу озодӣ, сулҳу оромӣ, суботи комили сиёсӣ ва ваҳдати миллии мардуми шарафманди Тоҷикистон номиданд.

Таъкид гардид, ки истиқлолу озодӣ барои ҳар халқу миллат дастоварди бузургтарин ва неъмати муқаддастарин ба шумор меравад.

Сарвари давлат арҷгузорӣ ва ҳифзи истиқлоли давлатиро масъулияти бузурги маънавии мардум дар назди имрӯзуояндаи давлат, миллат ва Ватан унвон намуданд.

Гуфта шуд, ки «мардуми Тоҷикистон, аз ҷумла сокинони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, хуб дар ёд доранд, ки кишвари мо дар давоми 33 соли соҳибистиқлолӣ ва хусусан, солҳои нахустини он масири бениҳоят вазнину душвор ва пур аз монеаву мушкилотро сипарӣ намуд. Вале мардуми мо ин роҳи душвору сангинро ба хотири ҳифзи истиқлолу озодӣ, таҳкими сулҳу субот, ваҳдати миллӣ, пешрафту тараққиёти давлат ва ободии Ватан бо сабру таҳаммул ва заҳмати содиқонаву аҳлона тай карданд».

Зикр гардид, ки дар даврони соҳибистиқлолӣ бо ташаббус ва дастгирии Ҳукумати кишвар дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон бисёр масъалаву мушкилоти ҳаёти сокинон бартараф гардида, симои шаҳру ноҳияҳо куллан дигаргун шуд ва чунонки имрӯз мебинем, маркази вилоят ва як қатор ноҳияҳои он ба шаҳри замонавӣ табдил ёфтааст.

Бо назардошти пешравиҳои амиқ Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз мардуми сарбаланди вилоят даъват намуданд, ки ба қадри истиқлолу озодӣ, сулҳу суботи комил ва ваҳдати миллӣ расида, ин неъматҳои муқаддаси бузурги ҳаётро эҳтиёт ва ҳифз намоянд.

Сарвари давлат таъкид доштанд, ки мо бояд ба ҳар зарра хоки ин диёри муқаддас содиқ бошем, худшиносию худогоҳӣ ва масъулияти фарзандиву ватанпарварии хешро дар назди миллат ва Ватани азизамон ҳаргиз фаромӯш насозем.

Дар фароварди сухан Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо эътимоди комил иброз доштанд, ки мардуми бонангу номуси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ба хотири ободиву пешрафти диёри худ ва Тоҷикистони маҳбубамон минбаъд низ саъю талош карда, дар таҳкиму тақвияти иқтидори давлати соҳибистиқлоли тоҷикон саҳми арзишманд мегузоранд.

Баъди суханронии Сарвари давлат чорабинии идонаро барномаи бошукӯҳи консертии устодони санъат ва ҳунармандони вилоят идома дод, ки бисёр ҷаззоб ва дилнишин буд.

**14-уми октябри соли 2024 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Хоруғ бо роҳбарон ва фаъолони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон мулоқот намуданд.**

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳадафи сафари навбатии кориро ба як қатор шаҳру ноҳияҳои вилоят вохӯрӣ бо сокинон, шиносоӣ бо вазъи зиндагии мардум ва ифтитоҳи иншооти гуногуни иҷтимоию иқтисодӣ арзёбӣ карданд.

Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронӣ натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии вилоят, рафти иҷрои дастуру супоришҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва раванди созандагиҳоро барои сазовор истиқбол гирифтани Ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил намуда, барои амалисозии ҳадафҳои бунёдкорона, таъмини нақшаҳо ва ислоҳи камбудиҳо ба роҳбарияти вилоят ва шаҳру ноҳияҳо, инчунин, масъулони сохторҳои ҷумҳуриявӣ дастуру супоришҳои мушаххас доданд.

Сарвари давлат бо қаноатмандӣ иброз доштанд, ки Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон бо дастгириву ғамхории доимии Ҳукумати кишвар сол ба сол ободу пешрафта ва сатҳу сифати зиндагии сокинони он мунтазам беҳтар шуда истодааст.

Таъкид гардид, ки дар солҳои соҳибистиқлолӣ барои амалӣ намудани ҳадафу нақшаҳои созанда ба вилоят аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳои маблағгузорӣ беш аз 24 миллиард сомонӣ равона шудааст. Ҳамчунин, дар ин давра барои бунёди манзилҳои истиқоматӣ ва беҳтар намудани шароити зиндагӣ ба зиёда аз 37 ҳазор оилаи вилоят 3765 гектар замин ҳамчун қитъаи замини наздиҳавлигӣ баҳри бунёди хонаҳои истиқоматӣ ҷудо шудааст, ки нисбат ба заминҳои наздиҳавлигии то соли 1991 додашуда беш аз 3 баробар зиёд мебошад. Дар натиҷаи тадбирҳои андешидаи Ҳукумати кишвар маҷмӯи маҳсулоти вилоят дар соли 2024 ба 1,9 миллиард сомонӣ баробар шудааст, ки нисбат ба соли 2000-ум 58 баробар зиёд аст.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид доштанд, ки нишондиҳандаҳои зикршуда гувоҳи равшани торафт баланд гардидани дороиҳо ва сатҳи некуаҳволии сокинони вилоят мебошанд.

Гуфта шуд, ки Ҳукумати кишвар барои таъмин намудани рушди иҷтимоиву иқтисодии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон минбаъд низ ҳамаи имконияту воситаҳои мавҷударо сафарбар намуда, баҳри боз ҳам баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии сокинони он тадбирҳои заруриро амалӣ мегардонад.

Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар рафти мулоқот оид ба тадбирҳои созандаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳри пешрафти тамоми бахшҳо, аз ҷумла соҳаи нақлиёт ва бунёди роҳу пулҳо дар ин самт, таъмини инфрасохтори зарурӣ, ташкили ҳаракати мунтазами мошинҳо, рафтуомади бемониаи мусофирон андешаронӣ намуданд.

Сарвари давлат иброз доштанд, ки дар маҷмӯъ, тайи даврони соҳибистиқлолӣ бо мақсади рушди иҷтимоиву иқтисодӣ, таҷдиду навсозии инфрасохтор ва беҳтар гардонидани сатҳи зиндагии мардуми вилоят 38 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи беш аз 4 миллиард сомонӣ амалӣ гардида, ҳоло корҳо дар доираи боз 16 лоиҳа бо арзиши умумии 5,5 миллиард сомонӣ идома доранд. Таъкид шуд, ки лоиҳаҳои зикршуда дар самти маорифу тандурустӣ, нақлиёту энергетика, таъмин намудани дастрасӣ ба хизматрасониҳои иҷтимоӣ, барқтаъминкунӣ, обёрӣ ва кишоварзӣ, идораи хавфи офатҳои табиӣ, паст кардани сатҳи камбизоатӣ, рушди маблағгузории хурд, мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим ва дигар самтҳои муҳим амалӣ гардида истодаанд.

Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон амалигардонии корҳои ободониву бунёдкорӣ ба ифтихори ҷашни Истиқлоли давлатиро яке аз ташаббусҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардум ва боз ҳам ободу зебо гардонидани шаҳру ноҳияҳои кишвар, аз ҷумла Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, маънидод намуданд.

Зикр карда шуд, ки дар доираи омодагӣ ба Ҷашни 30-солагии Истиқлоли давлатӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилоят 1021 иншоот ба маблағи як миллиард сомонӣ ба истифода дода шуд. Илова бар ин, дар доираи нақшаи чорабиниҳо ба муносибати Ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ бунёду навсозии 1362 иншоот ба нақша гирифта шудааст.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо итминон изҳор доштанд, ки роҳбарони шаҳру ноҳияҳои вилоят, сокинони ватандӯст ва соҳибкорони бонангу номус дар ҳамкорӣ бо вазорату идораҳои мутасаддӣ барои сари вақт сохта ба истифода додани иншооти боқимонда тамоми имкониятҳои худро сафарбар месозанд.

Президенти кишвар, ҳамчунин, вазъи соҳаи кишоварзӣ, аз ҷумла рушди боғпарварӣ, картошкапарварӣ, занбӯриасалпарварӣ ва чорводориро дар вилоят таҳлил намуда, барои татбиқи барномаҳои давлатӣ ва истифодаи ҳамаи имкониятҳо дар назди роҳбарияти вилоят, шаҳру ноҳияҳои он ва вазоратҳои дахлдор вазифаҳои мушаххас гузоштанд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, инчунин, вазъи бахшҳои саноат, энергетика, соҳаҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла маориф ва тандурустӣ, фаъолияти ҷавонону занон ва имкониятҳои рушди сайёҳиро дар вилоят, ки ҳамеша зери таваҷҷуҳи Ҳукумати кишвар қарор дорад, баррасӣ намуда, барои ислоҳи корҳо ва вусъати тадбирҳои созанда дастуру супоришҳои мушаххас доданд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо истифода аз иштироки фаъолони ҷомеа, аз ҷумла собиқадорони меҳнат, онҳоро ба баланд бардоштани ҳисси ватандӯстию худшиносии насли оянда, ҷалби фарзандон ба азхудкунии илму ҳунар, омӯзиши технологияи компютерӣ ва забонҳои хориҷӣ ҳидоят намуданд.

Сарвари давлат таъкид карданд, ки дар ин кори муҳим роҳбарону масъулони шаҳру ноҳияҳо, ҷамоатҳои деҳот, маҳаллаҳо ва фаъолон бояд бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҳамкории бештар дошта бошанд.

Президенти кишвар таъкид намуданд, ки «мо бояд барои пешгирӣ кардани бегонапарастӣ, шомилшавии ҷавонон ба ҳаракату гурӯҳҳои ифротиву террористӣ ва риояи бечунучарои талаботи қонунҳо, яъне таъмини волоияти қонун, тамоми имкониятҳои худро сафарбар созем».

Дар фароварди сухан Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо итминон изҳор доштанд, ки мардуми ватандӯсту сарбаланд ва заҳматқарини Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон минбаъд низ бо сарҷамъиву муттаҳидӣ дар рушди Тоҷикистони соҳибистиқлоламон ва Ватани аҷдодиамон саҳми арзишманд мегузоранд.

**14-уми октябри соли 2024 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пас аз анҷоми боздиди корӣ аз шаҳру ноҳияҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва мулоқот бо фаъолони вилоят ба шаҳри Душанбе баргаштанд.**

Маросими гусели Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз тарафи сокинони вилоят чун расми истиқболи меҳмони олиқадр дар фурудгоҳи марказии шаҳри Хоруғ бо шукӯҳу шаҳомат ва сипосгузории мардум аз сарвару роҳнамои хеш сурат гирифт. Аҳли фарҳанг ва сокинони сипосгузори вилоят бо самимияти хоса меҳмони олимақомро бо сururу шодӣ ва базми зебои бадахшӣ гусел намуданд.

Ёдовар мешавем, ки Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар доираи таҷлили Ҷашни 33-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 то 14 октябр бо сафари корӣ дар ноҳияҳои Рӯшону Ишкошим, Роштқалъа ва шаҳри Хоруғ қарор доштанд.

Дар ҷараёни сафари созандаи пурмаҳсул Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон як қатор иншооти таъиноти гуногунро, ки бо дастгирии Ҳукумати кишвар ва аз тарафи мардуми заҳматкаши шаҳру ноҳияҳои вилоят бо ҷонибдорӣ аз сиёсати бунёдкоронаи давлат сохта шудааст, мавриди баҳрабардорӣ қарор дода, ба сохтмони як зумра иншооти дигар оғоз бахшиданд.

Дар доираи ин боздид ва дар ҳошияи он наздики 100 иншоот ифтитоҳ ёфта, ба бунёди даҳҳои дигар асос гузошта шуд. Танҳо дар соҳаи маориф панҷ муассисаи таҳсилоти умумӣ ва ҳашт муассисаи томактабӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифт.

Яке аз ҳадафҳои асосии ин боздиди Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мулоқот ва дидору суҳбати наздик бо мардуми соҳибзавқи шаҳру ноҳияҳои вилоят, шиносоии бевосита бо вазъи зиндагии онҳо ва тарҳрезии нақшаҳои нави рушди иҷтимоию иқтисодии ин минтақаи баландкӯҳи кишвари азизамон буд.

Зимни мулоқотҳои самимӣ Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сокинони вилоятро бо Ҷашни 33-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон табрику таҳният гуфта, онҳоро ба вусъати корҳои созандагӣ барои омодагии шоиста ба таҷлили сазовори 35-солагии Истиқлоли давлатии Ватани маҳбубамон ҳидоят намуданд.

**www.prezident.tj**

# БАДАХШОН ОБОДУ ПЕШРАФТА ВА ЗИНДАГИИ СОКИНОН БЕҲТАР ШУДААСТ

## Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо роҳбарон ва фаъолони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон

**14 октябри соли 2024, шаҳри Хоруғ**

**(Идома аз саҳ. 1)**

Бояд гуфт, ки маҳз ба шарофати Истиқлоли давлатӣ ба мо муяссар гардид, ки дар душвортарин мавзеъҳо, яъне дар ҷойҳое, ки даҳсолаҳои зиёд бунёди роҳҳоро дар онҳо ғайриимкон медонистанд, роҳҳои замонавии ҷавобгӯй ба талаботи байналмилалӣ бунёд кунем.

Ва ба ҳамин васила, робитаи нақлиётии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшонро бо пойтахти мамлакат, дигар шаҳру ноҳияҳои кишвар ва мамолики хориҷӣ дар тамоми фаслҳои сол таъмин намоем.

Ҳамин иқдомоти амалинамудаамон ҳоло ба рафтуомади бехатари шаҳрвандон ва хеле беҳтар гардидани шароити зиндагии аҳолии вилоят мусоидат карда истодаанд.

Тавассути ин роҳҳо, ки аҳамияти транзити байналмилалӣ доранд, ҳоло боркашонӣ, хусусан, бо ҳамсоякишвари бузургамон - Ҷумҳурии Мардумии Чин рӯз ба рӯз афзуда истодааст.

Танҳо дар сарҳад бо Афғонистони ҳамсоя панҷ пули муосир сохта, ба истифода дода шуд ва тавассути онҳо фаъолияти бозорҳои наздисарҳадӣ ба роҳ монда шудааст.

Дар заминаи ҳадафҳои стратегии миллӣ тайи солҳои соҳибистиқлолӣ дар вилоят барои бунёди роҳҳои мошингарди дорои аҳамияти байналмилалӣ 12 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи умумии 2,3 миллиард сомонӣ татбиқ гардида, 250 километр роҳ, як нақб ва 26 пул ба истифода дода шуд.

Ҳоло дар ҳудуди вилоят дар ин самт панҷ лоиҳаи дигар ба маблағи умумии беш аз 3,2 миллиард сомонӣ амалӣ гардида истодааст ва илова бар ин, боз ду лоиҳаи сармоягузории давлатӣ барои бунёду таҷдиди роҳҳои мошингард ва пулҳо ба маблағи умумии 2,7 миллиард сомонӣ ба нақша гирифта шудааст.

Шоҳроҳи байналмилалии Қалъаихумб - Ванҷ - сарҳади Рӯшон, ки ду сол пеш оғоз гардида буд, мутобиқи меъёрҳои муосири ҷаҳонӣ бунёд шуда истодааст, ки дар оянда барои дар ҳақиқат ба дарвозаи тиллоии Тоҷикистон ва мавзеи ҷолиби сайёҳон мубаддал гардонидани Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон мусоидат менамояд.

Дар доираи ин лоиҳа, ки арзиши умумии он 2,5 миллиард сомониро ташкил медиҳад, то имрӯз корҳо ба маблағи 900 миллион сомонӣ анҷом дода шудаанд.

Ҳукумати мамлакат ҷиҳати татбиқи лоиҳаҳои нави сармоягузорӣ оид ба бунёду навсозии роҳҳо дар ҳудуди вилоят ва дарёфти сарчашмаҳои маблағгузории онҳо пайваста чораҷӯӣ карда истодааст.

Лоиҳаҳои бунёду таҷдиди роҳҳои Рӯшон то деҳаи Варшези ноҳияи Шуғнон (235 километр) ва аз Варшез то гузаргоҳи Кулма - Қарасу (300 километр) аз ҷумлаи онҳо мебошанд.

Дар даврони соҳибистиқлолӣ илова ба татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ маблағгузорӣ барои таъмиру нигоҳдории роҳҳои мошингарди вилоят аз ҳисоби буҷети давлатӣ низ сол ба сол зиёд гардида, бо ин мақсад беш аз 330 миллион сомонӣ ҷудо карда шудааст. Дар натиҷа, 980 километр роҳҳои маҳаллӣ ва 200 пул таъмиру азнавсозӣ гардидаанд. Инчунин, дар ин давра барои вилоят 75 техникаву нақлиёти роҳсозӣ ва таҷҳизоти муосир харидорӣ карда шудааст.

Дар маҷмӯъ, тайи даврони соҳибистиқлолӣ бо мақсади рушди иҷтимоиву иқтисодӣ, таҷдиду навсозии инфрасохтор ва беҳтар гардонидани сатҳи зиндагии мардуми вилоят 38 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи беш аз чор миллиард сомонӣ амалӣ гардида, ҳоло корҳо дар доираи боз 16 лоиҳа бо арзиши умумии 5,5 миллиард сомонӣ идома доранд.

Лоиҳаҳои зикршуда дар самти маорифу тандурустӣ, нақлиёту энергетика, таъмин намудани дастрасӣ ба хизматрасониҳои иҷтимоӣ, барқтаъминкунӣ, обёрӣ ва кишоварзӣ, идораи хавфи офатҳои табиӣ, паст кардани сатҳи камбизоатӣ, рушди маблағгузории хурд, мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим ва дигар самтҳои муҳим амалӣ гардида истодаанд.

**Ҳамватанони азиз!**

Ҳукумати мамлакат дар баробари бунёду навсозии роҳҳо ва ба ин васила бартараф намудани мушкилоти асосии сокинони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, ба рушди дигар соҳаҳои иҷтимоиву иқтисодии шаҳру ноҳияҳои вилоят низ аҳамияти аввалиндараҷа медиҳад.

Яке аз ташаббусҳое, ки барои баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардум ва боз ҳам ободу зебо гардонидани шаҳру ноҳияҳои мамлакат, аз ҷумла Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, равона карда шудааст, амалигардонии корҳои ободониву бунёдкорӣ ба ифтихори Ҷашни Истиқлоли давлатӣ мебошад.

Дар доираи омодагӣ ба Ҷашни 30-солагии Истиқлоли давлатӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилоят 1021 иншоот ба маблағи як миллиард сомонӣ ба истифода дода шуд. Илова бар ин, дар доираи нақшаи чорабиниҳо ба муносибати Ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ бунёду навсозии 1362 иншоот ба нақша гирифта шудааст.

То ба имрӯз корҳои сохтмон дар 766 иншоот ба маблағи зиёда аз 1,2 миллиард сомонӣ ба анҷом расидаанд, ки 56 фоизи нақшаро ташкил медиҳад.

Боиси қаноатмандист, ки дар ҷараёни сафари кории мо дар шаҳру ноҳияҳои вилоят як қатор иншооти таъиноти иҷтимоиву иқтисодӣ мавриди истифода қарор дода шуданд.

Танҳо дар шаҳри Хоруғ як рӯз пеш се қисми биноҳои баландошёнаи истиқоматӣ ва бинои 15-ошёнаро дар хиёбони ба номи Ширииншоҳ Шоҳтемур ба истифода супорида, ба даҳҳо оилаи эҳтиёҷманд ва омӯзгорон калиди хонаҳои навро тақдим намудем. Инчунин, корхонаҳои коркарди шир ва истеҳсоли маҳсулоти ширӣ, коркарди гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ, коркарди санг, гиёҳҳои шифобахш, меваю сабзавот, бандубасти меваи хушк, истеҳсоли мебел ва хушкашӯиро ба истифода додем.

Дар корхонаҳои зикршуда, ки барои ғанӣ гардонидани бозори дохилӣ бо маҳсулоти истеҳсоли худӣ ва баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардум саҳми арзанда мегузоранд, беш аз 200 нафар сокинони маҳаллӣ бо ҷойи нави корӣ таъмин гардиданд.

Бовар дорам, ки роҳбарони шаҳру ноҳияҳои вилоят, сокинони ватандӯст ва соҳибкорони бонангу номус дар ҳамкорӣ бо вазорату идораҳои мутасаддӣ ҷиҳати сари вақт сохта, ба истифода додани иншооти боқимонда тамоми имкониятҳои худро сафарбар месозанд.

Хотиррасон месозам, ки ҳоло барои баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардум ва расидан ба ҳадафҳои стратегии миллӣ нуҳ барномаи рушди иҷтимоиву иқтисодии шаҳру ноҳияҳои вилоят барои давраи солҳои 2021 - 2025 амалӣ гардида истодааст. Дар доираи онҳо татбиқи 808 лоиҳа ба маблағи беш аз 7 миллиард сомонӣ пешбинӣ гардидааст. Аз аввали татбиқи барномаҳо то ба имрӯз 285 лоиҳа ба маблағи беш аз 2,6 миллиард сомонӣ амалӣ гардидааст, вале иҷрои онҳо ҳамагӣ 35 фоизро ташкил додааст, ки қонеъкунанда нест. Хусусан, ҳолати амалисозии барномаҳои рушд дар ноҳияҳои Ванҷ, Роштқалъа, Ишкошим ва Дарвоз ташвишовар мебошад. Иҷрои барномаҳои мазкур дар ноҳияҳои зикршуда аз 20 то 35 фоиз таъмин шудааст.

Роҳбарияти вилоят ва шаҳру ноҳияҳои он вазифадоранд, ки дар ҳамкорӣ бо вазорату идораҳо, соҳибкорону сармоягузорон, шахсони саховатпеша ва аҳолӣ ҷиҳати самаранок аз худ кардани маблағҳои ҷудогардида, ҷалби сармояи ватаниву хориҷӣ ва таъмин намудани иҷрои барномаҳои қабулшуда чораҳои саривақтиро роҳандозӣ намоянд.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Қобили зикр аст, ки бо вуҷуди шароити кӯҳистон дар шаҳру ноҳияҳои вилоят рушди устувори соҳаи кишоварзӣ таъмин гардида, ҳаҷми умумии маҳсулот дар соли 2023 ба 886 миллион сомонӣ расонида шудааст, ки нисбат ба соли 2000-ум 11 баробар зиёд мебошад.

Дар даврони соҳибистиқлолӣ истеҳсоли ғалладонагиҳо ду баробар, картошка - 3, сабзавот - 4,4, шир - 2 ва тухм 3,7 баробар зиёд гардидааст. Дар ин давра ба сокинони шаҳру ноҳияҳои вилоят 2620 гектар замин ҳамчун заминҳои президентӣ барои ташкили хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ ҷудо карда дода шудааст ва тибқи таҳлилҳо ин иқдом ба хеле коҳиш ёфтани сатҳи камбизоатӣ мусоидат намудааст.

Дар натиҷаи амалисозии тадбирҳои Ҳукумати мамлакат дар даврони соҳибистиқлолӣ дар вилоят майдони 2318 гектар заминҳои нав аз худ гардида, ҳолати мелиоративии 1788 гектар замин беҳтар карда шудааст.

Танҳо дар 20 соли охир азхудкунии заминҳои нав дар ноҳияҳои Ванҷ 282 гектар, Дарвоз - 250, Рӯшон - 220, Шуғнон - 120, Роштқалъа - 266 ва Ишкошим 120 гектарро ташкил додааст.

Дар 33 соли соҳибистиқлолии кишвар кишти зироатҳои ғалладонагӣ 22 фоиз, картошка - 2,4, сабзавот 4,1 баробар, инчунин, саршумори чорвои калон - 1,4 баробар, паранда - 4,5 ва қутос 1,7 баробар зиёд шудааст. Ин нишондиҳандаҳо барои афзун намудани истеҳсоли маҳсулоти соҳа ва баланд бардоштани сатҳи худтаъминкунӣ бо маводи ғизоӣ хеле муҳим арзёбӣ мегарданд.

Танҳо кишти картошка дар ноҳияҳои вилоят аз 763 гектари соли 1991 то 1851 гектар дар соли 2024 ва истеҳсоли он дар ин муддат аз 8 ҳазор тонна ба 25 ҳазор тонна зиёд гардидааст. Ҳамчунин, майдони боғҳо аз 1347 гектари соли 1991 ба 3140 гектар дар соли 2023 расонида шудааст, ки 2,3 баробар зиёд буда, ҳоло меваи хушсифат ва аз лиҳози экологӣ тозаи вилоят дар бозорҳои дохиливу хориҷӣ харидорони зиёд пайдо кардааст.

Ҳоло ҳаҷми истеҳсоли мева нисбат ба соли 1991-ум 19,4 баробар ва ҳосилнокии боғҳо ҳафт баробар афзоиш ёфтааст.

Дар баробари ин, зарур аст, ки дар шаҳру ноҳияҳои вилоят ба масъалаи коркарди мева ва таъсиси корхонаҳои нав дар ин самт таваҷҷуҳи боз ҳам бештар зоҳир карда шавад.

Бо назардошти вазъи ҷаҳони имрӯза ва таъсири манфии он ба бозори истеъмолӣ моро зарур аст, ки ба рушди соҳаи кишоварзӣ бештар диққат дода, ба хотири таъмини бозори дохилӣ дар ҳама фаслҳои сол барои зиёд намудани кишти зироатҳо ва ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот кӯшиш намоем. Ин дар шароити вилоят танҳо дар сурати истифодаи самараноку оқилонаи обу замин, аз ҷумла заминҳои наздиҳавлигиву президентӣ ва ба роҳ мондани кишти такрорӣ ба даст меояд.

Бори дигар хотирнишон месозам, ки дар шаҳру ноҳияҳои вилоят барои рушди боғпарварӣ, картошкапарварӣ, занбӯриасалпарварӣ ва чорводорӣ имкониятҳои фаровон мавҷуданд. Зарур аст, ки аз ин имкониятҳо ҳар чӣ бештар истифода карда шавад.

Ман зимни сафари қаблии худ ба шаҳру ноҳияҳои вилоят ба роҳбарону масъулон вобаста ба ташкил намудани марказҳои бандубаст ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ супоришҳои мушаххас дода будам.

Роҳбарияти вилоят ва шаҳру ноҳияҳои онро бори дигар вазифадор менамоям, ки якҷо бо вазоратҳои кишоварзӣ, саноат ва технологияҳои нав, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ ҷиҳати ҳар чӣ бештар ба роҳ мондани коркарди маҳсулоти кишоварзӣ тадбирҳои мушаххас андешанд. Илова бар ин, зарур аст, ки бо назардошти таҷрибаи дигар шаҳру ноҳияҳои мамлакат ҳамкорӣ бо соҳибкорону сармоягузорон барои ҳалли масъалаҳои бунёди коргоҳу корхонаҳои истеҳсолӣ, аз ҷумла барои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ вусъат дода шавад.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Қобили зикр аст, ки дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ мунтазам афзуда, соли 2023 ба 215 миллион сомонӣ расонида шудааст, ки нисбат ба соли 1993-юм 3,5 баробар зиёд мебошад. Танҳо дар моҳҳои январ-августи соли 2024 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба 160 миллион сомонӣ баробар гардида, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 36 фоиз афзудааст.

Тайи солҳои соҳибистиқлолӣ дар ҳудуди вилоят зиёда аз 100 корхонаи нави саноатӣ, аз ҷумла танҳо дар ду соли охир 56 корхона таъсис дода шудааст. Дар ин давра дар вилоят беш аз 100 коргоҳи хурди саноатӣ бунёд ва ба истифода дода шудааст.

Истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ аз даҳ номгӯи соли 1991 ҳоло ба беш аз 60 номгӯй расидааст.

Бо вуҷуди ин, таъкид менамоям, ки шумораи корхонаҳо ва ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатии вилоят ҳанӯз ба захираву имкониятҳои саноатии он мутобиқ нест, зеро Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дорои захираҳои бойи табиӣ буда, дар ҳудуди он даҳҳо кону зуҳуроти маъданҳо ва канданиҳои фоиданок вуҷуд доранд.

Ҳукумати мамлакат, Вазорати саноат ва технологияҳои нав ва Саридораи геология бояд дар масъалаи истихроҷ ва коркарди онҳо тадбирҳои зарурӣ андешанд. Инчунин, дар қаламрави вилоят ҳазорҳо намуд гиёҳҳои шифобахш ва чашмаҳои табобатӣ мавҷуданд, ки аз ҷумлаи афзалиятҳои ҳанӯз пурра истифоданашуда мебошанд.

Дар робита ба ин масъала таъкид менамоям, ки таъминнокии хонандагон бо либоси мактабӣ аз ҳисоби истеҳсоли худӣ дар вилоят қонеъкунанда набуда, сатҳи он дар соли 2023 ҳамагӣ 15 фоиз ва дар ҳашт моҳи соли равон танҳо 18 фоизро ташкил додааст.

Мо саноатикунонии босуръати кишварро ба он хотир ҳадафи чоруми стратегӣ эълон намудем, ки дар доираи он дар шаҳру ноҳияҳои кишвар корхонаҳои азиму миёнаи саноатӣ таъсис дода, коркарди пурраи ашёи хоми маҳаллӣ ва истеҳсоли маҳсулоти дорои арзиши баланди иловашударо роҳандозӣ намоем.

Бо ҳамин роҳ мо метавонем, ки иқтидори содиротии Тоҷикистонро тақвият бахшида, вобастагии иқтисоди миллиро аз молу маҳсулоти воридотӣ коҳиш диҳем. Муҳимтар аз ҳама, шаҳрвандони худро бо ҷойи кори доимӣ таъмин карда, сатҳу сифати зиндагии сокинони мамлакатро бамаротиб беҳтар намоем.

Ба роҳбарияти Вазорати саноат ва технологияҳои нав, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, шаҳру ноҳияҳои он ва дигар вазорату идораҳои дахлдори кишвар бори дигар супориш дода мешавад, ки доир ба ҷалби сармояи дохиливу хориҷӣ барои таъсиси корхонаҳои истеҳсолӣ тадбирҳои мушаххас андешанд.

Дар ин самт, ба коркарди ашёи хоми маҳаллӣ, аз ҷумла канданиҳои фоиданок, истеҳсоли масолеҳи сохтмон, коркарди мармар, мева, дигар маҳсулоти кишоварзӣ ва истеҳсоли маҳсулоти ниёзи аввал бояд эътибори аввалиндараҷа дода шавад.

Расидан ба истиқлоли энергетикӣ яке аз ҳадафҳои стратегии мамлакат эълон шуда, дар заминаи амалисозии маҷмӯи тадбирҳои мушаххас тайи солҳои соҳибистиқлолӣ дар соҳаи энергетикаи кишвар, аз ҷумла дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон пешравиҳои назаррас ба даст омадаанд. Бо ин мақсад дар ин давра ба соҳаи энергетикаи вилоят, аз ҷумла, беш аз 3,4 миллиард сомонӣ маблағ равона шудааст. То имрӯз дар вилоят 73 лоиҳаи хурду миёна ба маблағи умумии 1,7 миллиард сомонӣ татбиқ гардида, ҳоло корҳо дар доираи 11 лоиҳа ба маблағи умумии 1,1 миллиард сомонӣ идома доранд.

Дар натиҷаи амалигардонии лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ дар ҳудуди вилоят 31 мегаватт иқтидори нави истеҳсоли неруи барқ бунёд гардида, иқтидорҳои мавҷуда дар ҳаҷми 14 мегаватт таҷдиду навсозӣ карда шуданд.

Агар то соли 1991 иқтидори истеҳсоли неруи барқ дар вилоят ҳамагӣ 10,4 мегаваттро ташкил карда бошад, ин нишондиҳанда дар соли 2024 ба 47,5 мегаватт расидааст, яъне 4,7 баробар зиёд шудааст. Илова бар ин, Ҳукумати мамлакат тасмим гирифтааст, ки дар доираи татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ то охири соли 2025 дар вилоят боз 22 мегаватт иқтидорҳои навро ба кор даровarда, ҳаҷми умумии онро ба 76,5 мегаватт расонад.

Қобили зикр аст, ки дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ ҳамагӣ 13 фоизи муштариёни вилоят ба барқи 12-соата дар як шабонарӯз дастрасӣ доштанд. Дар натиҷаи тадбирҳои амалигардида аз соли 2016 инҷониб вазъи барқтаъминкунӣ дар вилоят беҳтар гардида, ба 98 фоиз расонида шуд. Яъне, аз соли 2016 инҷониб ба истиснои қисми муштариёни водии Бартанг ва қисми муштариёни ноҳияи Мурғоб тамоми аҳолии вилоят шабонарӯзӣ бо неруи барқ таъмин гардидаанд.

Ҳоло ҷиҳати боз ҳам беҳтар намудани таъминоти барқ ва афзоиш додани содироти он сохтмони Неругоҳи барқи обии «Себзор» бо тавоноии 11 мегаватт идома дорад, ки соли оянда пурра ба истифода дода мешавад.

Бояд гуфт, ки иқтидорҳои амалкунандаи истеҳсоли неруи барқ дар ҳудуди вилоят 100 фоиз аз ҳисоби манбаъҳои барқароршавандаи энергия фаъолият мекунанд, ки дар шароити тағйирёбии босуръати иқлим ва дигар мушкилоти экологӣ бисёр муҳим мебошад.

Дар даврони соҳибистиқлолӣ дар ҳудуди вилоят зиёда аз 217 километр хатҳои интиқоли барқи баландшиддати 110-киловолта, 16 зеристгоҳи барқӣ, 289 километр хатҳои интиқоли барқи 35-киловолта ва беш аз 560 километр хатҳои нави барқии иқтидорашон хурд сохта, мавриди истифодабарӣ қарор дода шуданд.

Дар ҳудуди вилоят сохтмони боз 135 километр хатҳои интиқоли барқ ба нақша гирифта шудааст, ки дарояндаи наздик барои устувории низоми энергетикии вилоят ва кишвар истифода мегарданд. Инчунин, дар доираи татбиқи лоиҳаи электрификатсияи деҳоти Тоҷикистон ба маблағи 400 миллион сомонӣ 27 деҳа тавассути бунёди шабакаҳо бо неруи барқ таъмин гардида, дар 13 деҳа бунёди неругоҳҳои хурди барқи обӣ ва дар 22 деҳа неругоҳҳои барқи офтобӣ ва бодӣ пешбинӣ гардидааст. Баъди амалӣ гардидани ин лоиҳа таъминоти барқ дар вилоят ба 100 фоиз расонида мешавад.

Вазорати энергетика ва захираҳои об, Ҷамъияти саҳомии «Помир энерҷӣ» ва роҳбарияти вилоят бояд ҳамкориро бо шарикони рушд ва сармоягузорон ҷиҳати иҷрои лоиҳаҳо ва бунёди неругоҳҳои барқии хурд, аз ҷумла неругоҳҳои офтобӣ ва бодӣ тақвият бахшанд.

**Ҳозирини муҳтарам!**

Рушди соҳаҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла маориф ва тандурустӣ зери таваҷҷуҳи доимии Ҳукумати мамлакат қарор дорад.

Дар ин замина танҳо дар давоми 20 соли охир аз ҳисоби буҷети давлатӣ ба соҳаи маорифи вилоят зиёда аз 2 миллиард сомонӣ равона гардида, дар натиҷа заминаи моддиву техникии муассисаҳои таълимии вилоят хеле мустаҳкам шуда, шумораи онҳо афзудааст ва фарогирии хонандагон ба таври назаррас беҳтар гардидааст.

Дар соли 2024 барои рушди соҳаи маорифи вилоят беш аз 300 миллион сомонӣ пешбинӣ шудааст, ки нисбат ба соли гузашта 28 фоиз зиёд мебошад.

Дар давраи соҳибистиқлолии мамлакат дар шаҳру ноҳияҳои вилоят 215 муассисаи таҳсилоти умумӣ ва синфхонаҳои иловагӣ барои 43 ҳазор ҷойи нишаст ба маблағи беш аз 450 миллион сомонӣ сохта ба истифода дода шуданд. Ҳоло ба маблағи 144 миллион сомонӣ сохтмони боз 26 муассисаи таълимӣ барои 9 ҳазор хонанда идома дорад. Имрӯз дар вилоят 26 муассисаи таълими томактабӣ, 157 маркази инкишофи кӯдак ва 313 муассисаи таълимӣ фаъолият дорад.

Дар солҳои соҳибистиқлолӣ зиёда аз 40 ҳазор нафар ҷавонони вилоят муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, аз ҷумла 3300 нафар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии хориҷи кишварро хатм намудаанд.

Аз соли 1997 то имрӯз 3788 нафар хатмкардагони мактабҳои вилоят ба ихтисосҳои равияҳои омӯзгорӣ, тиббӣ, фарҳанг, варзиш, энергетика, техникаву технология ва кишоварзӣ ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар тибқи Квотаи президентӣ дохил шудаанд.

Ҳоло 653 нафар ҷавонони вилоят (351 духтар ва 302 писар) дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии мамлакат бо Квотаи президентӣ таҳсил доранд.

Бо вуҷуди пешравиҳои назаррас дар соҳаи маорифи вилоят як қатор камбудиҳо, аз ҷумла иҷрои пасти «Барномаи таъмини муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бо кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимӣ барои солҳои 2021 – 2025» (17 фоиз) ҳалталаб боқӣ мемонанд. Инчунин, 35 муассиса таъмирталаб буда, 70 муассисаи таҳсилоти умумӣ дар ҳолати садамавӣ қарор дорад ва эҳтиёҷот ба мизу курсӣ низ ба назар мерасад.

Роҳбарияти вилоят ва шаҳру ноҳияҳои он вазифадоранд, ки якҷо бо Вазорати маориф ва илм ва дигар сохторҳои дахлдор ҷиҳати ҳалли масъалаҳои соҳаи маорифи вилоят чораҳои зарурӣ андешанд, инчунин, сохтмони муассисаҳои соҳаи маорифро зери назорати доимӣ қарор дода, барои сари вақт ва бо сифати баланд супоридани онҳо чораҷӯӣ намоянд.

Дар даврони соҳибистиқлолӣ ба соҳаи тандурустии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон маблағгузорӣ аз буҷети давлатӣ сол аз сол афзоиш ёфта, дар соли 2024 ба 140 миллион сомонӣ расонида шуд, ки нисбат ба соли қаблӣ 25 фоиз зиёд мебошад.

Дар ин давра дар вилоят 276 муассисаи тандурустӣ ба маблағи 360 миллион сомонӣ бунёд карда шуда, 906 муассиса ба маблағи 120 миллион сомонӣ таъмиру барқароросозӣ гардидааст.

Танҳо дар доираи нақшаи бунёдкориву созандагӣ ба ифтихори 30-солагии Истиқлоли давлатӣ дар вилоят ба маблағи беш аз 216 миллион сомонӣ 58 муассисаи тандурустӣ сохта ба истифода дода шудааст.

Тибқи нақшаи тасдиқшуда ба муносибати 35-солагии Истиқлоли давлатӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилоят бунёду навсозии боз 72 иншооти соҳа ба маблағи беш аз 170 миллион сомонӣ пешбинӣ гардидааст.

Танҳо дар дуюним соли охир барои сохтмон ва таъмиру навсозии муассисаҳои тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии вилоят беш аз 49 миллион сомонӣ, аз ҷумла 31 миллион сомонӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ маблағ ҷудо гардидааст.

Дар даврони соҳибистиқлолӣ муассисаҳои зикршуда ба маблағи 103 миллион сомонӣ бо асбобу таҷҳизоти тиббӣ ва доруворӣ таъмин карда шудаанд.

Ҳоло муассисаҳои тандурустии вилоят бо 60 нақлиёти ёрии таъҷилии тиббӣ таъмин буда, танҳо дар се соли охир барои онҳо 14 воситаи нақлиёти тиббии ҳозиразамон харидорӣ ва дастрас карда шудааст.

Дар замони соҳибистиқлолӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии тиббии кишвар 1293 нафар ҷавонони вилоят, аз ҷумла 445 нафар тибқи Квотаи президентӣ таҳсил кардаанд, ки барои бо мутахассисон таъмин намудани муассисаҳои тиббии шаҳру ноҳияҳои вилоят ва баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои тиббӣ ба аҳолӣ мусоидат карда истодаанд.

Дар натиҷаи тадбирҳои андешидаи Ҳукумати мамлакат хизматрасониҳои тиббӣ ба аҳолии вилоят сифатан беҳтар гардидааст, ки нишондиҳандаҳои зерин гувоҳи он мебошанд:

– агар нишондиҳандаи фавти кӯдакони синни то 1-сола нисбат ба 1000 зиндатаваллуд дар соли 1990-ум 36,4-ро ташкил дода бошад, пас он дар 6 моҳи соли 2024 ба 13,6 баробар шудааст, яъне қариб 3 баробар коҳиш ёфтааст;

– агар дар вилоят нишондиҳандаи фавти модарон дар соли 1990-ум 98,3 ҳолатро нисбат ба 100 ҳазор зиндатаваллуд ташкил карда бошад, соли 2023 ва шаш моҳи соли равон ҳодисаи фавти модарон умуман ба қайд гирифта нашудааст;

– шумораи аҳолии вилоят дар давоми 33 соли истиқлол аз 172 ҳазор то 234 ҳазор нафар расида, 36,2 фоиз зиёд шудааст;

– дарозумрии аҳолии вилоят дар ин давра аз 69,6 дар соли 1991 то 79 сол дар соли 2022, яъне 9,4 сол баланд гардидааст.

Бо вуҷуди ин, ба роҳбарияти вилоят ва шаҳру ноҳияҳои онро зарур аст, ки якҷо бо Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ минбаъд низ дар самти беҳтар кардани шароити муассисаҳои тиббӣ, бо таҷҳизоту технологияҳои муосир таъмин намудани онҳо ва баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои тиббӣ чораҷӯӣ намоянд.

Тайёр кардани кадрҳо ва тавассути бозомӯзиву такмили ихтисос баланд бардоштани сатҳи касбияти онҳо аз ҷумлаи масъалаҳое мебошанд, ки ба ҳалли онҳо бояд эътибори ҷиддӣ дода шавад.

Бояд гуфт, ки Ҳукумати мамлакат дар даврони соҳибистиқлолӣ барои баланд бардоштани музди меҳнат ва пардохти саривақтии маошу нафақа дар мамлакат, аз ҷумла дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон тамоми тадбирҳои заруриро андешида истодааст.

Масалан, дар вилоят музди миёнаи меҳнати як корманд, ки соли 2000-ум ҳамагӣ 12 сомониро ташкил медод, соли 2023-юм ба 1848 сомонӣ расида, беш аз 150 баробар зиёд гардидааст.

Ҷиҳати ба касбомӯзӣ фаро гирифтани сокинони вилоят тайи понздаҳ соли охир дар шаҳру ноҳияҳои Хоруғ, Шуғнон, Рӯшон, Ванҷ, Дарвоз, Роштқалъа ва Ишкошим марказҳои таълими калонсолон таъсис дода шудаанд ва ҳазорон нафар соҳиби ихтисоси корӣ гардидаанд.

Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ ва Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ якҷо бо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо вазифадоранд, ки ҷиҳати ба касбомӯзӣ фаро гирифтан ва ба талаботи бозори меҳнати дохиливу хориҷӣ мутобиқ гардонидани шумораи ҳар чӣ бештари сокинони вилоят мунтазам чораҷӯӣ намоянд.

**Дӯстони азиз!**

Шумо хуб медонед, ки тамоми пешрафту ободии кишвари азизамон, аз ҷумла Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон натиҷаву самараи сулҳу оромӣ, суботи комили сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ мебошад. Ба хотири ободии боз ҳам бештари Ватани маҳбубамон ҳар яки мо вазифадорем, ки неъмати бебаҳои зиндагиамон - сулҳу субот ва ваҳдати миллиро эҳтиёт кунем ва таҳкиму тақвият бахшем.

Тибқи таҳлилҳо дар вилоят вазъи риояи қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, дар маҷмӯъ, муътадил мебошад. Соли 2023 дар вилоят 758 ва дар шаш моҳи соли ҷорӣ 522 ҷиноят ба қайд гирифта шуда, нисбат ба солҳои гузашта коҳиш ёфтааст.

Аз ҷумла, ҷиноятҳои одамкушӣ ва сӯиқасд ба он, тасарруфи силоҳи оташфишон ва лавозимоти ҷангӣ, муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир, авбошӣ ва ҷиноят бо истифода аз силоҳ кам шудааст.

Ба ҳолати 1-уми сентябри соли равон 214 нафар сокини вилоят дар кофтукови расмӣ қарор доранд, ки 153 нафар ё 71,5 фоизи онҳо ҷиноятҳои дорои хусусияти террористиву экстремистӣ содир кардаанд.

Шомилшавии баъзе сокинони вилоят, аз ҷумла ҷавонон ва содиршавии ҷиноятҳои террористиву экстремистӣ, аз ҷумла аз ҷониби сокинони ноҳияи Ванҷ нигаронкунанда буда, ҳоло даҳҳо нафари онҳо барои содир намудани ҷиноятҳои зикршуда дар кофтуков қарор доранд. Ҳамчунин, вазъи қочоқи маводи мухаддир дар ҳудуди вилоят то ба ҳол ташвишовар боқӣ монда, тайи солҳои 2021-2023 ва ҳашт моҳи соли 2024 аз ҷинояткорон беш аз 929 килограмм маводи мухаддир мусодира карда шудааст.

Бо назардошти он ки хати сарҳади давлатӣ дар ҳудуди вилоят аз минтақаҳои душворгузари кӯҳӣ ва дигар мавзеъҳои ба мушкилӣ назоратшаванда мегузарад, вақтҳои охир иловатан 33 дидбонгоҳи сарҳадӣ таъсис дода шуд, ки боиси беҳтар шудани назорат гардид.

Мустаҳкам намудани сарҳади давлатӣ дар солҳои оянда низ зери назорати доимии Ҳукумати мамлакат қарор гирифта, дар тамоми хати сарҳади давлатӣ бунёди иншооти муҳандисӣ ва насби таҷҳизоти муосири назорати шабонарӯзии сарҳад идома меёбад.

То имрӯз зиёда аз 30 километр хати сарҳади давлатӣ бо симтӯру симхор ва камераҳои назоратӣ таъмин гардида, то охири соли равон зиёда аз 50 километр хати сарҳад пурра бо чунин таҷҳизоти муҳофизатӣ муҷаҳҳаз гардонида мешавад.

Бо вуҷуди ин, сохторҳои ҳифзи сарҳад ва умуман, мақомоти ҳифзи ҳуқуқро зарур аст, ки доир ба таҳкими боз ҳам бештари сарҳади давлатӣ, мубориза бар зидди ҷиноятҳо, қочоқи маводи мухаддир, хусусан, пешгирӣ кардани ҷиноятҳои террористиву экстремистӣ тадбирҳои иловагӣ андешанд.

Дар ин кори муҳим роҳбарону масъулони шаҳру ноҳияҳо, ҷамоатҳо ва деҳот, маҳаллаҳо ва фаъолон бояд бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҳамкории доимӣ дошта бошанд.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Ман дар суханрониҳои худ доим хотирнишон менамоям, ки Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон яке аз маконҳои бисёр ҷолиб барои сайёҳони дохилию хориҷӣ мебошад.

Манзараҳои табиии бисёр зебову нотакрор, шаршараву дарёҳо ва кӯлҳои беназир, пиряхҳои калонтарин ва қуллаҳои баландтарин, меваҳои шаҳдбор ва маҳсулоти ширию гӯштии аз лиҳози экологӣ тоза, ҳазорҳо намуди гиёҳҳои шифобахшу даҳо чашмаҳои табобатӣ ва олами набототу ҳайвоноти нодир аз ҷумлаи имкониятҳои беҳтарин барои рушди сайёҳӣ дар вилоят мебошанд.

Инчунин, ёдгориҳои таърихиву фарҳангӣ ва расму оинҳои рангоранги миллӣ, ки дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон мавҷуданд, таваҷҷуҳи ҳазорон ҳазор сайёҳонро аз кишварҳои гуногуни олам ба худ ҷалб кардаанд, вале имкониятҳои вилоят дар ин самт ҳанӯз ба таври кофӣ истифода намегарданд, ки ин аз ҷониби вазорату идораҳои дахлдор ва роҳбарияти вилоят ва шаҳру ноҳияҳои он андешидани чораҳои заруриро тақозо менамояд.

Мувофиқи маълумоти оморӣ соли 2023 ва шаш моҳи соли 2024 ба Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ҳамагӣ 50 ҳазор сайёҳи хориҷӣ омадааст, ки хеле ва хеле кам аст. Вобаста ба ин, зарур аст, ки роҳбарони мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳои он дар ҳамкорӣ бо Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Кумитаи рушди сайёҳӣ ва дигар вазорату идораҳои дахлдор «Барномаи рушди соҳаи сайёҳӣ дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон»-ро таҳия ва амалӣ намоянд. Инчунин, доир ба ҷалби соҳибкорону сармоягузорон ҷиҳати бунёди инфрасохтори зарурии сайёҳӣ, баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ, рушди ҳунарҳои мардумӣ ва ташкили растаҳои косибону ҳунармандон бояд тадбирҳои иловагӣ андешида шаванд.

Бо истифода аз фурсат мехоҳам боз як масъалаи муҳимро хотирнишон намоям. Ҳамаи шумо аз вазъи ҷаҳони имрӯза, яъне торафт шиддат гирифтани мухолифату низоъҳо дар байни абарқудратҳо, таҳримҳои иқтисодиву молиявӣ, вусъат пайдо кардани таҳдиду хатарҳои муосир, аз ҷумла терроризму экстремизм, қочоқи маводи мухаддир, ҷиноятҳои киберӣ ва дигар ҷинояткориҳои муташаккили фаромиллӣ хуб огоҳӣ доред.

Илова бар ин, тағйирёбии босуръати иқлим ва оқибатҳои вазнини он - камобиву хушксолии пай дар пай ва офатҳои табиӣ, инчунин, паҳншавии бемориҳои сироятӣ сокинони сайёраро ба мушкилоти ҷиддӣ рӯ ба рӯ кардаанд. Дар чунин шароити ҳассосу пешгӯинашаванда мо бояд боз ҳам бештар заҳмат кашем, Ватанамонро обод ва давлатамонро неруманду пешрафта гардонем.

Бовар дорам, ки ҳамаи шумо мазмуну муҳтаво ва таҳлилҳоеро, ки дар суханрониҳои Роҳбари давлат рӯзи 9-уми марти соли ҷорӣ дар вохӯрӣ бо намояндагони аҳли ҷомеа ва ходимони дин, инчунин, рӯзи 1-уми сентябр ба муносибати Рӯзи Дониш баён гардиданд, хуб дарк намуда, барои амалӣ намудани супоришҳои додашуда кӯшиш мекунед.

Бори дигар таъкид месозам, ки мо бояд ба тарбияи фарзандон, яъне онҳое, киояндаи давлати тоҷиконро соҳибӣ мекунанд, эътибори аввалиндараҷа диҳем, ба онҳо барои соҳиби илму дониш ва касбу ҳунар шуданашон шароиту имконият муҳайё созем.

Мо бояд барои пешгирӣ кардани бегонапарастӣ, шомилшавии ҷавонон ба ҳаракату гурӯҳҳои ифротиву террористӣ ва риояи бечунучарои талаботи қонунҳо, яъне таъмини волояти қонун тамоми имкониятҳои худро сафарбар созем.

Мо ҳамеша дар ёд дошта бошем, ки ин Ватани биҳиштосо, ин сарзамини муқаддас аз мост ва мо бояд онро бо дастони худамон ва бо заҳмати аҳлонаву содиқонаамон боз ҳам ободу зебо гардонем.

Мо бояд ҳисси баланди миллӣ дошта бошем, Ватанамонро сидқан дӯст дорем, аз тоҷик будани худ ифтихор намоем, ҳамеша сарҷамъу муттаҳид ва мададгору ғамхори якдигар бошем.

Бовар дорам, ки мардуми ватандӯсту сарбаланд ва заҳматкарини Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон минбаъд низ бо сарҷамъиву муттаҳидӣ дар рушди Тоҷикистони соҳибистиқлоламон ва Ватани аҷдодиамон саҳми арзишманд мегузоранд.

Бо эътимоди комил иброз менамоям, ки онҳо дарояндаи наздик диёри худро ба яке аз гӯшаҳои ободу пешрафтаи сарзамини тоҷикон табдил медиҳанд.

Дар ин ҷода ба кулли сокинони ватандӯсти вилоят ва ҳамаи шумо – ҳозирини арҷманд барору муваффақият ва саломативу хушрӯзӣ орзу менамоям.

Бигзор дар хонадони ҳар яки шумо - ҳамватанони азиз сулҳу оромӣ, хушбахтиву саодат ва файзу баракат ҳукмрон бошад.

**Саломату сарбаланд бошед!**

## БА ТАВАҶҶУҲИ ПУДРАТЧИЁН ВА МОЛРАСОНҲО!

# ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | № ДИО | Ташкилоти харидор | Мавзуи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 425317 | МД «Нигоҳдошти боғу гулгашт, майдончаҳои варзишӣ ва бозии кӯдакон» дар назди Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе | Таъмири ҷории майдончаҳои №1,2,3,4,5 дар кӯчаи А. Ғуломов, ноҳияи Синои шаҳри Душанбе, воқеъ дар биноҳои №3,15,18,11/9,25. | Озмуни кушод | Кор | 1 | 21.10.2024 15:50:00 |
| 2 | 425310 | Муассисаи давлатии «Боғи Ирам»-и Муассисаи давлатии «Маҷмӯи меҳмонхонаҳои Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» | Молҳои хоҷагидорӣ, асбобҳои дастӣ, мӯзаҳои резинӣ, нуриҳо, тухмии алаф, рахти хоб, кӯрпа, болишт, ниҳолҳои гул ва қолин | Озмуни кушод | Мол | 22 | 31.10.2024 15:20:25 |
| 3 | 425316 | Кумаки аввалияи тиббию санитарии ноҳияи Вахш | Маводи дизенфексионӣ ва шустушӯӣ | Озмуни кушод | Мол | 2 | 31.10.2024 15:45:55 |
| 4 | 425318 | Муассисаи давлатии таълимии «Коллеҷи тиббӣ»-и ноҳияи Ёвон | Таҷҳизоти идоравӣ, барқӣ ва курсиҳо | Озмуни кушод | Мол | 7 | 31.10.2024 15:50:10 |
| 5 | 425320 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умуми № 36-и ноҳияи Ҷалолиддини Балхии вилояти Хатлон | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 25 | 31.10.2024 15:55:15 |
| 6 | 425315 | МД «Маркази минтақавии хизмати иҷтимоӣ ба нафақахӯрон ва маъюбони шаҳри Душанбе» | Хӯрокворӣ ва молҳои хоҷагӣ | Озмуни кушод | Мол | 15 | 31.10.2024 16:00:00 |
| 7 | 425321 | Муассисаи давлатии таълимии «Коллеҷи тиббии ноҳияи Ёвон» | Корҳои таъмирӣ дар Муассисаи давлатии таълимии «Коллеҷи тиббии ноҳияи Ёвон» | Озмуни кушод | Кор | 1 | 31.10.2024 16:00:30 |
| 8 | 425319 | Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе | Сачоқ | Озмуни кушод | Мол | 1 | 31.10.2024 16:10:00 |
| 9 | 425313 | Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт | Ангишт | Озмуни кушод | Мол | 1 | 31.10.2024 16:11:45 |
| 10 | 425323 | Муассисаи давлатии таълимии «Литсейи №4 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе» | Планшетҳо | Озмуни кушод | Мол | 1 | 31.10.2024 16:30:00 |
| 11 | 425324 | Муассисаи давлатии таълими томактабии «Ширхоргоҳ-кӯдакистони №12-и шаҳри Хуҷанд» | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 16 | 31.10.2024 17:20:35 |
| 12 | 425325 | Муассисаи давлатии таълими томактабии «Ширхоргоҳ-кӯдакистони №12-и шаҳри Хуҷанд» | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 44 | 31.10.2024 17:27:35 |
| 13 | 425326 | Муассисаи давлатии Истироҳатгоҳи табобатии собиқадорони ҷангу меҳнати «Бибӣ Фотимаи Заҳро» | Сохтмони ҳуҷра барои муҳофизон ва бомпӯш кардани чортарафаи бинои ошхонаи Муассисаи давлатии «Истироҳатгоҳи табобатии собиқадорони ҷангу меҳнати «Бибӣ Фотимаи Заҳро» дар ноҳияи Ишкошим | Озмуни кушод | Кор | 1 | 31.10.2024 18:50:00 |
| 14 | 425329 | Муассисаи давлатии «Нигоҳдории боғу гулгаштҳо, майдончаҳои варзишӣ ва бозии кӯдакон»-и Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Фирдавсӣ | Трактор | Озмуни кушод | Мол | 1 | 01.11.2024 08:40:10 |
| 15 | 425327 | Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи гражданиии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Видеорегистраторҳо, камераҳои назоратӣ, кондитсионерҳо, роҳаткурсиҳои идоравӣ ва жалюзӣ | Озмуни кушод | Мол | 16 | 01.11.2024 09:00:00 |
| 16 | 425305 | Муассисаи давлатии «Беморхонаи клиникии шаҳрии бемориҳои сироятӣ»-и шаҳри Душанбе | Реагентҳои лабораторӣ ва масрафшавандаи тиббӣ | Озмуни кушод | Мол | 33 | 01.11.2024 09:53:44 |
| 17 | 425332 | Муассисаи давлатии таълими томактабии «Ширхоргоҳ-кӯдакистони №137» | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 41 | 01.11.2024 10:00:29 |
| 18 | 425335 | Муассисаи давлатии «Маркази шаҳрии ёрии таъҷилии тиббӣ» | Доруворӣ | Озмуни кушод | Мол | 12 | 01.11.2024 10:10:16 |
| 19 | 425333 | Кӯдакистони № 113 «Аниса»-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 60 | 01.11.2024 10:10:57 |
| 20 | 425336 | Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон | Молҳои хоҷагӣ, канселярӣ ва курсии мулоим | Озмуни кушод | Мол | 19 | 01.11.2024 11:25:00 |
| 21 | 425337 | Муассисаи давлатии «Телевизиони Сафина» | Мошини сабукрав | Озмуни кушод | Мол | 1 | 01.11.2024 11:35:00 |
| 22 | 425328 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Исмоили Сомонӣ | Пойафзол | Озмуни кушод | Мол | 3 | 01.11.2024 14:44:44 |
| 23 | 425312 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Карасин | Озмуни кушод | Мол | 1 | 01.11.2024 15:05:08 |
| 24 | 425339 | Раёсати Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Мебели идоравӣ | Озмуни кушод | Мол | 10 | 01.11.2024 15:10:41 |
| 25 | 425314 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Маводи мулоим | Озмуни кушод | Мол | 7 | 01.11.2024 15:30:50 |
| 26 | 425330 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Исмоили Сомонӣ | Молҳои хоҷагидорӣ, сохтмонӣ ва сантехникӣ, қисмҳои эҳтиётии автомобилӣ, шинаҳои автомобилӣ, парчамҳои давлатӣ, зарфҳои ошхона, рангҳои равғанӣ ва масолеҳи сохтмонӣ | Озмуни кушод | Мол | 49 | 01.11.2024 15:55:55 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак барои бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои КВД БА ҶТ «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Мӯҳлати муқарраршуда муҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставелӣ - 22.**

Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.

# ПРИГЛАШЕНИЕ К УЧАСТИЮ В ТОРГАХ

**Страна**: Республика Таджикистан

**Проект готовности и устойчивости к стихийным бедствиям в Таджикистане**

**Номер гранта МАР:** D9780-TJ

**Идентификационный номер проекта:** P177779

**Наименование контракта:** «Бурение скважины для водоснабжения учебных корпусов противоградовой службы КЧС и ГО в г. Гиссар»

**Номер ссылки:** COE/TPRDP/W-RFQ-03.

Республика Таджикистан получила финансирование от Всемирного банка на покрытие стоимости «Проекта готовности и устойчивости к бедствиям в Таджикистане» и намерена направить часть средств на оплату по контракту на бурение скважины для водоснабжения учебных корпусов противоградовой службы в г. Гиссар Комитета по чрезвычайным ситуациям и гражданской обороне (КЧС и ГО) при Правительстве Республики Таджикистан.

Группа реализации проекта (ГРП) «Проекта готовности и устойчивости к бедствиям в Таджикистане» настоящим приглашает участников торгов, соответствующих требованиям, представить свои ценовые предложения на выполнение следующих работ: Бурение скважины, монтажа оборудования и напорного трубопровода от скважины, электроснабжения, строительство павильона скважины, напорного водовода от скважины до РЧВ, водозаборной колонки.

Торги будут проводиться методом запроса ценовых предложений (RFQ), как указано в «Правилах закупок для заемщиков ИПФ» Всемирного банка от июля 2016 года, пересмотренных в ноябре 2020 года («Правила о закупках»), и открыты для всех правомочных участников, как это определено в Положениях о закупках.

Внимание заинтересованных участников обращается на пункт 3.14 Положения, в котором указано, что у фирм и физических лиц, участвующих в закупках в рамках финансирования инвестиционных проектов банка, не должно быть конфликта интересов.

Ценовые предложения должны быть представлены в Группу реализации проекта (ГРП) в письменном виде на русском языке не позднее 17:00 часов 25 октября 2024 года (лично, по почте, факсу или электронной почте) по нижеуказанному адресу.

Запрос на подачу ценовых предложений установленной формы, с инструкцией, формами и требованиями для предоставления ценового предложения, а также альбомы чертежей и смету объёмов работ можно получить по нижеследующим ссылкам:

**https://cloud.mail.ru/public/wcPd/xbH3ywDF6**

**https://cloud.mail.ru/public/FL9e/TX1qjwRye**

За дополнительной информацией вы можете обратиться по тому же адресу в рабочее время с 9-00 до 17-00 с понедельника по пятницу.

**Адрес:** Комитет по чрезвычайным ситуациям и гражданской обороне при Правительстве Республики Таджикистан, Группа реализации проекта.

734013, г. Душанбе, ул. Лохути 26, Республика Таджикистан.

Тел: (+992 37) 221-91-19, 223-13-11 / моб. 880-00-28-28.

Электронная почта: coordinator@coescd.tj, ps@coescd.tj.

# ЗАПРОС НА ВЫРАЖЕНИЕ ЗАИНТЕРЕСОВАННОСТИ

## (Консалтинговые услуги – отбор фирм)

**РЕСПУБЛИКА ТАДЖИКИСТАН**

**Проект «Повышение готовности и устойчивости к бедствиям в Таджикистане»**

**№ Гранта МАР (Международная Ассоциация Развития):** № D9780-TJ

**Название задания: Мобилизация, адвокатирование и обучение сообществ в области управления рисками стихийных бедствий (с вовлечением женщин - фасилитаторов)**

**Номер ссылки** (согласно Плана закупок): COE/TPRDP/CQS-12

Республика Таджикистан получила финансирование от Всемирного банка для покрытия стоимости проекта «Повышение готовности и устойчивости к бедствиям в Таджикистане» и намеревается покрыть часть расходов на консультационные услуги.

В рамках Компонента 2 Проект направлен на содействие вовлечению женщин в процесс принятия решений по обеспечению готовности и реагированию на стихийные бедствия. Обеспечение учета мнения женщин в процессе обеспечения готовности к стихийным бедствиям может оказать преобразующее воздействие на сообщества, в которых они живут/работают. Вовлечение женщин в процесс подготовки и восстановления помогает преодолеть стереотипы о роли женщин и уменьшить дискриминацию в их отношении. Они также могут помочь повысить безопасность своих семей, в том числе увеличить доход или повысить осведомленность о личной готовности и здоровье.

Целью задания является предоставление консультационных услуг для повышения уровня осведомленности населения о бедствиях, готовности к ним и снижении риска бедствий. Проект предусматривает привлечение местной НПО/ОГО для проведения мероприятий по социальной мобилизации, сбору данных и мероприятий по наращиванию потенциала, которые будут проводиться при содействии республиканского и региональных учебно-методических центров КЧС с акцентом на готовность к бедствиям на уровне общин, включая повышение осведомленности об изменении климата, снижение риска бедствий и адаптацию к изменению климата для различных заинтересованных сторон (местные власти/хукуматы, уязвимые граждане, женщины и т.д.).

Продолжительность консультационного задания составляет 13 месяцев.

Подробное техническое задание (ТЗ) можно найти по ссылке:

**https://cloud.mail.ru/public/iNFn/b69x5AgFB**

Группа реализации проекта (ГРП) «Повышение готовности и устойчивости к бедствиям в Таджикистане» КЧС и ГО приглашает соответствующие консалтинговые фирмы («Консультанты») выразить свою заинтересованность в предоставлении Услуг. Заинтересованные консультанты должны предоставить информацию, подтверждающую, что они обладают необходимой квалификацией и соответствующим опытом для оказания услуг.

**Квалификационные требования к Консультанту (НПО/ОГО):**

• Опыт работы 5 - 10 лет, и продемонстрированные способности в следующих областях: деятельность по обеспечению социальной ответственности на уровне сообществ; наращивание потенциала местного управления; охрана здоровья населения; стратегии выявления и снижения риска бедствий и изменения климата на уровне сообществ;

• Опыт реализации программ на уровне сообществ, финансируемых Всемирным банком и/или другими международными партнерами;

• Опыт работы в программах и проектах в Таджикистане, СНГ, Центральной Азии;

• Хорошее знание местных правил и условий, а также опыт взаимодействия с различными уровнями правительства и сообществами;

• Наличие персонала с соответствующим образованием и достаточным опытом.

Ключевые эксперты не будут оцениваться на этапе составления короткого списка.

Внимание заинтересованных Консультантов обращается на пункты 3.14, 3.16 и 3.17 Раздела III «Правил закупок Всемирного банка для заемщиков в рамках финансирования инвестиционных проектов (IPF): Товары, работы, не консультационные и консалтинговые услуги», июль 2016 года, (редакция от ноября 2020 года), («Правила Закупок»), устанавливающие политику Всемирного банка в отношении конфликта интересов.

Консультанты могут объединяться с другими фирмами для повышения своей квалификации, но должны четко указать, имеет ли ассоциация форму совместного предприятия и/или субконсультационной компании. В случае совместного предприятия все партнеры совместного предприятия несут солидарную ответственность по всему контракту, если они выбраны.

Консультант будет выбран в соответствии с методом «Отбор по квалификации консультанта» (CQS) в соответствии с «Правилами Закупок» Всемирного банка.

Дополнительную информацию можно получить по указанному ниже адресу в рабочее время, т. е. с 09:00 до 17:00 (время местное).

Выражение заинтересованности должно быть доставлено в письменной форме по указанному ниже адресу (лично, по почте, по факсу или по электронной почте) до 17:00 часов 25 октября 2024 года.

Комитет по чрезвычайным ситуациям и гражданской обороне при Правительстве Республики Таджикистан, Группа реализации проекта (ГРП КЧС и ГО).

**Внимание: Сулаймон Исозода, Директор проекта.**

**Улица Лохути, 26, 734013, г. Душанбе, Республика Таджикистан.**

**Тел.: +(992 -37) 221-91-19.**

**Факс: +(992 -37) 223-13-11.**

**Мобильный: + (992) 880-00-28-28.**

**Эл.почта: coordinator@coescd.tj; ps@coescd.tj.**

# ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓ Шаҳодатномаи гумшуда дар бораи бақайдгирии давлатии таъсисёбӣ, Иқтибоси гумшуда аз Феҳрасти ягонаи давлатии бақайдгирии шахсони ҳуқуқӣ ва Гувоҳномаи гумшуда дар бораи додани рақами мушаххаси андозсупоранда, ки онҳоро Нозироти андоз дар ноҳияи Фирдавсӣ ба ҶДММ «Ҷузъи зимистон» (РМА 030013335, РЯМ 0310001560) додааст, эътибор надоранд.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи хонаи истиқоматӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар ноҳияи Варзоб таҳти қайди 193 бо суроғаи ноҳияи Варзоб, деҳоти Чорбоғ, деҳаи Даҳана 20 ноябри соли 1973 ба Одинаев Тағойбек додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати гумшудаи силсилаи Т-АТУ №0510519, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №13-и ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе соли 2018 ба Назаров Садриддин Эраҷович додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №67-и ноҳияи Рӯдакӣ соли 2017 ба Қаюмов Комрон Раҳматуллоевич додааст, эътибор надорад.

✓ Билети ҳарбии гумшудаи силсилаи ҶТ №837486, ки онро Комиссариати ҳарбии ноҳияи Рӯдакӣ 28 декабри соли 2020 ба Шакаров Зиёратшоҳ Файзуллоевич додааст, эътибор надорад.

✓ Билети донишҷӯии гумшуда, ки онро Донишгоҳи технологии Тоҷикистон соли 2022 ба Алиакбарзода Аҳмадҷон додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи гумшуда, ки онро ШВКД -1 дар ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе соли 2024 ба Қурбонов Раҷабалӣ Миралиевич додааст, эътибор надорад.

✓ Дипломи гумшуда, ки онро Донишгоҳи технологии Тоҷикистон соли 2012 бо ихтисоси «Иқтисоди байналмилалӣ» ба Одинаев Маҳмуд Ҷумамуродович додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи нуқтаи хизматрасонӣ ва савдо, ки онро КДФ «БММҒ» дар ноҳияи Рӯдакӣ бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, шаҳраки Сомониён, кӯчаи Исмоили Сомонӣ ба Абдураҳмонов Барот додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати гумшудаи силсилаи Б №184368, ки онро мактаби миёнаи №64-и ноҳияи Ленин (ҳоло муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №96-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе) соли 1987 ба Оев Сафаралӣ Бегович додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи хонаи истиқоматӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе соли 1992 таҳти қайди 31566, бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Маяковский, бинои 79/2, хонаи 51 ба Қаҳоров Бозорбой Мубораковнч додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати гумшудаи силсилаи Т-АТА №0447427, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №65-и ноҳияи Рӯдакӣ соли 2010 ба Кишварова Фотима Мирзомуродовна додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи хонаи истиқоматӣ таҳти рақами кадастрии 07-015-000845, ки онро КДФ «БММҒ» дар ноҳияи Рӯдакӣ 22 ноябри соли 2022 бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, деҳоти Лоҳур, деҳаи Лоҳур ба Хушов Камолиддин (РМА 125809280) додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи хонаи истиқоматӣ таҳти варақаи қайди 4138, ки онро КДФ «БММҒ» дар ноҳияи Рӯдакӣ соли 2009 бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, деҳоти Сарикиштӣ, деҳаи Маҳмадшо ба Ҳоҷиев Саидмурод Сафарович (РМА 125489921) додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи бинои истиқоматӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Воробской, хонаи 1, ба Билолов Дилшод додааст, эътибор надорад.

✓ Билети донишҷӯии гумшуда, ки онро Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистон соли 2020 ба Имомназаров Сожид Ҳасанович додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи гумшуда барои ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродӣ, ки онро Нозироти андоз дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 15 ноябри соли 2017 ба Расулов Атторуддин Юнусович додааст, эътибор надорад.

✓ Сертификати гумшудаи ҳуқуқи истифодабарии замини дараҷаи А №0755780, ки онро Кумитаи заминсозии ноҳияи Варзоб бо суроғаи ноҳияи Варзоб, деҳоти Деҳмалик, деҳаи Такоб ба Меликҷонов Ҳабибулло додааст, эътибор надорад.

✓ Иқтибоси гумшуда аз варақаи бақайдгирии давлатӣ, ки онро КФД «БММҒ» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Раҳимӣ, бинои 11, квартираи 234, ба Ашуров Фаррух Фарҳатович додааст, эътибор надорад.

Садои мардум

Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи давлатдорӣ ва волоияти қонун

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА 68852

Муассис: Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР
Бахтовар КАРИМЗОДА

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
*Абдухолиқ Мирзоев,*
*Далер Абдулло,*
*Ориф Ёдгоров,*
*Сайфиддин Суннатов,*
*Шариф Атобуллоев,*
*Фарзона Файзалиева,*
*Фархунда Абдулҳакимова*

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдӣ Шерозӣ-16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ 238-53-71; Сармуҳаррир факс 221- 36- 04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус 238-53-56; муовин 238-54-52; котибот 238-59-32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва ҳуқуқ 238-58-95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва сиёсати иҷтимоӣ 238-58-91; муҳаррири шуъбаи фарҳанг, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва регламент 238-58-93; муҳаррири шуъбаи мактубҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа 238-52-97; муҳосибот 238- 53- 49; шуъбаи обуна, қабули эълонҳо ва техникӣ 238-54-57; хабарнигорон дар ВМКБ 93-355-51-03; вилояти Хатлон 919-67-88-78, 985-82-81-97; вилояти Суғд 92-773-28-76; ШНТҶ 000-03-03-80, 918-68-40-17.

**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз чор саҳифа, бо шрифти 14, Times New Roman Tj, интервали 1,5 зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

*Ба чопаш 16 октябри соли 2024, соати 10:00 иҷозат дода шуд. Адади нашр 33070 нусха*

**Навбатдорони шумора Ф. Файзалиева ва Ш. Ҳусейнзода**

**Тарроҳони компютерӣ Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров**

**Рӯзномаи «Садои мардум» 30-юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ 97**